# РОҲНАМОИ ФАННИ
# ЗАБОНИ ТОҶИКӢ
# СИНФИ 6-УМ

**барои омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ**

**ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ТАСДИҚ КАРДААСТ**

**ДУШАНБЕ**
**МАОРИФ**
**2017**

**УДК 373. 167. 1 (072)**
**ББК Я72+74.261.4**
**А-57**

**А-57.** С. Анварӣ, Қ. Мухторӣ, С. Набиева, С. Бойбобоева, З. Тошбоева, Ф. Мирзоёров,. **Роҳнамои фанни забони тоҷикӣ** барои синфи 6-ум. Барои омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ. Душанбе, Маориф, 2017, 72саҳ.

**ISBN 978-99947-1-479-7**

**© Маориф, 2017**

**Мундарича**

Сарсухан………………………………………………………………….. 4

Нақшаи тақвимии мавзӯъҳо………………………………………………5

Роҳнамо барои омӯзгор……………………………………………………..9

## САРСУХАН

Таълими салоҳиятнокии хонанда чӣ маънӣ дорад, дар Стандарти давлатии забони модарӣ барои синфҳои 5-11 оварда шудааст. Аммо ин ҷо лозим аст, ки ба баъзе масъалаҳои дигари ба муносибати салоҳиятнокӣ дар таълим ва роҳнамои ба омӯзгор пешниҳодшаванда чанд маълумот дода шавад. Таълими салоҳиятнокии хонанда камтар истифода карданро аз қоидаҳои грамматикӣ дар назар дошта, бештар ба сайқал додани малакаҳои хонандагон дар истифодаи амалии забон нигаронида шудааст.

Ҳамин принсипи муносибат ба таълими забони тоҷикӣ талаб мекунад, ки ҳангоми таълим ба ғайр аз донишу малакаҳои забонӣ дар хонандагон салоҳиятҳои болоифаннӣ ё асосӣ, ки дар зиндагии ҳамарӯза ба хонанда даркор мешаванд, ташаккул дода шавад. Дар маҷмӯъ салоҳиятнокии хонанда дар дарси забони тоҷикӣ ба се гурӯҳи асосӣ ҷудо карда мешавад: салоҳиятҳои болоифаннӣ, салоҳиятҳои иртиботӣ ва салоҳияти забонӣ. Дар таълими салоҳиятҳои забонӣ ва иртиботӣ дар барнома соатҳои ҷудогона нишон дода шудаанд. Омӯзгор мавзӯи бевоситаи забонӣ - овошиносӣ, луғатомӯзӣ, калимасозӣ, ҷумлабандиро дар дарсҳои ташаккули салоҳиятҳои забонӣ ба хонандагон таълим медиҳад. Ҳар кадом мавзӯи забонӣ дар бобҳои ҷудогона таълим дода мешаванд, дар баробари ин соатҳои ҷудогона барои ташаккули салоҳиятҳои иртиботии хонандагон ҷудо карда шудааст. Ҳар як қисмати забон дар доираи соатҳои муайян ва боби муайян ба хонандагон омӯзонида мешавад, дар охир (дар аввал ҳам мумкин аст) ду, се, чор соат, вобаста ба миқдори умумии соатҳои ҳамин боб дарсҳои ташаккули салоҳияти иртиботӣ ба нақша гирифта шудаанд.

Барои ташаккули салоҳияти болоифаннӣ ё асосӣ соати ҷудогона ҷудо карда намешавад, омӯзгор чунин салоҳиятҳоро дар дарсҳои ташаккулдиҳандаи салоҳиятҳои забонӣ ва иртиботӣ инкишоф медиҳад. Салоҳиятҳои асосӣ дар стандарти таълимӣ зикр карда шудаанд. Ҷавҳари онҳоро омодагии хонанда ба муносибати байнишахсӣ, муносибат дар ҷомеа, масъалаҳои ахлоқ, ватандӯстӣ, арҷгузорӣ ба арзишҳои милливу башарӣ ташкил медиҳанд. Омӯзгорро лозим мешавад, ки ҳангоми ташкили фаъолияти таълимии хонандагон ба ташаккули салоҳиятҳои асосӣ диққати ҷиддӣ диҳад. Ба хонандагон салоҳиятҳои муносибати байни ҳамсинфон, эҳтироми ҳамдигар, одоби муошират ва муносибат, ахлоқ, тарбиятро дар ҷараёни таълими фан ва баррасии мавзӯъҳо ташаккул диҳад.

Ҷузъиёти дигари таълими фанни забони тоҷикӣ дар барномаи таълимӣ ва стандарти фаннӣ оварда шудаанд. Боқӣ ба шумо барори кор таманно намуда, умеди он дорем, дар роҳи таълим ва тарбияи насли нав саҳми арзанда мегузоред.

Мураттибони роҳнамои мазкур барои саволҳо, пешниҳоду дархостҳои шумо омодаанд. Барои тамос: почтаи электронӣ: mkutb@mail.ru; firdavs_79@mail.ru.

| № | МУНДАРИҶА | Соат | Сана |
|---|---|---|---|
| **I** | **Такрори дарсҳои синфи V. Фонетика** | **7** | |
| 1. | Фонетика | 1 | |
| 2. | Аломатҳои китобат дар ҷумлаҳои сода ва мураккаб | 1 | |
| 3. | Аломати тире ва нохунак дар нутқи айнан нақлшуда | 1 | |
| 4. | Навъҳои калима аз рӯйи маъно | 1 | |
| 5. | Роҳҳои асосии калимасозӣ | 1 | |
| 6. | Сохт ва имлои исм | 1 | |
| 7. | Сиға ва замонҳои феъл | 1 | |
| 8. | Диктанти санҷишӣ | 1 | |
| **II** | **Сифат ҳамчун ҳиссаи нутқ** | **26+5=31** | |
| 9. | Сифат | 2 | |
| 10. | Сифати аслӣ ва нисбӣ | 2 | |
| 11. | Ифодаи камиву хурдӣ дар сифат | 1 | |
| 12. | Дараҷаҳои сифат | 3 | |
| 13. | Алоқаи сифат бо исм | 2 | |
| 14. | Кор бо матни тасвир (марҳалаи дарк ва баҳодиҳӣ) | 3 | |
| 15. | Диктанти санҷишӣ | 1 | |
| 16. | Калимасозии сифат | 1 | |
| 17. | Пешванд вапасвандҳои сифатсоз | 2 | |
| 18. | Сохти сифат | 1 | |
| 19. | Роҳҳои сохта шудани сифатҳои мураккаб | 2 | |
| 20. | Ба вазифаи исм омадани сифат | 1 | |
| 21. | Имлои сифат | 2 | |
| 22. | Вазифаи сифат дар ҷумла | 1 | |
| 23. | Ҷамъбаст ва арзёбии боби сифат. Кори лоиҳавӣ | 2 | |
| 24. | Кор бо матни тавсифнома (марҳалаи дарк ва баҳодиҳӣ) | 2 | |
| 25. | Диктанти санҷишӣ | 1 | |
| **III** | **Сифати феълӣ** | **8+3=11** | |
| 26. | Сифати феълӣ. Сохти сифати феълӣ | 1 | |
| 27. | Замонҳои сифати феълӣ. Сифати феълии замони гузашта | 1 | |
| 28. | Сифати феълии замони ҳозира. Сифати феълии замони ҳозира-оянда | 1 | |
| 29. | Сифати феъли замони ҳозираи муайян | 1 | |
| 30. | Сифати феъли замони оянда | 1 | |
| 31. | Имлои сифати феълӣ | 1 | |
| 32. | Вазифаи сифати феълӣ дар ҷумла | 1 | |
| 33. | Кор бо матни латифа (марҳалаи баҳодиҳӣ) | 3 | |
| 34. | Диктанти санҷишӣ | 1 | |
| IV | **Феъли ҳол** | **7+2=10** | |
| 35. | Феъли ҳол. | 1 | |
| 36. | Сохт ва имлои феъли ҳол | 1 | |
| 37. | Шаклҳои мутлақ ва давомдори феъли ҳол | 1 | |
| 38. | Замонҳои феъли ҳол | 1 | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| 39. | Вазифаи феъли ҳол дар ҷумла | 1 | |
| 40. | Умумият ва фарқи феъли ҳол аз сифати феълӣ | 1 | |
| 41. | Кор бо матни дархост (марҳалаи дарк, баҳодиҳӣ, таҳия) | 2 | |
| 42. | Такрори бобҳои сифати феълӣ ва феъли ҳол. Кори лоиҳавӣ | 1 | |
| 43. | Диктанти санҷишӣ | 1 | |
| V | **Шумора ҳамчун ҳиссаи нутқ** | **12+5=17** | |
| 44. | Шумора | 1 | |
| 45. | Хелҳои шумора | 1 | |
| 46. | Шумораи аслӣ | 1 | |
| 47. | Шумораи тахминӣ | 1 | |
| 48. | Шумори касрӣ | 1 | |
| 49. | Шумораи тартибӣ | 1 | |
| 50. | Диктанти санҷишӣ | 1 | |
| 51. | Сохти шумора | 1 | |
| 52. | Имлои шумора | 1 | |
| 53. | Шумора ва чизи шумурдашаванда | 1 | |
| 54. | Мувофиқати шумора бо исм ва феъл | 1 | |
| 55. | Вазифаи шумора дар ҷумла | 1 | |
| 56. | Кор бо матни эълон ва нома (марҳалаи тағйирдиҳӣ ва таҳия) | 5 | |
| VI | **Ҷонишин ҳамчун ҳиссаи нутқ** | **18+5+23** | |
| 57. | Ҷонишин | **1** | |
| 58. | Ҷонишини шахсӣ | 2 | |
| 59. | Ҷонишини саволӣ | 2 | |
| 60. | Ҷонишини ишоратӣ | 1 | |
| 61. | Ҷонишини таъйинӣ | 1 | |
| 62. | Кор бо матни нома (марҳалаи тағйирдиҳӣ ва таҳия) | 2 | |
| 63. | Диктанти санҷишӣ | 1 | |
| 64. | Ҷонишини номуайянӣ | 1 | |
| 65. | Ҷонишини манфӣ | 1 | |
| 66. | Ҷонишини нафсӣ (таъкидӣ) | 1 | |
| 67. | Бандакҷонишинҳо (бандакҳои соҳибӣ) | 2 | |
| 68. | Сохти ҷонишин | 2 | |
| 69. | Вазифаи ҷонишин дар ҷумла | 1 | |
| 70. | Кор бо матни ариза (марҳалаи тағйирдиҳӣ ва таҳия) | 2 | |
| 71. | Кор бо матни дархост (марҳалаи таҳия) | 1 | |
| 72. | Такрори мавзӯи ҷонишинҳо | 1 | |
| 73. | Диктанти санҷишӣ | 1 | |
| **VII** | **Такрори солона** | **3** | |

## 1.ТАКРОРИ БОБИ «ФОНЕТИКА»

1.Салоҳиятҳои забонӣ:

--донистан и низоми фонетикии забони тоҷикӣ дар ҷудо кардани фонемаҳои садонок, ҳамсадо, имлои онҳо

2.Салоҳияти иртиботӣ:

-тағйирдиҳӣ ва таҳияи матни табрикнома.

**Максадҳои дарс:** Хонандагон бояд

- гурӯҳи калимаҳоро бо тартиби алифбо нависанд;
- хусусиятҳои фарққунандаи овозҳо ва ҳарфҳоро донанд;

-роҳҳои дурусту беғалат навиштани овозҳои и.ӣ,у,ӯ-ро тавонанд;

-дар тартиб ва навишти матни табрикнома низоми фонетикиро риоя кунанд.

**Маводи таълим:**

Китоби дарсӣ, матнхо аз хазина, замима.

**Равиши дарс:**

1.Лаҳзаи ташкилии дарс. (Риояи одоби салом, баҳисобгирии давомот)

2.Пурсиши вазифаи хонагӣ:

А) Қироат ва баёни мазмуни байтҳо дар хусуси забон ва сухан.

Б) Аҳамият ва зарурати забондонӣ (шарҳи хонандагон ва ҷамъбасти омӯзгор).

3.Баёни мавзӯи нав.

А) Муаррифии мақсади дарс ба хонандагон.

Б) Ангезиши зеҳн. Чаро забони модарӣ мегӯянд? Муҳокимаронии умумӣ.

Такрори боби “Фонетика” (Фонетика як соҳаи илми забоншиносист, ки ҷиҳати овозии забонро меомӯзад. Ҷиҳати овозии забонро **овозҳо, ҳиҷоҳо, зада ва оҳанг** ташкил медиҳад).

**Супориш**. Навиштани панҷтоӣ калима ва онҳоро ба овозҳо ва ҳиҷоҳо тақсим намудан. Ин супориш аз ҷониби хонандагон ба таври инфиродӣ иҷро карда мешавад. Бовар ҳосил намоед, ки ҳамаи хонандагон бо ин супориш кор мекунанд. Интихобан хонандагонро пурсед. Вобаста ба имконияти вақт се-чор нафар хонандаро пурсидан ва аз ҷониби хонандагони дигар онро мустаҳкам намудан мумкин аст.

**Супориш**. Иҷрои машқи 3. Калимаҳои зеринро бо тартиби алифбо нависед. Супориши мазкур низ ба таври инфиродӣ анҷом дода мешавад.

**Кор дар гурӯҳҳои хурд: Супориш ба гурӯҳи 1**. Иҷрои машқи 4. Ба имлои калимаҳои зерин диққат дода, мавридҳои истифодаи **у** (кӯтоҳ) ва **ӯ** (дароз)-ро шарҳ диҳед.

**Супориш ба гурӯҳи 2.** Иҷрои машқи 5: Имлои ҳарфи **ӯ (**дароз)-ро дар калимаҳои пешниҳодшуда фаҳмонед: мӯй, рӯй, бӯй, ҷӯй. Бо онҳо ибора созед.

**Супориш ба гурӯҳи 3.** Иҷрои машқи 6: Фарқи овозҳои ӯ (дароз) ва (кӯтоҳ)-ро дар калимаҳои пешниҳодшуда муайян кунед.

Назорат намоед, ки дар иҷрои супоришҳо ҳамаи хонандагон иштирок намоянд. Барои муаррифии кори гурӯҳҳо вақт ҷудо кунед. Муаррифии ҳар як гурӯҳро шунида, онҳоро ҷамъбаст намоед.

**Супориши умумӣ:** Навиштани табрикнома бо риояи низоми фонетикӣ. Барои навиштани табрикнома вақт диҳед. Пас аз анҷоми вақт (5-7 дақ.) аз рӯйи хоҳиш як табрикномаро хонанда, дар тахта менависад, то вақте ки хонанда табрикномаашро дар тахта менависад, як-ду нафари дигарро шунида, муҳокима намоед. Сипас, табрикномаи дар тахта навишташударо баррасӣ карда, хусусиятҳои фонетикиашро таҳлил намоед.

4.Ҷамъбаст ва арзёбӣ: (баргаштан ба мақсадҳои дарс)

5.Вазифаи хонагӣ. Навиштани табрикнома ва таваҷҷуҳ намудан ба имлои фонемаҳои у ва ӯ.

## 2. АЛОМАТҲОИ КИТОБАТ
## ДАР ҶУМЛАҲОИ СОДА ВА МУРАККАБ

Салоҳияти забонӣ:

- интихоби (истифодаи) аломатҳои китобат барои тақсим кардани матн ба ҷумлаҳо;
- интихоби аломатҳои китобат барои ҷудо кардани ҷузъҳои ҷумла.

Салоҳияти иртиботӣ:

- тағйирдиҳӣ ва таҳияи матни шифоҳӣ ва хаттӣ (дар мисоли эълон, хабар, табрикнома)

**Мақсадҳои дарс**. Хонандагон бояд

- истифодаи дурусти аломатҳои китобатро донанд;
- сабабҳои гузоштани аломатҳои китобатро шарҳ дода тавонанд;
- дар таҳияи матнҳо аломатҳои китобатро истифода бурда тавонанд.

**Маводи таълим:** китоби дарсӣ, замима, хазинаи матнҳо.

**Равиши дарс:**

1.Лаҳзаи ташкилии дарс (ахбори рӯз, нақли ҳодиса, ҳисоботи навбатдор, қайди давомот).

2.Пурсиши вазифаи хонагӣ. Иҷрои супориши додашуда пурсида мешавад. Мавзӯи гузаштаро омӯзгор мустаҳкам менамояд.

3.Баёни мавзӯи нав.

А) Муаррифии мақсадҳои дарс ба хонандагон. Омӯзгор матни зеринро дар тахта навишта, аз хонандагон хоҳиш менамояд, ки аломатҳои китобатро дар ҷойҳои зарурӣ гузоранд ва матнро хонанд:

Б) Ангезиши зеҳн: зарурати истифодаи аломатҳои китобат дар чист? Шунидани ҷавоби хонандагон.

**Кори гурӯҳӣ**. Супоришҳо:

Гурӯҳи1: Таҳияи матнҳои хурд бо истифода аз аломатҳои китобат.

Гурӯҳи 2: Машқи 13. Матнро бихонед ва аломатҳои китобатро шарҳ диҳед.

Гурӯҳи 3: Машқи 14. Ҳангоми хондани матни зерин ба мавқеи аломатҳои китобат диққат диҳед.

Гурӯҳи 4: Машқи 15. Шеърҳоро бихонед ва сабабҳои гузоштани сенуқта, вергул ва нуқтаро бигӯед.

**Муаррифии супоришҳои додашуда**.

**Супориши умумӣ:** Таҳияи табрикнома, хабар ё эълон (интихобан) бо истифодаи миқдори максималии (кӣ бештар аломатҳоро истифода мебарад) аломатҳои китобат.

**Пурсиш** ва муҳокимаронии умумии дар хусуси супориш.

4. Ҷамъбаст ва арзёбӣ: (баргаштан ба мақсадҳои дарс)

5. Вазифаи хонагӣ. Таҳияи матни эълон бо истифодаи аломатҳои китобат.

## 3. АЛОМАТИ ТИРЕ ВА НОХУНАК ДАР НУТҚИ АЙНАН НАҚЛШУДА

**Салоҳиятҳо:**

–истифодаи интонатсия барои ифодаи аломатҳои китобат дар нутқи айнан нақлшуда;

–интихоби аломатҳои китобат барои тақсим кардани ҷумлаҳои мураккаб ба ҷузъҳо;

–шинохтани ва истифодаи дурусти аломати тире ва нохунак дар нутқи айнан нақлшуда

**Мақсадҳои дарс. Хонандагон бояд:**

- проблемаро муайян карда тавонанд;
- мақсад ва вазифаҳои таълимро муқаррар намоянд;
- ба сатҳи дониш, маҳорат ва малакаи худ баҳо дода тавонанд;
- бо хазинаи мавод кор карда тавонанд;
- вазифаи аломати тире ва нохунакро дар нутқи айнан нақлшуда шарҳ диҳанд;
- ҳангоми қироати матн ба мавқеи тире ва нохунак эътибор диҳад;

**Маводи таълим:** китоби дарсӣ, 4 дона ватман, қаламҳои ранга

Равиши дарс

1. Лаҳзаи ташкилии дарс. ( Риояи одоби салом, баҳисобгирии давомот).
2. Пурсиши вазифаи хонагӣ:
3. Баёни мавзӯи нав.

А) Муаррифии мақсади дарс ба хонандагон;

Б) Ангезиши зеҳн. То кадом андоза ба истифодаи аломатҳои китобат зарур ҳаст? Марҳамат, мустақилона фикр кунед, қайдҳоятонро дар дафтар нависед. Интихобан шунидани ҷавобҳо.

**Кори гурӯҳӣ. Супориш:**

Гурӯҳи 1. Ба дафтаратон он аломатҳои китобиро нависед, ки мавриди истифодаашонро медонед.

Гурӯҳи 2. Аз саҳифаи 15-и китоби дарсӣ, машқи 17-ро хонед, гӯед, дар он аломатҳо чӣ вазифаро иҷро кардаанд.

Гурӯҳи 3. Машқи 18-ро аз саҳифаи 15-и китоби дарсӣ хонед, гӯед, дар он аломатҳо чӣ вазифаро иҷро кардаанд.

Гурӯҳи 4. Дар мавзӯи «Дар китобхонаи мактаб» муколама созед, истифодаи аломатҳои тире ва нохунакро дар он шарҳ диҳед.

**Муаррифии кори гурӯҳҳо.**

4. Ҷамъбаст ва арзёбӣ: (баргаштан ба мақсадҳои дарс)
5. Вазифаи хонагӣ: Ҷамъоварии матни эълон.

## 4.НАВЪҲОИ КАЛИМА АЗ РУЙИ МАЪНО
### (салоҳияти иртиботӣ: кор бо матни табрикнома)

Салоҳияти забонӣ:

- -донистан ва ҷудо кардани маънои аслӣ ва маҷозии калима;
- истифодаи луғатҳои тафсирӣ ва дузабона;
- аз рӯйи маъно ҷудо карда тавонистани калимаҳо.

Салоҳияти иртиботӣ:

- тағйирдиҳӣ ва таҳияи матнҳо дар мисоли жанри хабар.

**Мақсадҳои дарс:** Хонандагон бояд

- калимаҳоро аз рӯйи маъно ба гурӯҳҳо ҷудо карда тавонанд;
- маънои аслӣ ва маҷозии калимаҳоро муайян карда тавонанд;
- ба маънои аслӣ ва маҷоӣ мисол биёранд;
- мафҳуми калимаи маҷозро шарҳу эзоҳ дода тавонанд;
- бо истифодаи калимаҳои аслӣ ва маҷозӣ матни хабарро таҳия карда тавонанд.

**Маводи таълим:** китоби дарсӣ, китоби «Фарҳанги забони тоҷикӣ», замима, хазинаи мавод.

**Равиши дарс:**

1.Лаҳзаи ташкилии дарс (ҳисоботи навбатдори синф, қайди давомот).

2.Пурсиши вазифаи хонагӣ: Интихобан шунидан ва дар тахтаи синф таҳлил намудани матни эълонҳо, ки хонандагон овардаанд. Омӯзгор дар ин маврид ба истифодаи аломатҳои китобат, сарҳади ҷумлаҳои сода ва мураккаб таваҷҷуҳи махсус зоҳир мекунад.

3.Баёни мавзӯи нав.

Муаррифии мақсади дарс.

Ангезиши зеҳн. Кӣ бо калимаи *рӯй* бештар ибора месозад? Намунаҳои хонандагон дар тахта навишта мешаванд: рӯйи одам, рӯйи хона, рӯйи санг, рӯйи гарм, рӯйи хунук .... . Дар охир омӯзгор шарҳ медиҳад, ки калимаҳо маъноҳои маҷозӣ мегиранд ва сермаъно мешаванд.

**Супориш**: кори инфиродӣ. Иҷрои машқи 22. Матнро бихонед ва калимаҳоро аз рӯйи маъно ба гурӯҳҳо ҷудо кунед. Пас аз анҷоми вақти ҷудо кардашуда омӯзгор дафтарҳои хонандагонро аз назар мегузаронад ва интихобан аз чанд нафар мепурсад: Кадом калимаҳо ба маънои аслӣ омадаанд? Онҳо чӣ маънӣ доранд? Кадом калимаҳо ба маънои маҷозӣ омадаанд ва чӣ маънӣ доранд?

**Супориш**: Машқи 23. Китобҳои луғатро номбар бикунед ва аҳамияти онҳоро бигӯед.

Барои санҷиши дониши хонандагон ва самаранокии истифодаи вақт метавонем иҷрои машқҳоро бо129 таври гурӯҳӣ ба роҳ монем.

Гурӯҳ 1. Машқи 24. Супориш: Матнро бихонед ва ибораҳои ишорашударо аз ҷиҳати маъно муқоиса кунед.

Гурӯҳи 2. Машқи 25. Супориш: Матнро бихонед ва маънои ибора ва ҷумлаҳои бо ранги сиёҳ ишорашударо нависед.

| Ибора ё ҷумла | | Шарҳи маъно | |
|---|---|---|---|
| | | | |
| | | | |
| | | | |

Гурӯҳи 3. Машқи 26. Супориш: Ибораҳоро нависед, маънои аслӣ ва маҷозии онҳоро муайян кунед.

| Ибораҳо | | Шарҳи маъно | |
|---|---|---|---|
| | | | |
| | | | |
| | | | |

Гурӯҳи 4. Машқи 27. Супориш: Бо ибораҳо ҷумлаҳо тартиб диҳед.

Муаррифии корҳои гурӯҳӣ:

Ба хонандагон супориш диҳед, то шарҳи вожаи **маҷоз-**ро бихонанд. Китобҳоро пӯшонанд ва фикри худро бо мисолҳо баён кунанд (агар бачаҳо хоҳиши бори дигар хондан дошта бошанд, ба онҳо имкон дода шавад).

**Кори мустақилона.**

- Таҳияи матни табрикнома бо истифодаи калимаю ибораҳои маҷозӣ.
- Интихобан қироат кардани матнҳои таҳияшуда.

4.Ҷамъбаст ва арзёбӣ: (баргаштан ба мақсадҳои дарс).

5.Вазифаи хонагӣ.Таҳияи табрикнома ба зожрӯзи бародар.

## 5. РОҲҲОИ АСОСИИ КАЛИМАСОЗӢ
### (салоҳияти иртиботӣ: Машғулият аз рӯйи матни табрикнома)

1.Салоҳиятҳои забонӣ:

Интихоби якҷоя ва ҷудо навиштани калимаю ибораҳое, ки аз якчанд реша ва гурӯҳи калимаҳо ташкил ёфтаанд; (интихоби байни калимаҳои мураккаб ва таркибӣ).

Тағйирдиҳӣ ва таҳияи жанрҳо дар мисоли табрикнома.

**Мақсадҳои дарс.** Хонандагон бояд

-калимаҳои сохтаву мураккабро аз ҳамдигар фарқ карда тавонанд;

-бо истифодаи пешванду пасвандҳо исму сифат сохта тавонанд;

- унсурҳои калимасозро дар калимаҳои хамреша муайян карда тавонанд;

-бо истифодаи калимаҳои содаву мураккаб ва унсурҳои калимасоз матни табрикномаро таҳия карда тавонанд;

-унсурҳои матнро гурӯҳбандӣ карда тавонанд;

-шиносномаи табрикномаро таҳия карда тавонанд.

**Маводи таълим:** китоби дарсӣ, хазинаи мавод, замима.

**Равиши дарс:**

1. Лаҳзаи ташкилии дарс: ҳисоботи навбатдор, қайди давомот.

2. Пурсиши вазифаи хонагӣ:

А) Навъҳои табрикномаро аз машғулиятҳои гузашта ба хотир меорем.

Б) Оё хонандагон фарқи табрикномаҳоро муайян карда тавонистаанд?

в) Онҳоро гурӯҳбандӣ ва рақамгузорӣ кардаанд?

г) Мавзӯъ ва мақсади табрикномаҳоро дарк кардаанд? (санҷиш ва баҳогузорӣ ба ҷавоби хонандагон)

3. Баёни мавзӯи нав.

А) Муаррифии мақсадҳои дарс ба хонандагон.

Б) Ангезиши зеҳн. Калимаҳои нав дар забон чӣ хел пайдо мешаванд? Бо кадом роҳҳо мо калимаи нав месозем? Андешаҳои хонандагон шунида мешавад, омӯзгор назари хонандагонро тақвият медиҳад, ислоҳ мекунад ва дар мавриди бо пешванду пасвандҳо сохта шудани калимаҳо маълумот медиҳад: Калимаҳои нав бо воситаи пешванду пасвандҳо, ба ҳам пайвастани решаи калимаҳо сохта мешаванд.

Бо роҳи алоқаманд намудани мавзӯи нав ба мавзӯъҳои гузашта ба иҷрои машқу супоришҳо оғоз мекунем.

Машқи 48. Супориш: матни зеринро хонед ва калимаҳои сохтаву мураккаби онро муайян бикунед. Фарки калимаҳои содаро аз калимаҳои мураккаб бигӯед.

Машки 50. Супориш: матнҳои зеринро бихонед ва бигӯед, ки калимаҳои мураккаби ин байтҳо бо кадом роҳ ташаккул ёфтаанд?

**Кори гурӯҳӣ:**

Гурӯҳи якум: машқи 51. Супориш: ҷумлаҳое тартиб диҳед ё аз назму наср мисоле биёред, ки сифату феълҳои **муйсафед, неку бад, гарму сард, даромад** ва **баромад** чун исм истифода шаванд.

Гурӯҳи дуюм: машқи 52. Супориш: матнҳоро бихонед ва калимахои мураккабро маънидод кунед. Аз матни манзум сохти калимаҳои «**ҷонвар» ва «одамӣ»-ро** шарҳ диҳед.

Гурӯҳи сеюм: машқи 53. Супориш: аҳамияти унсурҳои калимасозро бо мисолҳо шарҳ диҳед ва гӯед, ки чаро калимаҳои **«дониш, донишманд, бедониш»-ро** ҳамреша меноманд?

Гурӯҳи чорум: машқи 54.Супориш: матни зеринро бихонед ва бандакҳоро муайян кунед.

Кор дар гурӯҳҳои хурд.

**Супориш:** бо хазинаи табрикномаҳо шинос шуда, аломатҳои асосии табрикномаҳоро муайян кунед.

Табрикнома ба кадом муносибат навишта шудааст? (ба рӯзи ид, ҷашнвора, зодрӯз, хатми мактаб…);

4.Ҷамъбаст ва арзёбӣ: (баргаштан ба мақсадҳои дарс, мустаҳкамкунӣ, эълони баҳо).

5. Вазифаи хонагӣ: Супориш. Такмили шиносномаи табрикнома.

## 6.СОХТ ВА ИМЛОИ ИСМ

**Салоҳиятҳо:**

- -донистан ва ҷудо кардани исм ҳамчун ҳиссаи мустақили нутқ, хусусиятҳо, категорияҳои грамматикии он, калимасозии исм.

**Мақсадҳои дарс. Хонандагон бояд**

–ба чанд навъ ҷудо шудани исмҳоро аз рӯйи сохт номбар карда, бо мисолҳо фаҳмонда тавонанд;

–дар нутқи хаттӣ ва шифоҳӣ исмҳоро истифода карда тавонанд;

**Маводи таълим:** китоби дарсӣ, варақаҳои таълим, матн

**Равиши дарс:**

1. Лаҳзаи ташкилии дарс: ( Риояи мулоқот, ҳисобгирии давомот).

2. Пурсиши вазифаи хонагӣ**:**

**А)** Чӣ гуна калимаҳоро исм мегӯянд?

Б) Исмҳои моддӣ аз исмҳои маънӣ чӣ фарқ доранд? Кулл аз ҷузъ чӣ?

**3.** Баёни мавзӯи нав.

А) Муаррифии мақсади дарс ба хонандагон;

Б) Ангезиши зеҳн. Ба андешаи шумо, сохти исм гуфта чиро дар назар доранд?

**Супориш:**

А) Калимаҳои зерро ба ҳиссаҳои маънодор ҷудо намоед ва сохти онҳоро муайян кунед: сардор, даста, хоҳархонд, гӯша, мола, нола, сабза, сиёҳӣ, сӯзанак, бандак, харак, боғбон, хӯрок, пӯшок, , дастгоҳ, корхона, гулоб, гулдаста, дутор, Чоргул, Чорбед, гармсел, душанбе.

Б) Хонандагонро водор намоед, ки ба хотир оранд: *Калима аз рӯйи сохт чанд хел мешавад?*

в) Бигзор, худи бачаҳо қоидаро таҳия кунанд:

**-***Исмҳо аз рӯйи сохт ______, _______, __________ ва __________ мешаванд.*

г) “Зуд ва бехато”. Кор дар гурӯҳҳо. Ба бачаҳо дастур диҳед, то нақшаи зеринро аз рӯйи қоидаи боло пур кунанд. (5 дақиқа вақт дода мешавад).

| т/р | Сода | Сохта | Мураккаб | Таркибӣ |
|---|---|---|---|---|
| 1. | | | | |

4. Ҷамъбаст ва арзёбӣ: (баргаштан ба мақсадҳои дарс)

5. Вазифаи хонагӣ**.** Аз рӯзнома ва маҷаллаҳои дар хона доштаатон 5-то ҷумла нависед ва ба имлои исмҳо диққат диҳед.

## 7. СИҒА ВА ЗАМОНҲОИ ФЕЪЛ

**Салоҳиятҳо:**

- -донистан ва ҷудо кардани ҳиссаҳои мустақили нутқ, хусусиятҳо, категорияҳои грамматикии онҳо, хусусияти калимасозии ҳиссаҳои нутқ.

**Мақсадҳои дарс**: Хонандагон бояд

–дар нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ шаклҳои феълиро фарқ карда тавонанд;

–дар нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ сиға ва замонҳои феълро муайян карда тавонанд.

**Маводхои таълим:** китоби дарсӣ, хазинаи мавод, замима.

**Равиши дарс:**

1. Лаҳзаи ташкили дарс: риояи одоби салом, баҳисобгирии давомот.
2. Пурсиши вазифаи хонагӣ:
   1. Дар мисолҳои шумо кадом исмҳо якҷоя навишта шудаанд?
   2. Кадом пешванду пасвандҳо бо решаи калима якҷоя навишта мешаванд?
3. Баёни мавзӯи нав.

А) Муаррифии мақсади дарс ба хонандагон;

Б) Ангезиши зеҳн. Шумо дар бораи сиғаҳои феъл чиро медонед ё гумон мекунед, ки медонед? Марҳамат, мустақилона фикр мекунем ва андешаҳои худро мухтасаран дар дафтар қайд мекунем. Пас аз 4-5 дақиқа муаллим назари хонандагонро пурсида, дар тахтаи синф қайд мекунад.

Сипас, аз хонандагон хоҳиш мекунад, ки матнро бо аломатгузорӣ хонанд. Бо қалам дар паҳлуи калимаву ифодаҳои зарурӣ ишораҳо гузоранд. Матнро хонда, дар паҳлуи ахборе, ки барояшон шинос аст, яъне медонанд, аломати «V», дар паҳлуи маълумоте, ки барояшон нав аст, аломати «+» ва дар паҳлуи маълумоте, ки ба дурустиаш шубҳа доранд, аломати «-» ва бо маълумоте, ки онҳо дар ин бора пеш медонистан д, мухолиф аст, ё савол доранд, аломати «?» мегузоранд.

Матни №14. Дар Замима барои салоҳияти забонӣ барои хониш бо чунин усул пешниҳод карда мешавад.

Пас аз хониши матн омӯзгор ҷадвали зеринро дар тахта мекашад ва сутунҳоро батартиб пур мекунад, хонандагон аввал андешаҳояшонро доир ба сутуни «медонистам», «V», сипас ахбори нав ва ғайра мегӯянд, муаллим дар ҷадвал қайд мекунад:

**Ҷадвали аломатгузорӣ**

| Медонистам «+» | Ахбори нав «+» | Шубҳа дорам «-» | Нофаҳмо аст ё савол дорам «?» |
|---|---|---|---|
| | | | |

4. Ҷамъбаст ва арзёбӣ (баргаштан ба мақсадҳои дарс).
5. Вазифаи хонагӣ: Навиштани машқи 78

## 8. ДИКТАНТИ САНҶИШӢ

## 9. СИФАТ (дарси 1)

**Салоҳиятҳо:**

- -донистан ва ҷудо кардани сифат ҳамчун ҳиссаҳои мустақили нутқ, хусусиятҳо, категорияҳои грамматикии сифат, хусусияти калимасозии ҳиссаҳои нутқ дар мисоли сифат.

**Мақсадҳои таълимӣ:**

- дар нутқи шифоҳӣ ва матн шинохтани сифат;
- истифодаи бамавриди сифат дар нутқи хаттӣ ва шифоҳӣ.

**Равиши дарс:**

1. Лаҳзаи ташкили дарс (Риояи одоби салом, баҳисобгирии давомот).
2. Пурсиши вазифаи хонагӣ (аз рӯйи машқи 78):

А) Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки донишҳои худро дар бораи сиғаҳои феъл ба хотир оранд.

Б) -донистан и корбурди дурусти сиғаҳои феъл зарур аст?

3.Баёни мавзӯи нав.

А) Муаррифии мақсади дарс ба хонандагон;

Б) Ангезиши зеҳн. Шумо сифат ё аломатҳоро дар алоҳидагӣ бе предметҳо тасаввур карда метавонед? Агар не, чаро? Агар, ҳа, чӣ гуна? Марҳамат, назари худро дар шакли эссеи кӯтоҳакак мустақилона нависед.

Шунидани эссеҳои хонандагон интихобан ва баровардани хулоса: бале, аломат ҳамеша ба ягон ашё дахл дорад.

Биёед, дар бораи сифатҳо суҳбат мекунем. Сифат ҳиссаи нутқест, ки аломат ва чигунагии касе ё чизеро ифода мекунад ва ба саволҳои чӣ хел? чӣ гуна? ҷавоб мешавад.

4.Ҷамъбаст ва арзёбӣ: (баргаштан ба мақсадҳои дарс)

5.Вазифаи хонагӣ: Иҷрои машқи 88.

9. СИФАТ (дарси 2)

**Салоҳиятҳо:**

- -донистан ва ҷудо кардани сифат ҳамчун ҳиссаи мустақили нутқ, хусусиятҳо, категорияҳои грамматикии он.

**Мақсадҳои таълимӣ:**

- дар матн ва нутқи шифоҳӣ дуруст истеъмол кардани сифат;
- сифатҳоро дар нутқи хаттӣ ва шифоҳӣ шинохта тавонад.

**Равиши дарс:**

1. Лаҳзаи ташкили дарс (Риояи одоби салом, баҳисобгирии давомот).
2. Пурсиши вазифаи хонагӣ (аз рӯйи машқи 88):

А) Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки донишҳои худро дар бораи сифат ба хотир оранд.

Б) -донистан и корбурди дурусти сифатҳо чӣ аҳамият дорад?

В) Иҷрои машқи 88

3. Баёни мавзӯи нав.

А) Муаррифии мақсади дарс ба хонандагон;

Б) Ангезиши зеҳн. Ба андешаи шумо кадом ҳиссаи нутқ аломати предметро муайян карда метавонад?

Акнун биёед, дар бораи сифатҳо суҳбат мекунем. Сифат он ҳиссаи нутқест, ки аломат ва чигунагии касе ё чизеро ифода мекунад ва ба саволҳои Чӣ хел? Чӣ гуна? ҷавоб мешавад.

4.Ҷамъбаст ва арзёбӣ: (баргаштан ба мақсадҳои дарс)

5.Вазифаи хонагӣ: Иҷрои машқи 91

## 10.СИФАТҲОИ АСЛӢ ВА НИСБӢ (дарси 1)

**Салоҳиятҳо:**

-донистан ва ҷудо кардани сифат ҳамчун ҳиссаи мустақили нутқ, хусусиятҳо, категорияҳои грамматикии он;

**Мақсадҳои дарс**: Хонандагон бояд

-сифатро дар ҷумла ва матн муайян карда тавонанд;

- оид ба вазифаи наҳвии сифат маълумот гиранд ва зимни таҳлил он вазифаҳоро шарҳ диҳанд;

-дар асоси муқоиса навъҳои сифат, сифатҳои аслӣ ва нисбиро муқаррар намоянд;

**Маводи таълим:** китоби дарсӣ, матнҳо аз хазина, замима

**Равиши дарс:**

1.Лаҳзаи ташкили дарс: (Риояи одоби салом, ҳисобгирии давомот).

2. Пурсиши вазифаи хонагӣ: (машқи 91)

А) Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки маълумотҳои худро дар бораи сифатҳои аслӣ баён кунанд.

Б) -донистан и корбурди дурусти сифатҳои аслӣ чӣ аҳамият дорад?

3. Баёни мавзӯи нав.

А) Муарифии мақсади дарс ба хонандагон:

Б) Ангезиши зеҳн. Чаро сифат, исм, феъл ва ҷонишин мегӯянд. Оё миёни ин ҳиссаҳои нутқ ягон робитаи маъноӣ вуҷуд дорад? Марҳамат, назари худро дар шакли эссеи кӯтоҳакак мустақилона нависед.

Шунидани эссеҳои хонандагон интихобан ва баровардани хулоса: Бале, аломат ҳамеша ба ягон ашё дахл дорад.

Сифатҳо аз рӯйи маъно ба ду гурӯҳ: аслӣ ва нисбӣ ҷудо мешаванд. Сифатҳои аслӣ аломати аслии предметро ифода мекунанд: *одами ҳалим, кӯдаки шӯх, чеҳраи гарм, донаки талх…* Сифати аслӣ аломати хоси исмро мефаҳмонад.

**Супориш**:

-муаллим аломатҳои зеринро бо яктоӣ мисол дар тахта менависад ва аз хонандагон хоҳиш менамояд, ки онҳоро давом диҳанд:

А) ранг: сафед, сурх, зард, сиёҳ

Б) ҳаҷм: калон, хурд, дароз, кӯтоҳ.

в) таъм: бомаза, бемаза, турш, талх.

г) хусусият: хуб, бад, боирода, сустмиҷоз

ғ) масоҳат: дур, наздик

д) аломати предмет аз ҷиҳати вақт: баҳорӣ, тирамоҳӣ, бегоҳӣ

е) аломати предмет аз ҷиҳати таинот: замона, хонагӣ, кӯҳӣ

ё) нисбат ба воситаи иҷро: ҳунари дастӣ, асбоби барқӣ

ж) аз чӣ сохта шаванд: бели оҳанин, чӯбин

4. Ҷамъбаст ва арзёбӣ: (баргаштан ба мақсадҳои дарс)

5. Вазифаи хонагӣ: Иҷрои машқи 93

## 10. СИФАТҲОИ АСЛӢ ВА НИСБӢ (дарси 2)

**Салоҳиятҳо:**

--донистан ва ҷудо кардани сифат ҳамчун ҳиссаи мустақили нутқ, хусусиятҳо, категорияҳои грамматикии он.

**Мақсадҳои дарс**: Хонандагон бояд

- сифатро дар нутқи шифоҳию хаттӣ дуруст истифода карда тавонанд;

-роҳу воситаҳои сохта шудани сифатро донанд ва бо пасванду пешвандҳо сифат сохта ва дар нутқ истифода бурда тавонад;

- сохти сифатҳоро муқаррар карда тавонад;
- муродифу мутазоди сифатҳоро дуруст интихоб карда тавонанд.

**Равиши дарс:**

1. Лаҳзаи ташкили дарс: риояи одоби салом, баҳисобгирии давомот.

2. Пурсиши вазифаи хонагӣ:

А) Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки донишҳои худро дар бораи сифатҳои аслӣ ба хотир оранд.

Б) -донистан и корбурди дурусти сифатҳои аслӣ чӣ аҳамият дорад?

3. Баёни мавзӯи нав.

А) муаррифии мақсади дарс ба хонандагон:

Б) Ангезиши зеҳн. Барои чӣ сифатро хиссаи мустакили нутк мехисобанд? Назари худро хонандагон бо чанд ҷумла нависанд.

Чунон ки дар дарсҳои гузашта қайд намудем, сифатҳо аз рӯйи вазифа ва маъно ба ду гурӯҳ: аслӣ ва нисбӣ ҷудо мешаванд.

Сифати нисбӣ аломатро нисбат ба чизе (макон, замон ) ё касе мефаҳмонад, аз калимаҳои дигар бо пасвандҳои -ӣ (-чӣ),-ин (-ина) -она сохта мешавад: *девори хиштӣ, кулоҳи чармӣ, рӯймоли пашмӣ, кӯзаи сафолӣ, ҷавони сабзина, чеҳраи гандумгун.* Сифатҳои нисбӣ аломати предметро аз рӯйи нисбаташ ба предмети дигар мефаҳмонанд: дарвозаи чӯбин, кишти баҳорӣ, соати деворӣ…

**Супориш**:

-муаллим аломатҳои чанд предмети дар синф мавчудбударо дар тахтаи синф менависад ва аз хонандагон хоҳиш менамояд, ки сифати онҳоро пайдо намуда дар дафтарашон нависанд.

4. Ҷамъбаст ва арзёбӣ: (баргаштан ба мақсадҳои дарс)

5. Вазифаи хонагӣ: Иҷрои машқи 96.

## 11. ИФОДАИ ХУРДИЮ НАВОЗИШ ДАР СИФАТ

**Салоҳиятҳо:**

-донистан ва ҷудо кардани хусусиятҳои луғавию грамматикии сифат.

**Мақсадҳои таълимӣ:**

– дар нутқи шифоҳӣ ва матн шинохтани сифат;
– истифодаи бамавриди сифат дар нутқи хаттӣ ва шифоҳӣ.

**Равиши дарс:**

1. Лаҳзаи ташкили дарс (Риояи одоби салом, баҳисобгирии давомот).

2. Пурсиши вазифаи хонагӣ:

А) Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки донишҳои худро дар бораи навъҳои сифат ба хотир оранд.

Б) Корбурди дурусти сифатҳо чӣ аҳамияте дар муошират дорад?

3.Баёни мавзӯи нав.

А) Муаррифии мақсади дарс ба хонандагон;

Б) Ангезиши зеҳн: Шумо камию хурдӣ дар сифатро чи гуна мефаҳмед? Биёед, дар бораи ифодаи камию хурдӣ дар сифат суҳбат мекунем. Нишонаи камиву хурдӣ ва навозиш пасвандҳои –ак (-як), -акак (-якак), -тоб, -ина мебошанд. Ин пасвандҳо камӣ ва хурдии аломати предметро мефаҳмонанд, чунончи: нони гармакак, марди сиёҳтоб, ҷавони сабзина.

**Супориш:** Бо пасвандҳои ифодагари нишонаи камиву хурдӣ ва навозиш иборахо тартиб диҳед.

4.Ҷамъбаст ва арзёбӣ: (баргаштан ба мақсадҳои дарс)

5.Вазифаи хонагӣ: Иҷрои машқи 97.

## 12. ДАРАҶАҲОИ СИФАТ (дарси 1)

**Салоҳиятҳо:**

--донистан ва ҷудо кардани сифат ҳамчун ҳиссаи мустақили нутқ, хусусиятҳо, категорияҳои грамматикии он.

**Мақсадҳои дарс: Хонандагон бояд**

– дар нутқи шифоҳӣ ва матн дараҷаҳои сифатро донанд ва ҷудо карда тавонанд;

– дараҷаҳои сифатро дар нутқи хаттӣ ва шифоҳӣ бамаврид истифода баранд;

**Маводи таълим:**

Китоби дарсӣ, матнҳо аз хазина, замима.

**Равиши дарс:**

1. Лаҳзаи ташкилии дарс: ахбори рӯз, риояи одоби салом, ҳисобгирии давомот.

2.Пурсиши вазифаи хонагӣ:

А) Сифат чист? Мисолҳо оред(дар асоси машқи 97)

Б) Сифат чанд хел мешавад?

3. Баёни мавзӯи нав.

А) Муаррифии мақсади дарс ба хонандагон;

Б) Ангезиши зеҳн. Аз хонандагон пурсед, ки бартарӣ ё норасоии аломати ашёҳоро бо кадом роҳҳо -донистан мумкин аст. Назарҳоро шунавед, дар сурати баён нашудани калимаи «муқоиса» луқма партоед, то ба ҳамин хулоса омада расанд. Сипас, ба баёни қоидаи дараҷаҳои сифат гузаред: Бартарию афзунии касе бар касе ё чизе бар чизе дар қиёс маълум мешавад. Воситаи муқоиса пасвандҳои -тар,-тарин мебошад: аз ҳама, ниҳоят, бағоят: сап-сафед, каб-кабуд, сип-сиёҳ, суп-сурх, заб-зард. Сифат дар дараҷаи одӣ аломатро бидуни қиёс ифода мекунад: *Духтаре дорам соҳиби ҳусну ҷамол ва ахлоқи писандида. Писандидатарин кас чу фарзанд нест. Чу пайванди фарзанд пайванд нест. Шарифтарини ҳама чизҳо ақл аст, ки аз ҳама ҳунарҳо беҳтарин ҳунаре сухан гуфтан аст.*

**Супориш:**

-аз хонандагон хоҳиш кунед, ки машқи 98-ро хонда, сифатҳои онро аз рӯйи дараҷаҳо дар ҷадвал нависанд:

| Дараҷаи одӣ | Дараҷаи қиёсӣ | Дараҷаи олӣ |
|---|---|---|
| | | |

**Супориш:**

Кор дар гурӯҳҳои хурд:

-супориш барои гурӯҳи 1. саҳ. 58. мафҳуми хурдию навозишро хонда, аз рӯйи он муаррифӣ омода созанд.

-Гурӯҳи 2. Дараҷаи одии сифатро шарҳ дода, бо мисолҳо фаҳмонанд.

-Гурӯҳи 3. Дараҷаи қиёсии сифатро шарҳ дода, бо мисолҳо фаҳмонанд.

-Гурӯҳи 4. Дараҷаи олии сифатро шарҳ дода, бо мисолҳо фаҳмонанд.

1) Муаррифии кори гурӯҳҳо.

2) Навиштани эссеи кӯтоҳ дар мавзӯи «Баҳори Ватан» бо истифодаи сифатҳои гуногун.

4. Ҷамъбаст ва арзёбӣ: (баргаштан ба мақсадҳои дарс)

5. Вазифаи хонагӣ: Иҷрои машқи 98.

## 12.ДАРАҶАҲОИ СИФАТ (дарси 2)

**Салоҳиятҳо:**

-донистан ва ҷудо кардани хусусиятҳои луғавию грамматикии сифат ҳамчун ҳиссаи мустақили нутқ, хусусиятҳо, категорияҳои грамматикии он.

**Мақсадҳои дарс: Хонандагон бояд**

- дар нутқи шифоҳӣ ва матн дараҷаҳои сифатро истифода карда тавонанд;
- дараҷаҳои сифатро дар нутқи хаттӣ ва шифоҳӣ бамаврид истифода баранд;

**Маводи таълим:** китоби дарсӣ, матнҳо аз хазина, замима.

**Равиши дарс:**

1. Лаҳзаи ташкилии дарс: (Ахбори рӯз, риояи одоби салом, баҳисобгирии давомот).

2.Пурсиши вазифаи хонагӣ:

А) Сифат чанд дараҷа дорад? Мисолҳо оред

Б) Дараҷаи одии сифат аз дигар дараҷаҳояш чӣ фарқ дорад?

3. Баёни мавзӯи нав.

А) Муаррифии мақсади дарс ба хонандагон;

Б) Ангезиши зеҳн. Аз хонандагон пурсед, ки дараҷаҳои сифат барои чӣ заруранд? Назарҳоро шунавед, дар сурати баён нашудани калимаи «муқоиса» луқма партоед, то ба ҳамин хулоса омада расанд. Сипас ба баёни қоидаи дараҷаҳои сифат гузаред: Афзалияту афзунии касе бар касе ё чизе бар чизе дар қиёс маълум мешавад. Воситаи муқоиса пасвандҳои -тар, -тарин мебошад: аз ҳама, ниҳоят, бағоят, сап-сафед, каб -кабуд, сип -сиёҳ, суп-сурх, заб- зард,- дараҷаи олӣ мебошад. Сифат дар дараҷаи одӣ аломатро бидуни қиёс ифода мекунад.

**Супориш:**

-аз хонандагон хоҳиш кунед, ки аз китоби дарсӣ матнҳои саҳифаи 59-ро хонда, сифатҳои онҳоро аз рӯйи дараҷаҳо дар ҷадвал нависанд:

| Дараҷаи одӣ | Дараҷаи қиёсӣ | Дараҷаи олӣ |
|---|---|---|
| | | |

4. Ҷамъбаст ва арзёбӣ: (баргаштан ба мақсадҳои дарс)

5. Вазифаи хонагӣ: Бо калимаҳои ишорашудаи саҳифаи 60-и китоби дарсӣ якҷумлаӣ тартиб диҳед.

## 12. ДАРАҶАҲОИ СИФАТ (дарси 3)

**Салоҳиятҳо:**

-донистан ва ҷудо кардани ҳиссаҳои мустақили нутқ, хусусиятҳо, категорияҳои грамматикии онҳо, хусусияти калимасозии ҳиссаҳои нутқ.

**Мақсадҳои дарс: Хонандагон бояд**

- дар нутқи шифоҳӣ ва матн дараҷаҳои сифатро истифода карда тавонанд;
- дараҷаҳои сифатро дар нутқи хаттӣ ва шифоҳӣ бамаврид истифода баранд;

**Маводи таълим:**

Китоби дарсӣ, матнҳо аз хазина, замима.

**Равиши дарс:**

1. Лаҳзаи ташкилии дарс: ахбори рӯз, риояи одоби салом, баҳисобгирии давомот.

2. Пурсиши вазифаи хонагӣ:

А) Сифатҳои қиёсиро аз сифатҳои одӣ чӣ тарз фарқ кардан мумкин аст? Мисолҳо оред

Б) Дарачаи қиёсии сифат аз дигар дарачаҳояш чӣ фарқ дорад?

3. Баёни мавзӯи нав.

А) Муаррифии мақсади дарс ба хонандагон;

Б) Баёни мавзӯъ: Афзалияту афзунии касе бар касе ё чизе бар чизе дар қиёс маълум мешавад. Воситаи муқоиса пасвандҳои -тар,-тарин мебошад: аз ҳама, ниҳоят, бағаят, сап-сафед, каб -кабуд, сип -сиёҳ, суп-сурх, заб- зард,- дарачаи олӣ мебошад.

**Диктанти биноӣ:** Омӯзгор дар тахтаи синф матни зеринро менависад. Аз хонандагон хоҳиш мекунад, ки дарачаҳои зарурии сифатро ба ҷойи нуқтаҳо гузошта матнро нависанд. Сипас, калимаҳоро мувофиқи дарачаҳояшон дар ҷадвал ҷо диҳанд. Нишон диҳанд, ки дарачаҳои сифат бо кадом роҳҳо ифода шудаанд:

Беҳт... гавҳари ганҷинаи ҳастӣ сухан аст,

Гар сухан ҷон набувад, мурда чаро хомӯш аст (Калими Кошонӣ).

Модари бечора ӯро аз ҷони худ азиз.... мешуморад (С. Айнӣ).

Ҳеҷ шодӣ нест андар ин ҷаҳон

Бар... аз дидори рӯйи дӯстон (Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ).

Гулҳои сурхи хушбӯ аз дасти муаллима ба змин афтид. Рухсораҳои сурхи ӯ аз шарм сурх... гардиданд. Барояш имрӯз рӯзи аз ҳама хотирмон буд: ҷойи кор пайдо кард, бори аввал ба мактаб ҳамчун омӯзгор қадам мегузорад. Ӯро дар сафи аввал дар назди сарвари мактаб ҷо доданд. Курсҳои қатори аввал танҳо барои шахсони муътабар буд. Дилаш аз дирӯз дида ба мактаб боз гарм шуд...

| Дарачаи одӣ | Дарачаи қиёсӣ | Дарачаи олӣ |
|---|---|---|
| | | |

Баррасии кори хонандагон.

3) Навиштани эссеи кӯтоҳ дар мавзӯи «Муҳити атрофии мо» бо истифодаи сифатҳо.

4. Ҷамъбаст ва арзёбӣ: (баргаштан ба мақсадҳои дарс)

5. Вазифаи хонагӣ: Иҷрои машқи 99.

## 13. АЛОҚАИ ИСМ БО СИФАТ (дарси 1)

**Салоҳиятҳо:**

--донистан ва ҷудо кардани ҳиссаҳои мустақили нутқ, хусусиятҳо, категорияҳои грамматикии онҳо, хусусияти калимасозии ҳиссаҳои нутқ;

-шинохтан ва дар матн ҷудо карда тавонистани ибора, ҷумла, хелҳои ҷумла, аъзои ҷумла.

**Мақсадҳои дарс: Хонандагон бояд**

– дар нутқи шифоҳӣ ва матн исм ва сифатро шинохта тавонанд;

– исму сифатҳоро дар нутқи хаттӣ ва шифоҳӣ дуруст истифода карда тавонанд.

**Маводи таълим:**

Китоби дарсӣ, матнҳо аз хазина, замима

**Равиши дарс:**

**1.**Лаҳзаи ташкили дарс: ахбори рӯз, риояи одоби салом, баҳисобгирии давомот.

2. Пурсиши вазифаи хонагӣ: санҷед, ки хонандагон то кадом андоза машқи 99-ро дуруст иҷро кардаанд.

3.Баёни мавзӯи нав.

А) Муаррифии мақсади дарс ба хонандагон;

Б) Ангезиши зеҳн. Алоқаи сифат бо исм. Ибораҳои зеринро дар тахта нависед ва аз хонандагон хоҳиш кунед, ки ба калимаҳо савол гузошта мансубияти онҳоро ба хиссаҳои нутқ муайян кунанд ва гӯянд, ки онҳо бо воситаи чӣ ба ҳам алоқаманд шудаанд: гули хушбӯй, хӯроки гарм, дасти пурқувват…

**Супориш:** Ба хонандагон пешниҳод кунед, то аз намунаҳои боло хулосабарарорӣ карда, қоида тартиб диҳанд:

1.Исм ва сифат ба ҳам бо алоқаи …….. алоцаманд шуда метавонанд.

2..Воситаи алоқаи байни сифат ва исм …… ………. аст.

4. Ҷамъбаст ва арзёбӣ: (баргаштан ба мақсадҳои дарс)

5. Вазифаи хонагӣ: Иҷрои машқи 100.

## 13. АЛОҚАИ ИСМ БО СИФАТ (дарси 2)

**Салоҳиятҳо:**

--донистан ва ҷудо кардани исм ва сифат ҳамчун ҳиссаҳои мустақили нутқ, хусусиятҳо, категорияҳои грамматикии онҳо, хусусияти калимасозии исмҳо ва сифатҳо.

-дар матн ҷудо карда тавонистани ибора, ҷумла, аъзоҳои ҷумла.

**Мақсадҳои дарс: Хонандагон бояд**

- дар нутқи шифоҳӣ ва матн алоқаи исм ва сифатро донанд;
- робитаи исму сифатҳоро дар нутқи хаттӣ ва шифоҳӣ дарк карда тавонанд;
- бо алоқамандсозии исм ва сифат ибора созанд.

**Маводи таълим:** китоби дарсӣ, матнҳо аз хазина, замима

**Равиши дарс:**

**1.**Лаҳзаи ташкили дарс: (Ахбори рӯз, риояи одоби салом, баҳисобгирии давомот).

2. Пурсиши вазифаи хонагӣ: санҷед, ки хонандагон то кадом андоза супориши хонагиро то чӣ андоза дуруст иҷро кардаанд.

3.Баёни мавзӯи нав.

А) Муаррифии мақсади дарс ба хонандагон;

Б) Ангезиши зеҳн. Алоқаи сифат бо исм. Ибораҳои зеринро дар тахта нависед ва аз хонандагон хоҳиш кунед, ки ба калимаҳо савол гузошта мансубияти онҳоро ба хиссаҳои нутқ муайян кунанд ва гӯянд, ки онҳо бо воситаи чӣ ба ҳам алоқаманд шудаанд: беҳтарин дӯст, ширинтарин мева, дуртарин деҳа, девори оҳанин аз ибораҳое, ки дарси гузашта дидем, чӣ фарқ доранд? Ба қоида чӣ тағйирот ворид кардан мумкин аст?

**Супориш:** ба хонандагон пешниҳод кунед, то ки аз намунаҳои боло хулосабарарорӣ кардаи дарси гузаштаро пуррас созанд, цоидаи нав бароранд:

1.Исм ва сифат ба ҳам бо алоқаи …….. омада метавонанд.

2.Онҳо инчунин метавонанд, бо ёрии воситаҳои тартиби калима … ……… шаванд

3. Воситаи алоқаи байни сифат ва исм …… ………. ва ……….. ……….. аст.

4. Ҷамъбаст ва арзёбӣ: (баргаштан ба мақсадҳои дарс)

5. Вазифаи хонагӣ: Иҷрои машқи 102.

## 14. КОР БО МАТНИ ТАСВИР (дарси 1)

Салоҳияти иртиботӣ:

-дарк ва баҳодиҳии матни тасвир.

**Мақсадҳои дарс:** Хонандагон бояд

- матнҳои тасвирро дарк карда тавонанд;
- мавқеи тасвирро дар нутқ шарҳ диҳанд.

**Маводи таълим:**

Китоби дарсӣ, замима, маводи хазина.

**Равиши дарс.**

1.Лаҳзаи ташкилии дарс: (Ахбори рӯз, риояи одоби салом, баҳисобгирии давомот).

2. Пурсиши вазифаи хонагӣ: Санҷед, ки хонандагон то чӣ ҳад иртиботи исм ва сифатро аз худ кардаанд.

3.Баёни мавзӯи нав.

Муаррифии мақсади дарс ба хонандагон;

Омӯзгор пас аз баррасии мақсадҳои дарс ба хонандагон хусусиятҳои назариявии тасвирро мефаҳмонад.

**Матни №1**

… Ӯ як одами миёнақади фарбеҳи ишкамкалони гарданкӯтоҳ буда, ғафсии гардан ва пуррагии сару рӯяш ҳам аз ғафсии шикамаш қариб фарқ надошт, агар риши калони ғуллии монанди алафи гандадарав ба ҳам печидаашро, ки тамоми рӯяшро фурӯ гирифта буд, тарошида мепартофтанд, сару тани ин одам дар як ҷо ба ишкамбаи холӣ карданашудаи шутур монандӣ пайдо мекард, ғояташ ин ки ин аз вай калонтар буд, монанди ҷуссаи шутури ба дарди хориш гирифторгардидаи мӯяш рехтагӣ сурхчатоб менамуд.

Баъд аз дидани ин гуна шаклу шамоили ин одам, дар дили ман гузашт: «шояд мардум на аз ҷиҳати калонии шикамаш, балки аз ҷиҳати он ки баъд аз тарошидани ришаш тамоми баданаш ба як шикамбаи калон монандӣ пайдо мекард, ба ӯ ин лақабро муносиб дида бошанд.

Дуруст аст, ки шиками ин одам аз шикамҳои одамони одӣ аз ҳад зиёд калон буд, лекин ғафсии дигар ҷойҳои баданаш, ҳатто гардану рӯяш ҳам ба дараҷае буд, ки он шиками калон дар пеши онҳо номаълум ва одӣ шуда мемонд. Бинобар ин дар сабаби лақаби ин одам фикри охирини нависандаи ин сатрҳо ба ҳақиқат наздик менамуд (С. Айнӣ «Марги судхӯр», саҳ.9).

**Супориши №1:** Кори инфиродӣ. Матнро хонед.

- ✓ Гӯед, ки кадом ҷиҳати матн диққати шуморо ҷалб кард.
- ✓ Кадом сифатҳои мард дар матн тасвир ёфтаанд, дар нақша нависед:

| № | Мард | рӯйи мард | мӯйи мард |
|---|---|---|---|
| 1 | | | |
| 2 | | | |
| 3 | | | |

**Супориши №2:** Кори инфиродӣ.

•Дар такя ба матн ҳампаҳлуи худро дар нақша тасвир намоед;

•Дунафарӣ ҳамроҳ шуда, кори якдигарро аз назар гузаронед;

•Тасвири кӣ беҳтару пурратар аст, дар нақша нависед:

| аз кӣ? | чеҳра | қаду қомат | мӯй | боз чӣ илова шудааст (хислат, муносибат) |
|---|---|---|---|---|
| | | | | |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| Дилафрӯз | | | | |
| Анора | | | | |
| Далер | | | | |

**Супориши №3:**

• Аз нигоҳи шумо, тасвири кӣ пурратар буд?

• Ба фикри шумо, тасвири кӣ ҷолиб набуд? Барои чӣ?

**Супориши №4:** Акнун мебинем, ки дар тасвирҳои ҷамъовардаамон мақсади асосӣ чӣ тарз ифода ёфтааст.

•Ҷадвали зеринро дар дафтаратон кашед. Ба саволҳо ҷавоб навишта, шиносномаи тасвирро таҳия намоед.

| № | Кӣ? | Чӣ? | табиат |
|---|---|---|---|
| | | | |
| | | | |

1.Аз кадом ҷиҳат? Аз лиҳози хусусиятҳои айём, зебоӣ, ҷаззобият...

**Шиноснома**

• Тасвир сифати шахс ё предметро ифода мекунад;

• Барои шиносоӣ бо шахс ё муҳит ба кор меравад;

• Ҳам дар нутқи шифоҳӣ ва ҳам дар нутқи хаттӣ (бахусус, дар адабиёт, биология) истифода мешавад;

• Истифодаи тасвир суханро пуробуранг ва ҷолиб мегардонад.

4. Ҷамъбаст ва арзёбӣ (баргаштан ба мақсадҳои дарс)

**5.** Вазифаи хонагӣ: 1.Аз саҳифаи 157-и китоби дарсӣ машқи 224-ро хонед, байтҳоеро, ки дар онҳо тасвир ба чашм мерасад, нависед.

•Гӯед, ки дар чор мисраи аввал шоир кӣ ё чиро чӣ гуна тасвир кардааст.

• Боз кадом сифатҳои устодро шумо тасвир карда метавонед, гӯед.

## 14. КОР БО МАТНИ ТАСВИР (дарси 2)

**Салоҳиятҳо**

Дарк ва баҳодиҳии матни тасвир.

**Мақсадҳои дарс: Хонандагон бояд**

–иҷрои супориш бо мақсади муайян кардани проблемаро донанд;

–дар асоси ғалатҳои содиршуда сатҳи проблемаро муайян карда тавонанд;

–ҷамъоварӣ ва фаъолият бо хазинаи маводро тавонанд;

–таҳия ва такмили «шиноснома»-и тасвирро донанд.

**Равиши дарс:**

1.Лаҳзаи ташкилии дарс (риояи одоби салом, баҳисобгирии давомот).

2.Пурсиши вазифаи хонагӣ.

А) Аз назар гузарондани матни навиштаи хонандагон (машқи 224).

Б) Муҳокимаи тасвири шоир дар доираи аввал.

в) Баррасии тасвирҳои хонандагон дар доираи дуюм.

3. Баёни мавзӯи нав.

Муаррифии мақсади дарс ба хонандагон

**Кори гурӯҳӣ.** Аз Замимаи 2 қисмати Матнҳо оид ба жанри тасвирро ёбед. Матнро хонед, тасвирҳои онро шарҳ диҳед.

Гурӯҳи 1. Матни №2.

Гурӯҳи 2. Матни №3.

Гурӯҳи 3. Матни №4.

Гурӯҳи 4. Матни №5.

•Тасвирҳоро алоҳида ишора кунед. Чунончи: қомати баланд…

• Гӯед, ки дар тасвири табиат чиро ба назар мегиранд? Чаро?

• Дар тасвири инсон чӣ?

4. Ҷамъбаст ва арзёбӣ (баргаштан ба мақсадҳои дарс)

5. Вазифаи хонагӣ. Бо истифода аз ҷонишинҳои саволии чӣ гуна?, кадом?, чанд?, чӣ қадар?, чӣ тарз муколама (гуфтугӯи ду нафар)-ро тартиб диҳед.

## 14.КОР БО МАТНИ ТАСВИР (дарси 3)

**Салоҳиятҳо:**

-дарк ва баҳодиҳии матни тасвир.

**Мақсадҳои дарс. Хонандагон бояд**

– эҷоди қоида дар асоси «шиноснома» ва қонуниятҳои ошкоршударо донанд;

– мураттаб намудани қадамҳо (стратегия)-ро тавонанд;

**Маводи таълим:** Замимаи китоби дарсӣ

**Равиши дарс:**

1. Лаҳзаи ташкилии дарс. (риояи одоби салом, ҳисобгирии давомот)

2. Пурсиши вазифаи хонагӣ.

А) Кори дунафара. Хонандагон нақшаҳои ҳамдигарро вобаста ба мавзӯи гузашта аз назар мегузаронанд;

Б) Аз хонандагон пурсед, ки кӣ ва чиро чӣ гуна тасвир мекунанд?чва

3. Баёни мавзӯи нав.

А) муаррифии мақсади дарс ба хонандагон.

Б) Ангезиши зеҳн. Тасвир барои муайян кардани хислати инсон ёрӣ мерасонад? Боз кадом жанр ба тасвир наздикӣ дорад?

**Супориш:** Бо истифода аз хазина муайян кунед, ки кӣ ва чиро тасвир кардан имкон дорад.




4.Ҷамъбаст ва арзёбӣ: (баргаштан ба мақсадҳои дарс)

5.Вазифаи хонагӣ:

-Шеъреро аз ашъори шоирон дар дафтаратон нависед, ки дар ифодаи тасвирҳо калимаҳои *монанди, мисли, ҳамчу (н), чу (н), пасванди -вор, барин* истифода шуда бошанд;

-Дар зери тасвирҳо хат кашед.

## 15. ДИКТАНТИ САНҶИШ

Омӯзгор метавонад, озодона матнро интихоб намояд, аммо хамгиро намудан бо мавзӯъҳои грамматикӣ муфидтар аст.

**Мақсадҳои таълимӣ:**

– мустаҳкамкунии малака ва маҳорати хонандагон оид ба алоқаи исму сифат, дараҷа ва сохти сифатҳо

– ташаккули малакаи интиқоли нутқи шифоҳӣ ба нутқи хаттӣ.

**Маводи таълим**: маҷмӯи матни диктантҳо

**Равиши дарс:**

1. Лаҳзаи ташкилии дарс (ҳисоботи навбатдор, қайди давомоти хонандагон)

2. Баёни мавзӯи нав. Шиносоӣ бо матни диктант.

- қироати матни интихобгардида ва омода намудани хонандагон ба навиштани диктант.

- қироати матни диктант ва риояи интонатсия дар ифодаи аломатҳои китобатӣ.

3. Ҷамъбасти дарс.

## 16. КАЛИМАСОЗИИ СИФАТ

**Салоҳиятҳо**

--донистан ва ҷудо кардани ҳиссаҳои мустақили нутқ, хусусиятҳо, категорияҳои грамматикии онҳо, калимасозии ҳиссаҳои мустақили нутқ;

**Мақсадҳои дарс. Хонандагон бояд**

– калимасозии сифатро шарҳ дода тавонанд;

– роҳҳои калимасозии сифатро донанд;

– пешванду пасвандҳои сифатсозро фарқ карда, дар нутқи хаттию шифоҳӣ дуруст истифода бурда тавонанд;

**Маводи таълим:** китоби дарсӣ, матнҳо аз хазина, замима.

**Равиши дарс**

1. Лаҳзаи ташкилии дарс (риояи одоби салом, ба ҳисобгирии давомот)

2. Пурсиши вазифаи хонагӣ. Саволҳои омӯзгор:

А) Сифат бо кадом ҳиссаҳои нутқ робитаи наздик дорад?

Б) Ҳиссаҳои номии нутқ гуфта чиро мефаҳмед?

3. Баёни мавзӯи нав.

А) Муаррифии мақсадҳои дарс ба хонандагон

Б) Муаллим ба хонандагон калимасозии сифатро мефаҳмонад. Сифат ба воситаи пешванду пасванд ва бо роҳи ба ҳам пайвастани калимаҳо сохта мешавад:

1) бо пешванд: одами боирода, қасри бошукӯҳ;

2) бо пасванд: гӯшвори нуқрагин, оташи тобнок;

3) бо роҳи пайвастани ду реша: оҳанги таъсирбахш, дашти лабташна;

**Супориш:** Шарти машқи 103-ро хонандагон бо ёрии муаллим иҷро мекунанд. Якнафарӣ хонандагон ба назди тахта баровარда мешаванд ва бо ёрии муаллим шарти машқ иҷро карда мешавад.

4. Ҷамъбаст ва арзёбӣ: (баргаштан ба мақсадҳои дарс)

5. Вазифаи хонагӣ: Иҷрои машқи 104

## 17. ПЕШВАНД ВА ПАСВАНДҲОИ СИФАТСОЗ (дарси 1)

**Салоҳиятҳо**

-донистан ва ҷудо кардани ҳиссаҳои мустақили нутқ, хусусиятҳо, категорияҳои грамматикии онҳо, калимасозии ҳиссаҳои мустақили нутқ;

**Мақсадҳои дарс. Хонандагон бояд**

– калимасозии сифатро шарҳ дода тавонанд;

– роҳҳои калимасозии сифатро донанд;

– пешвандҳои сифатсозро фарқ карда ва дар нутқи шифоҳию хаттӣ дуруст истифода бурда тавонанд;

**Маводи таълим:** китоби дарсӣ, матнҳо аз хазина, замима.

**Равиши дарс**

1. Лаҳзаи ташкилии дарс (риояи одоби салом, ба ҳисобгирии давомот)

2. Пурсиши вазифаи хонагӣ. Саволҳои омӯзгор:

А) Воситаҳои калимасозии сифат кадомҳоянд?

Б) Дигар ҳиссаҳои нутк низ воситаҳои калимасозӣ доранд?

3. Баёни мавзӯи нав.

А) Муаррифии мақсадҳои дарс ба хонандагон

Б) Муаллим ба хонандагон пешвандҳои сифатсозро мефаҳмонад. Пешвандҳои сифатсоз инҳоянд: бо-, бе-, ба-, бар-, но-, дар-, пур-;

Бо пешвандҳои: бо-, бе-, ба-, бар-, но-, пур- аз исм сифат сохта мешавад: ҷавони бофарҳанг, соли бафайз, моҳи беайб, риштаи пуртоб;

Бо пешвандҳои: но-, дар- аз феъл сифат сохта мешавад: марди ношинос, абри даргузар, мевапи норасида.

**Супориш:** Шарти машқи 105-ро хонандагон бо ёрии муаллим иҷро мекунанд. Якнафарӣ хонандагон ба назди тахта баровварда мешаванд ва бо ёрии муаллим шарти машқ иҷро карда мешавад.

4. Ҷамъбаст ва арзёбӣ: (баргаштан ба мақсадҳои дарс)

5. Вазифаи хонагӣ: Бо пешвандҳои бо-, бе-, ба-, бар-, но-, дар-, пур- калима ва ибораҳо созед.

## 17. ПЕШВАНД ВА ПАСВАНДҲОИ СИФАТСОЗ (дарси 2)

**Салоҳиятҳо**

--донистан ва ҷудо кардани ҳиссаҳои мустақили нутқ, хусусиятҳо, категорияҳои грамматикии онҳо, калимасозии ҳиссаҳои мустақили нутқ;

**Мақсадҳои дарс. Хонандагон бояд**

– калимасозии сифатро шарҳ дода тавонанд;

– роҳҳои калимасозии сифатро донанд;

– пасвандҳои сифатсозро фарқ карда ва дар нутқи шифоҳию хаттӣ дуруст истифода бурда тавонанд;

**Маводи таълим:** китоби дарсӣ, матнҳо аз хазина, замима.

**Равиши дарс**

1. Лаҳзаи ташкилии дарс (риояи одоби салом, ба ҳисобгирии давомот)

2. Пурсиши вазифаи хонагӣ. Саволҳои омӯзгор:

А) Сифат бо кадом ҳиссаҳои нутқ робитаи наздик дорад?

Б) Ҳиссаҳои номии нутқ гуфта чиро мефаҳмед?

3. Баёни мавзӯи нав.

А) Муаррифии мақсадҳои дарс ба хонандагон

Б) Муаллим ба хонандагон пасвандҳои сифатсозро мефаҳмонад. Бо пасвандҳои –ӣ (-гӣ), -она (-гона), -нок,-манд, -ин (-гин), -ина, -гун,-о,-он аз исм, феъл ва зарф сифат сохта мешавад, чунончи: Паёми дустӣ, ғамхории доимӣ, мавизи порина, гули хандон, кати тахтагин, замини намнок, болопӯши чармин, осмони нилгун…

**Супориш:** Якнафарӣ хонандагон ба назди тахта баровварда мешаванд ва бо ёрии муаллим бо пасвандҳои –ӣ(-гӣ), -она(-гонА), -нок,-манд, -ин(-гин), -ина, -гун,-о,-он иборахо месозанд.

4. Ҷамъбаст ва арзёбӣ: (баргаштан ба мақсадҳои дарс)

5. Вазифаи хонагӣ: Иҷрои машқи 106

## 18.СОХТИ СИФАТ

**Салоҳиятҳо**

--донистан ва ҷудо кардани сифатщ щамчун ҳиссаҳои мустақили нутқ, хусусиятҳо, категорияҳои грамматикии он, калимасозии сифат;

**Мақсадҳои дарс. Хонандагон бояд**

- сифатҳоро аз лиҳози сохт шарҳ дода тавонанд;
- сифаҳои сода, сохта ва мураккабро донанд;
- навъҳои сифатро аз ҷиҳати сохт фарқ карда ва дар нутқи шифоҳию хаттӣ дуруст истифода бурда тавонанд;

**Маводи таълим:** китоби дарсӣ, матнҳо аз хазина, замима.

**Равиши дарс**

1. Лаҳзаи ташкилии дарс (риояи одоби салом, ба ҳисобгирии давомот)

2. Пурсиши вазифаи хонагӣ. Саволҳои омӯзгор:

А) Сифат бо кадом роҳ сохта мешавад?

Б) Дар сохтани сифатҳои кадом пешванду пасвандҳо фаъоланд?

3. Баёни мавзӯи нав.

А) Муаррифии мақсадҳои дарс ба хонандагон

Б) Муаллим ба хонандагон сохти сифатро мефаҳмонад. Сифат аз ҷиҳати сохт: сода, сохта, мураккаб, ва таркиби мешавад.

Сифат аз ҷиҳати сохт сода, сохта, мураккаб ва таркибӣ мешавад.

Сифати сода танҳо аз як реша иборат аст: рост, сафед, баланд, нек.

Сифати сохта бо ёрии пешванд ё пасванд сурат мегирад: (писари) боақл, (умри) бардавом, (меҳмони) ношинос, (пунбаи) мисрӣ, (духтари) шармгин(дари) чӯбин.

Сифати мураккаб аз ду (гоҳе аз се) реша ташкил меёбад: (одами) хушсӯҳбат, (ниҳоли) навбар, (марди) накӯном, (ҷавони) хушрафтор, (одами) меҳнатдӯст, (сарзамини) пурганҷ, (роҳи) печутобдор.

Сифати мураккаб аз решаҳои гуногун бо ёрии пасванд ва миёнвандҳои -ӣ, -а, ба-, -дар- низ сохта мешаванд: (корхонаи) хиштрезӣ, (фабрикаи) шоҳибофӣ, (рӯзи кори) ҳафтсоата, (барфи) пайдарпай, (муҳорибаи) танбатан, (таронаҳои) навбанав, (хонаҳои) дарунбадарун.

Ҷузъҳои сифати таркибӣ аз ҳам ҷудо навишта мешаванд ва тарзи ташаккули онҳо ин гуна аст:

1) Аз сифатҳои мураккаб бо роҳи ба онҳо илова кардани калимаи эзоҳдиҳанда: муаллими нишони «Шарафдор», бачаи палтои чарминпӯш;

2) Ба воситаи пешоянд ва пайвандак: фарҳанги русӣ ба тоҷикӣ, ҳаракати милливу озодихоҳӣ.

**Супориш:** Якнафарӣ хонандагон ба назди тахта даъват карда мешаванд ва бо ёрии муаллим бо пасвандҳои –ӣ (-гӣ), -она (-гона), -нок,-манд, -ин (-гин), -ина, -гун,-о,-он иборахо месозанд.

4. Ҷамъбаст ва арзёбӣ: (баргаштан ба мақсадҳои дарс)

5. Вазифаи хонагӣ: Иҷрои машқи 107

## 19.РОҲҲОИ СОХТА ШУДАНИ СИФАТҲОИ МУРАККАБ (Дарси 1)

**Салоҳиятҳо:**

--донистан ва ҷудо кардани сифат щамчун ҳиссаи мустақили нутқ, хусусиятҳо, категорияҳои грамматикии он, калимасозии сифат;

**Мақсадҳои дарс. Хонандагон бояд**

– роҳҳои сохта шудани сифатҳои мураккабро шарҳ дода тавонанд;

– сифатҳои сода, сохта ва мураккабро донанд;

– сифатҳои мураккабро фарқ карда ва дар нутқи шифоҳию хаттӣ дуруст истифода бурда тавонанд;

**Маводи таълим:** китоби дарсӣ, матнҳо аз хазина, замима.

**Равиши дарс**

1. Лаҳзаи ташкилии дарс (Риояи одоби салом, ба ҳисобгирии давомот)
2. Пурсиши вазифаи хонагӣ (машқи 107)

А) Сифат аз ҷиҳати сохт чанд хел мешавад?

Б) Пешванду пасвандҳое, ки дар сохтани сифатҳои сохта иштирок мекунанд номбар кунед.

3. Баёни мавзӯи нав.

А) Муаррифии мақсадҳои дарс ба хонандагон

Б) Муаллим ба хонандагон роҳҳои сохта шудани сифатҳои мураккабро мефаҳмонад. Сифатҳои мураккаб аз ҷузъҳои зерин ҳосил мешаванд:

1) аз ду исм: сангдил, хокистарранг, раъдовоз, кӯҳпайкар;

2) аз сифату исм: қавиҳайкал, нозукбадан, ширинсухан;

3) аз шумораву исм: якдил, дурӯ(я);

4) аз исму феъл: завқовар, ростгӯ(й), хабаркаш;

5) аз такрори исм ё сифат тавассути миёнванд: рангоранг, паёпай, пурпечутоб;

6) аз такрори исму сифату зарф ва пешоянд: (барфи) пайдарпай, (муҳорибаи) танбатан, (таронаҳои) навбанав, (хонаҳои) дарунбадарун.

**Супориш:** Иҷрои машқи 109

4. Ҷамъбаст ва арзёбӣ: (баргаштан ба мақсадҳои дарс)
5. Вазифаи хонагӣ: Иҷрои машқи 110

## 19.РОҲҲОИ СОХТА ШУДАНИ СИФАТҲОИ МУРАККАБ (дарси 2)

**Салоҳиятҳо:**

--донистан ва ҷудо кардани сифат щамчун ҳиссаҳои мустақили нутқ, хусусиятҳо, категорияҳои грамматикии он, калимасозии сифат;

**Мақсадҳои дарс. Хонандагон бояд**

– воситаҳои сохта шудани сифатҳои мураккабро шарҳ дода тавонанд;

– сифатҳои мураккабро фарқ карда ва дар нутқи шифоҳию хаттӣ дуруст истифода бурда тавонанд;

**Маводи таълим:** китоби дарсӣ, матнҳо аз хазина, замима.

**Равиши дарс**

1. Лаҳзаи ташкилии дарс (риояи одоби салом, ба ҳисобгирии давомот)
2. Пурсиши вазифаи хонагӣ.

А) Сифатҳои муракккаб аз дигар сифатҳо бок адом аломаташон фарқ мекунанд?

Б) Сифатҳои мураккаб ах кадом ҷузъҳо ҳосил мешаванд?.

3. Баёни мавзӯи нав.

А) Муаррифии мақсадҳои дарс ба хонандагон

Б) Сифатҳои мураккаб аз ҷузъҳои зерин ҳосил мешаванд:

1) аз ду исм: сангдил, хокистарранг, раъдовоз, кӯҳпайкар;

2) аз сифату исм: қавиҳайкал, нозукбадан, ширинсухан;

3) аз шумораву исм: якдил, дурӯ(я);

4) аз исму феъл: завқовар, ростгӯ(й), хабаркаш;

5) аз такрори исм ё сифат тавассути миёнванд: рангоранг, паёпай, пурпечутоб;

6) аз такрори исму сифату зарф ва пешоянд: (барфи) пайдарпай, (муҳорибаи) танбатан, (таронаҳои) навбанав, (хонаҳои) дарунбадарун.

**Супориш:** Иҷрои машқи 112

4. Ҷамъбаст ва арзёбӣ: (баргаштан ба мақсадҳои дарс)

5. Вазифаи хонагӣ: Иҷрои машқи 113

## 20. БА ВАЗИФАИ ИСМ ОМАДАНИ СИФАТ

**Салоҳиятҳо:**

--донистан ва ҷудо кардани сифат щасчун ҳиссаи мустақили нутқ, хусусиятҳо, категорияҳои грамматикии он.

**Мақсадҳои дарс.** Хонандагон бояд

– сифатро дар ҷумла ва матн муайян карда тавонанд;
– роҳу воситаҳои сохта шудани сифатро донанд;
– сохти сифатҳоро ба воситаи таҳлили калимасозӣ муқаррар сохтан тавонанд;
– дар нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ алоқаи сифат бо исм муайян карда тавонанд.

**Маводи таълим:** китоби дарсӣ, матнҳо аз хазина, замима.

**Равиши дарс:**

1.Лаҳзаи ташкилии дарс ( риояи одоби салом, ба ҳисобгирии давомот).

2.Пурсиши вазифаи хонагӣ (машқи 113)

А) Пурсед, ки дар бораи сохти сифатҳо чиро дар хотир доранд.

Б) Дар бораи сохта шудани сифатҳои нисбӣ савол диҳед.

3.Баёни мавзӯи нав.

А) Муаррифии мақсади дарс ба хонандагон;

Б) Ангезиши зеҳн.Ҷумлаҳои зеринро дар тахта нависед ва аз хонандагон пурсед, ки дар ҷумлаҳои поён кадом калима такрор мешавад, дар ду мавриди истифода онҳо аз ҳам чӣ фарқ доранд. Калимаҳои «ширин», «ҷавон», «доно» дар ҷумлаҳои аввал ба кадом савол ҷавоб мешавад, дар ҷумлаи дуюм чӣ? Чаро чунин шуд? Себи хубонӣ ширин аст. Ширин ба саволҳои муаллим пурра ҷавоб дод. Мутахассиси ҷавон ба аллакай ба моҳияти кор сарфаҳм меравад. Ҷавони доно дар ҳама маврид ҷавоб дода метавонад. Доно аспашро таъриф мекунад, нодон – худашро.

**Супориш:** таҳрири қоида: Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки ҷумлаи зеринро пурра созанд: Агар сифатҳо ба ҷойи ….. омада, ба саволи кӣ ё чӣ ҷавоб шаванд, ин гуна ҳодисаро …….. мегӯянд.

**Супориш:** аз хонандагон хоҳиш кунед, ки калимаҳои дар машқи 116-ро овардашударо аз назар гузаронанд, бо онҳо ҳам ба вазифаи исм ва ҳам ба вазифаи сифат ҷумлаҳо созанд.

4.Ҷамъбаст ва арзёбӣ: (баргаштан ба мақсадҳои дарс).

5.Вазифаи хонагӣ: Иҷрои машқи 118.

## 21.ИМЛОИ СИФАТ (дарси 1)

**Салоҳиятҳо:**

--донистан ва ҷудо кардани сифат щамчун ҳиссаи мустақили нутқ, хусусиятҳо, категорияҳои грамматикии он, калимасозии сифат.

**Мақсадҳои дарс.** Хонандагон бояд

– тарзи навишти сифатҳоро дар ҷумла ва матн донанд;

– роҳу воситаҳои сохта шудани сифатро донанд;

– сохти сифатҳоро ба воситаи таҳлили калимасозӣ муқаррар сохтан тавонанд;

– дар нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ хелҳои сифатро муайян карда тавонанд.

**Маводи таълим:** китоби дарсӣ, матнҳо аз хазина, замима.

**Равиши дарс:**

1.Лаҳзаи ташкилии дарс ( Риояи одоби салом, ба ҳисобгирии давомот).

2.Пурсиши вазифаи хонагӣ:

А) Пурсед, ки дар хусуси вазифаҳои сифат дар ҷумла чиро медонанд.

Б) Дар хусуси робитаи исму сифат савол диҳед.

3.Баёни мавзӯи нав.

А) Муаррифии мақсади дарс ба хонандагон;

Б) Ангезиши зеҳн. Тарзи дурустнависиро чӣ мегӯянд? Ибораҳои зерин дуруст навишта шудаанд: Марди навадупанҷсола, меҳмони суханвар, мӯйҳои сих-сих…

**Баёни мавзӯъ:** Бо пешвандҳои ба-, бо-, то-, дар- низ аз исму феъл сифат сохта мешавад, монанди: ҷавони бақувват, варзишгари боғайрат, давраи тоалифбо, абри даргузар.

Аслан пешванд бо реша ҳамроҳ навишта мешавад, аммо пешвандҳои мазкур (ғайр аз но-) дар вазифаи пешоянд биёянд, бо калима як ҷо навишта намешаванд. Чунончи: ба майдон раҳсипор шудан, бо модар хайрухуш кардан, бе иҷозат нарафтан, то соли дигар, дар базм шеър хондан.

Калимаҳои -ба-, -бар-, -дар- чун миёнванд дар байни ду реша воқеъ мешаванд, ба мисли: суҳбати рӯбарӯ, ҷавони кулоҳбасар, борони пайдарпай.

Пешванд ё пешоянд будани ба, бо, бе, то ва дар-ро аз рӯйи саволи сифат ҳам муайян кардан мумкин аст.

4.Ҷамъбаст ва арзёбӣ: (баргаштан ба мақсадҳои дарс).

5.Вазифаи хонагӣ: Иҷрои машқи 119.

## 21. ИМЛОИ СИФАТ (дарси 2)

**Салоҳиятҳо:**

--донистан ва ҷудо кардани сифат щамчун ҳиссаи мустақили нутқ, хусусиятҳо, категорияҳои грамматикии он, калимасозии сифат;

**Мақсадҳои дарс.** Хонандагон бояд

– дар ҷумла ва матн тарзи навишти сифатҳоро донанд;

– восита ва роҳҳои сохта шудани сифатро донанд;

– ба воситаи таҳлили калимасозӣ сохти сифатҳоро муқаррар сохтан тавонанд;

– дар нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ талаффуз ва навиштани сифатро аз худ кунанд.

**Маводи таълим:** китоби дарсӣ, матнҳо аз хазина, замима.

**Равиши дарс:**

1.Лаҳзаи ташкилии дарс ( Риояи одоби салом, ба ҳисобгирии давомот).

2.Пурсиши вазифаи хонагӣ (машқи 119)

А) Пурсед, ки дар хусуси имлои ҳиссаҳои дигари нутқ. чи маълумот доранд?

Б) Оид ба тарзи навиштани пешванду пасвандҳои сифатсоз пурсед.

3.Баёни мавзӯи нав.

А) Муаррифии мақсади дарс ба хонандагон;

Б) Ангезиши зеҳн. Дурустнависӣ барои чӣ зарур аст?

**Баёни мавзӯъ:** Дар байни сифатҳои таъкидӣ ва сифатҳое, ки аз шумора ва исм сохта шудаанд, дефис гузошта мешавад, аммо дар мавриди бо ҳарф навиштани шумора дефис меафтад: сап-сафед, сип-сиёҳ, заб-зард, бибии 92-сола (навадудусола), нони 50-дирама, пироҳани понздаҳсомона,ҷавони ҳаждаҳсола.

4.Ҷамъбаст ва арзёбӣ: (баргаштан ба мақсадҳои дарс).

5.Вазифаи хонагӣ: Иҷрои машқи 122.

## 22.ВАЗИФАИ СИФАТ ДАР ҶУМЛА

**Салоҳиятҳо:**

--донистан ва ҷудо кардани ҳиссаҳои мустақили нутқ, хусусиятҳо, категорияҳои грамматикии онҳо, калимасозии ҳиссаҳои мустақили нутқ.

**Мақсадҳои дарс.** Хонандагон бояд

– Сифатро дар ҷумла ва матн муайян карда тавонанд;

– оид ба вазифаи наҳвии сифат маълумот гирифта ва зимни таҳлил он вазифаҳоро шарҳ дода тавонанд;

– сохти сифатҳоро ба воситаи таҳлили калимасозӣ муқаррар сохта тавонанд;

– имлои сифатҳоро фаро гирифта дар ҷумла ва матн тарзи навишти сифатҳоро донанд;

**Маводи таълим:** китоби дарсӣ, матнҳо аз хазина, замима.

**Равиши дарс:**

1.Лаҳзаи ташкилии дарс ( Риояи одоби салом, ба ҳисобгирии давомот).

2.Пурсиши вазифаи хонагӣ:

А) Пурсед, ки дар хусуси имлои сифат. чи маълумот доранд?

Б) Оид ба тарзи навишти сифатҳои мураккаб ва таркибӣ пурсед.

3.Баёни мавзӯи нав.

А) Муаррифии мақсади дарс ба хонандагон;

Б) Ангезиши зеҳн. Вазифаи синтаксисӣ аз вазифаи морфологӣ чи фарқ дорад?

Сифат дар ҷумла ба вазифаи муайянкунанда, гоҳе ба вазифаи хабар ва мубтадо меояд, Чунончи:

Деҳаи мо аз қадим бо ҳунармандони гулдасти худ шуҳрат дорад. Бофандагон матоъҳои рангоранги хилъатбоб ва шоҳиворихои ҳисорӣ тайёр мекарданд, ки берун аз ҳудуди аморати Бухоро овоза пайдо карда буданд (Мирзо Турсунзода).

*************

Дар фазои боғҳои пурсамар,

Даштҳою кӯҳҳои сарбаланд,
Паҳн карда мужда аз фатҳу зафар,
Мевазад форам насими дилписанд (Мирсаид Миршакар).
**************
Садоят хуш, ҳавоят дилнишин аст,
Мақомат олӣ, оҳангат матин аст (Абулқосим Лоҳутӣ).
**************
Нодон айб мекунад, доно худаш мефаҳмад (Ҳикмати халқ).
**************
**Супориш:** Иҷрои машқи 125

4.Ҷамъбаст ва арзёбӣ: (баргаштан ба мақсадҳои дарс).
5.Вазифаи хонагӣ: Иҷрои машқи 126.

## 23.ТАКРОРИ БОБИ "СИФАТ ҲАМЧУН ҲИССАИ НУТҚ"

**КОРИ ЛОИҲАВӢ:** Омӯзгор аз китоби дарсӣ саволномаҳои санҷиширо дар оғози дарс баррасӣ ва муҳокима менамояд, тавассути саволҳо дониш, малака ва маҳорати онҳоро месанҷад. Сипас, ба хонандагон кори лоиҳавӣ месупорад. Ин кор характери гурӯҳӣ дорад. Хонандагон ба 3 гурӯҳи хурд вобаста ба фаслҳои лоиҳа ҷудо карда мешаванд. Кори лоиҳавӣ пас аз мустаҳкамкунии дониши хонандагон аз рӯйи фасли "Сифат ҳамчун ҳиссаи нутқ" сурат мегирад. Мавзӯъ дар асоси муҳокима бо хонандагон интихоб карда мешавад. Дар ин маврид омӯзгор метавонад чунин мавзӯъ пешниҳод намуда, бо хонандагон онро муҳокима намояд ва зермавзӯъҳоро муайян намояд:

Мавзӯъ: "Калимаҳои ифодакунандаи аломатҳо дар маҷаллаи "ЧАШМА"

**Зермавзӯъ барои гурӯҳи 1:** "Калимаҳои ифодакунандаи рангҳо дар маҷалла"

Супориш:

1.Бо шумораҳои соли 2016 маҷалла аз китобхонаи мактаб шинос шавед;

2.Рӯйхати калимаҳои ифодакунандаи рангҳоро дар забони тоҷики, ҷамъ оваред.

3.Аз китобхонаи мактаб "Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ"-ро истифода карда, маънои онҳоро шарҳ диҳед. Дар такя ба "Фарҳанг..." баромади калимаҳоро муайян кунед.

**Зермавзӯъ барои гурӯҳи 2.** "Сифатҳои аслӣ"

1.Бо шумораҳои соли 2016 маҷалла аз китобхонаи мактаб шинос шавед;

2.Мақолаҳоеро, ки барои шарҳи маънои калимаҳо, истилоҳҳо бахшида шудаанд, ҷамъ оваред, онҳоро дар варақаҳои алоҳида кӯчонида шарҳ омода созед.

**Зермавзӯъ барои гурӯҳи 3.**: "Сифатҳои нисбӣ "

1.Бо шумораҳои соли 2016 рӯзнома аз китобхонаи мактаб шинос шавед;

2. Калимаҳои ифодакунандаи сифатҳои нисбиро ҷамъ оваред ва аз истифода бо фарҳангу луғатҳо маънои онҳоро шарҳ диҳед.

Шарҳ барои омӯзгор: хонандагонро роҳнамоӣ намоед, то вазифаҳоро байни худ тақсим кунанд. Барои иҷрои супориш муҳлат диҳед (шояд як, ду моҳ). Пас аз омода шудани кор бо онҳо масъалаи муаррифии корҳоро машварат кунед.

Корро ба тарзи дигар ҳам ташкил намудан мумкин аст, ки ба салоҳияти омӯзгор вобаста аст. Тарзи ташкили корҳои лоиҳавӣ дар замимаи роҳнамо низ оварда шудааст.

## 24. КОР БО МАТНИ ТАВСИФНОМА (МАРҲИЛАИ ДАРК ВА БАҲОДИҲӢ) (дарси 1)

**Салоҳиятҳо**

-дарк ва баҳодиҳии матни тавсифнома.

**Мақсадҳои дарс: Хонандагон бояд**

- иҷрои супориш бо мақсади муайян кардани проблемаро донанд;
- дар асоси ғалатҳои содиршуда сатҳи проблемаро муайян карда тавонанд;
- ҷамъоварӣ ва фаъолият бо хазинаи маводро тавонанд;
- таҳия ва такмили «шиноснома»-и тавсифномаро донанд.

**Равиши дарс:**

1.Лаҳзаи ташкилии дарс (риояи одоби салом, баҳисобгирии давомот).

2.Пурсиши вазифаи хонагӣ.

А) Аз назар гузарондани матни навиштаи хонандагон (машқи 124).

Б) Муҳокимаи мавзӯи гузашта.

3. Баёни мавзӯи нав.

Муаррифии мақсади дарс ба хонандагон

**Кори гурӯҳӣ.** Аз Замимаи 2 қисмати Матнҳо оид ба жанри тавсифномаро ёбед. Матни тафсифномаҳоро хонда онҳоро шарҳ диҳед.

Гурӯҳи 1. Матни №2.
Гурӯҳи 2. Матни №3.
Гурӯҳи 3. Матни №4.
Гурӯҳи 4. Матни №5.

4. Ҷамъбаст ва арзёбӣ (баргаштан ба мақсадҳои дарс)

5. Вазифаи хонагӣ. Бо истифода аз сифатҳо барои ду хамсинфатон тавсифнома омода кунед.

## 24.КОР БО МАТНИ ТАВСИФНОМА (дарси 2)

**Салоҳиятҳо:**

-дарк ва баҳодиҳии матни тавсифнома.

**Мақсадҳои дарс. Хонандагон бояд**

- эҷоди қоида дар асоси «шиноснома» ва қонуниятҳои ошкоршударо донанд;
- мураттаб намудани қадамҳо (стратегия)-ро тавонанд;

**Маводи таълим:** Замимаи китоби дарсӣ

**Равиши дарс:**

1. Лаҳзаи ташкилии дарс. (Риояи одоби салом, баҳисобгирии давомот)

2. Пурсиши вазифаи хонагӣ.

А) Кори дунафара. Хонандагон нақшаҳои ҳамдигарро вобаста ба мавзӯи гузашта аз назар мегузаронанд;

Б) Аз хонандагон пурсед, ки тавсифнома барои чӣ зарур аст?

3. Баёни мавзӯи нав.

А) муаррифии мақсади дарс ба хонандагон.

Б) Ангезиши зеҳн. Тавсифнома барои муайян кардани хислати инсон ёрӣ мекунад? Ба андешаи Шумо боз кадом жанр ба тавсифнома наздикӣ дорад?

**Супориш:** Бо истифода аз хазина тавсифнома нависед.

4.Ҷамъбаст ва арзёбӣ: (баргаштан ба мақсадҳои дарс)

5.Вазифаи хонагӣ: Бо ёрии падару модар барои нафаре тавсифнома нависед.

## 25. ДИКТАНТИ САНҶИШӢ

Омӯзгор метавонад, озодона матнро интихоб намояд, аммо ҳамгиро намудани он бо мавзӯъҳои грамматикӣ муфидтар аст.

**Мақсадҳои таълимӣ:**

– мустаҳкамкунии малака ва маҳорати хонандагон оид ба калимасозии сифат, имлои сифат, вазифаи сифат дар ҷумла;

– ташаккули малакаи интиқоли нутқи шифоҳӣ ба нутқи хаттӣ.

**Маводи таълим**: маҷмӯи матни диктантҳо.

**Равиши дарс:**

1. Лаҳзаи ташкилии дарс (ҳисоботи навбатдор, қайди давомоти хонандагон)

2. Баёни мавзӯи нав. Шиносоӣ бо матни диктант.

- қироати матни интихобгардида ва омода намудани хонандагон ба навиштани диктант.

- қироати матни диктант ва риояи интонатсия дар ифодаи аломатҳои китобатӣ.

3. Ҷамъбасти дарс.

## 26. СИФАТИ ФЕЪЛӢ. СОХТИ СИФАТИ ФЕЪЛӢ

**Салоҳиятҳо**

--донистан ва ҷудо кардани ҳиссаҳои мустақили нутқ, хусусиятҳо, категорияҳои грамматикии онҳо, калимасозии ҳиссаҳои мустақили нутқ;

**Мақсадҳои дарс. Хонандагон бояд**

– мафҳуми сифати феълиро шарҳ дода тавонанд;

– шакли махсуси феъл будани сифати феълиро муайян кардан тавонанд;

– сифати феълиро аз сифат фарқ кардан ва дар нутқи шифоҳию хаттӣ дуруст истифода бурда тавонанд;

– аз ҷумла ва матн сифатҳои феълиро ёфтан ва замонҳои онҳоро шарҳ диханд.

**Маводи таълим:** китоби дарсӣ, матнҳо аз хазина, замима.

**Равиши дарс**

1. Лаҳзаи ташкилии дарс (риояи одоби салом, ба ҳисобгирии давомот)

2. Пурсиши вазифаи хонагӣ. Саволҳои омӯзгор:

А) Сифат ба вазифаи кадом ҳиссаи нутқ омада метавонад?

Б) Аз як ҳиссаи нутқ ба дигар ҳиссаи нутқ гузаштани калимаҳоро дар забон чӣ мегӯянд?

3. Баёни мавзӯи нав.

А) Муаррифии мақсадҳои дарс ба хонандагон.

Б) Сифати феълӣ аз феълӣ ҳол бо кадом хусусиятҳояш фарқ дорад? Пас аз шунидани мулоҳизаи хонандагон омӯзгор ба хонандагон мафҳуми сифати феълиро мефаҳмонад:

Сифати феълӣ амал ё ҳолатеро мефаҳмонад, ки ҳамчун аломати ашё дар яке аз замонҳо воқеъ мешавад. Масалан: (мактуби) навишта, (гули) шукуфта, (нони) хӯрданӣ… Аломати муҳими сифати феълӣ чун феъл ин аст, ки ба замоне далолат менамояд: (оби) рехта, (каси аз дар) бароянда, (ҳикояти шуниданӣ) ва чун сифат ба

исм алоқаманд мешавад ва ибора месозад: (зоғони дар шохи садаҳо) нишаста, роҳи оҳани аз водӣ (мегузаштагӣ).

Сифати феълӣ аз асосҳои феъл ва масдар ба воситаи пасванд сохта мешавад. Аз ҷумла:

1. аз асоси замони гузашта бо пасванди -а, -агӣ: хуфта, ҷӯшида,навиштагӣ;
2. аз асоси замони ҳозира бо пасванди -анда (-яндА), он(-ён): боранда, расанда, бароянда, (моҳи) тобон, (кӯдаки) гирён;
3. аз масдар бо пасванди -ӣ: гуфтанӣ, рафтанӣ, шуниданӣ

**Супориш:** шарти машқи 134-ро хонандагон бо ёрии муаллим иҷро мекунанд. Якнафарӣ хонандагон ба назди тахта баровардa мешаванд ва бо ёрии муаллим шарти машқ иҷро карда мешавад.

**Супориш:** Аз хонандагон хоҳиш кунед, машқи 135-ро аз китоби дарсӣ мустақилона иҷро кунанд.

Саволҳои муаллим барои мустаҳкамкунии мавзӯъ:

- Сифати феълӣ бо сифат чӣ робита дорад?
- Феъли ҳол ва сифати феълӣ оё ҳиссаи нутқанд?

4. Ҷамъбаст ва арзёбӣ: (баргаштан ба мақсадҳои дарс)
5. Вазифаи хонагӣ: Иҷрои машқи 139.

## 27. ЗАМОНҲОИ СИФАТИ ФЕЪЛӢ. СИФАТҲОИ ФЕЪЛИИ ЗАМОНИ ГУЗАШТА

**Салоҳиятҳо:**

--донистан ва ҷудо кардани ҳиссаҳои мустақили нутқ, хусусиятҳо, категорияҳои грамматикии онҳо, калимасозии ҳиссаҳои мустақили нутқ;

**Мақсадҳои дарс.Хонандагон бояд**

–замонҳои сифати феълиро шарҳ дода тавонанд;

– замонҳои сифати феълиро муайян карда тавонанд;

– ҷумла ва матнҳо, ки дар онҳо сифатҳои феълӣ истифода шуда бошанд тартиб додан тавонанд;

–дар нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ сифати феълии замони гузаштаро муайян карда тавонанд.

**Маводи таълим:** китоби дарсӣ, матнҳо аз хазина, замима.

**Равиши дарс:**

1. Лаҳзаи ташкили дарс (Риояи одоби салом, ба ҳисобгирии давомот).
2. Пурсиши вазифаи хонагӣ:

А) Санҷиши иҷрои машқи 139.

Б) Сифати феълӣ аз кадом ҳиссаҳои нутқ сохта мешавад?

3. Баёни мавзӯи нав.

А) Муаррифии мақсади дарс ба хонандагон

Б) Ангезиши зеҳн. Замон хоси кадом ҳиссаи нутқ аст. Чаро сифати феълӣ ҳам замон дорад? Пас аз шунидани ҷавобҳои хонандагон ба баёни мавзӯи нав оғоз кунед: Сифати феълии замони гузашта. Сифати феълии замони гузашта аз асоси замони гузаштаи феъл ба воситаи пасванди -а (пӯшида-дари пӯшида; рӯйида- гули рӯйида; омада- меҳмони омада) сохта шуда, амал ва ҳолати пеш аз замони хабари ҷумла воқеъгардидаро нишон медиҳад Чунончи: Ҷавони худро ба пойи падар андохта, бо лабҳои аз ҳаяҷон **хушкида** кафи пойи пуробилаи ӯро мебӯсид ва чашмони пур аз ашки худро ба рӯйи пойи аз пирӣ **хушкидаи** вай мемолид.

**Супориш:** Иҷрои машқҳои 144.

4. Ҷамъбаст ва арзёбӣ: (баргаштан ба мақсадҳои дарс)

5.Вазифаи хонагӣ: машқи 145

## 28. СИФАТИ ФЕЪЛИИ ЗАМОНИ ҲОЗИРА. СИФАТИ ФЕЪЛИИ ЗАМОНИ ҲОЗИРА-ОЯНДА

**Салоҳиятҳо:**

--донистан ва ҷудо кардани ҳиссаҳои мустақили нутқ, хусусиятҳо, категорияҳои грамматикии онҳо, калимасозии ҳиссаҳои мустақили нутқ.

**Мақсадҳои дарс. Хонандагон бояд**

- дар нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ замонҳои сифати феълӣ ҷудо карда тавонанд;
- дар нутқи хаттӣ ва шифоҳӣ сифати феълии замони ҳозира, сифатҳои феълии замони ҳозира-ояндаро муайян карда тавонанд.

**Маводи таълим:** китоби дарсӣ, матнҳо аз хазина, замима.

**Равиши дарс:**

1. Лаҳзаи ташкили дарс (риояи одоби салом, ба ҳисобгирии давомот)

2.Пурсиши вазифаи хонагӣ.

А) Санҷиши иҷрои машқи 145.

Б) Сифати феълии замони гузашта чӣ тавр сохта мешаванд?

3.Баёни мавзӯи нав.

А) Муаррифии мақсади дарс ба хонандагон;

Б) Баёни мавзӯъ: Сифати феълии замони ҳозира. Сифати феълии замони ҳозира аз асоси замони ҳозираи феълҳои сода ба воситаи пасванди -анда (-янда) сохта мешавад. Асоси феъл бо ҳамсадо анҷом ёфта бошад, пасванди –анда ва агар бо садонок ва ё ҳамсадои й тамом шуда бошад, пасванди –янда-ро мегирад. Масалан:

бурдан-бар-баранда;
чарх задан-чарх зан-чархзананда;
баромадан-баро-бароянда;
гуфтан-гӯй-гӯянда.

Сифати феълии замони ҳозира-оянда. Сифати феълии замони ҳозира-оянда аз шакли дуюми сифати феълии замони гузашта (хондагӣ) бо иловаи пешванди ме- сохта мешавад ва дар замони оянда воқеъ гардидани амалу ҳолатро ифода мекунад. Чунончи:

мехондагӣ кор мекардагӣ
менавиштагӣ сайр мекардагӣ
мерафтагӣ тавба мекардагӣ

**Супориш:** Иҷрои машқи 146.

4. Ҷамъбаст ва арзёбӣ (баргаштан ба мақсадҳои дарс)

5. Вазифаи хонагӣ: машқи 147

## 29. СИФАТИ ФЕЪЛИИ ЗАМОНИ ҲОЗИРАИ МУАЙЯН

**Салоҳиятҳо:**

--донистан ва ҷудо кардани ҳиссаҳои мустақили нутқ, хусусиятҳо, категорияҳои грамматикии онҳо, калимасозии ҳиссаҳои мустақили нутқ.

**Мақсадҳои дарс. Хонандагон бояд**

- дар нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ замонҳои сифати феълӣ ҷудо карда тавонанд;

– дар нутқи хаттӣ ва шифоҳӣ сифати феълии замони ҳозираи муайянро ҷудо карда тавонанд.

**Маводи таълим:** китоби дарсӣ, матнҳо аз хазина, замима.

**Равиши дарс:**

1. Лаҳзаи ташкили дарс (риояи одоби салом, ба ҳисобгирии давомот)
2. Пурсиши вазифаи хонагӣ.

А) Санҷиши иҷрои машқи 147.

Б) Сифати феълии замони ҳозира-оянда чи тавр сохта мешаванд?

3. Баёни мавзӯи нав.

А) Муаррифии мақсади дарс ба хонандагон;

Б) Баёни мавзӯъ: Сифати феълии замони ҳозираи муаяйн. Сифати феълии замони ҳозираи муайян аз шакли якуми сифати феълии замони гузаштаи феъли асосӣ ва сифати феълии замони гузаштаи феъли ёридиҳандаи **истодан** сохта мешавад (пӯшида истода, гуфта истода, баромада истода).

**Супориш:** Бо шаклҳои сифати феълии замони ҳозираи муайян ҷумлаҳо тартиб диҳед.

4. Ҷамъбаст ва арзёбӣ (баргаштан ба мақсадҳои дарс)
5. Вазифаи хонагӣ: машқи 148

## 30. СИФАТИ ФЕЪЛИИ ЗАМОНИ ОЯНДА

**Салоҳиятҳо:**

--донистан ва ҷудо кардани ҳиссаҳои мустақили нутқ, хусусиятҳо, категорияҳои грамматикии онҳо, калимасозии ҳиссаҳои мустақили нутқ;

**Мақсадҳои дарс. Хонандагон бояд**

– дар нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ замонҳои сифати феълиро ҷудо карда тавонанд;

– дар нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ сифати феълии замони ояндаро муайян карда тавонанд.

**Маводи таълим:** китоби дарсӣ, матнҳо аз хазина, замима.

**Равиши дарс**

1. Лаҳзаи ташкилии дарс (Одоби салом, ба ҳисобгирии давомот).
2. Пурсиши вазифаи хонагӣ. Саволҳои омӯзгор:

А) Санҷиши иҷрои машқи 148.

Б) Сифати феъли замони ҳозираи муайян чиро ифода мекунад?

в) Сифати феълии замони ҳозираи муайян чи тавр сохта мешавад?

3. Баёни мавзӯи нав.

А) Муаррифии мақсади дарс ба хонандагон

Б) Баёни мавзӯъ: Сифати феълии замони оянда. Сифати феълии замони оянда аз масдар бо пасванди -ӣ сохта мешавад ва амалу ҳолати дар замони оянда рухдиҳандаро мефаҳмонад. Мисол:

варзиш карданӣ пурсиданӣ
парвоз карданӣ хонданӣ
иҷро карданӣ диданӣ

**Мустаҳкамкунӣ:**

- ✓ Сифати феълии замони оянда чӣ тавр сохта мешавад?
- ✓ Пасванди сифати феълии замони оянда месохтагӣ кадом аст?

4. Ҷамъбаст ва арзёбӣ (баргаштан ба мақсадҳои дарс)
5. Вазифаи хонагӣ: Иҷрои машқи 150

## 31. ИМЛОИ СИФАТИ ФЕЪЛӢ

**Салоҳиятҳо:**

--донистан ва ҷудо кардани ҳиссаҳои мустақили нутқ, хусусиятҳо, категорияҳои грамматикии онҳо, калимасозии ҳиссаҳои мустақили нутқ.

**Мақсадҳои дарс. Хонандагон бояд**

- дар нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ тарзи навишти сифати феълиро донанд;
- дар ҷумла сифатҳои феълиро дуруст навишта тавонанд.

**Маводи таълим:** китоби дарсӣ, матнҳо аз хазина, замима.

**Равиши дарс**

1. Лаҳзаи ташкилии дарс (риояи одоби салом, ба ҳисобгирии давомот).

2.Пурсиши вазифаи хонагӣ. Саволҳои омӯзгор:

А) Санҷиши иҷрои машқи 150

Б) Сифатҳои феълӣ аз чи гуна навишта мешаванд?

3. Баёни мавзӯи нав.

А) Муаррифии мақсади дарс ба хонандагон.

Б) Баёни мавзӯъ: Имлои сифати феълӣ чунин аст:

1. Сифати феълии замони гузашта, ки аз асоси замони гузаштаи феъли таркибии номӣ бо пасванди -а сохта шудааст, якҷо навишта мешавад, ба гунаи: (гурезаи) дастгиршуда, (кори) анҷомёфта, (айвони) болопӯшида, (савори) қафомонда, (ҳавлии) иҷорамонда, (аробаи) чархшикаста

2. Пешоянд бо чунин таркибҳо якҷо меояд: (машғулияти) баанҷомрасида, (пири) барҷомонда, (умеди) барбодрафта, (одами) азхудрафта, (дузди) бадастафтода, (фоидаи) бадастомада

3. Сифати феълии аз асоси замони ҳозираи феълҳои таркибии номӣ бо пасванди -анда сохташуда якҷо навишта мешавад, ба монанди: (артиши) зафарёбанда, (сухани) ҷамъбасткунанда, (хонандаи) ҷавобдиҳанда, (талабаи) хатмкунанда, (маҷлиси) ҳалкунанда

4. Ҷузъҳои сифати феълии мураккаб, ки тавассути, пасванди -гӣ ва -ӣ шакл гирифтаанд, ҷудо навишта, мешаванд, ба мисли: (кори) иҷро шудагӣ, (замини) шудгор кардагӣ, (дарсҳои) хонда шуданӣ, (рӯйдоди) фаромӯш ношуданӣ, (одами) хонда истодагӣ, (хабари) овоза ношуданӣ, (ҷойи) пинҳон шуданӣ

**Супориш:** Бо сифатҳои феълии дар боло зикршуда ҷумлаҳо нависед.

4. Ҷамъбаст ва арзёбӣ: (баргаштан ба мақсадҳои дарс)

5. Вазифаи хонагӣ: машқи 152

## 32. ВАЗИФАИ СИФАТИ ФЕЪЛӢ ДАР ҶУМЛА

**Салоҳиятҳо:**

--донистан ва ҷудо кардани ҳиссаҳои мустақили нутқ, хусусиятҳо, категорияҳои грамматикии онҳо, калимасозии ҳиссаҳои мустақили нутқ.

**Мақсадҳои дарс. Хонандагон бояд**

- дар нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ сифати феълиро ҷудо карда тавонанд;
- дар ҷумла вазифаи сифати феълиро муайян карда тавонанд.

**Маводи таълим:** китоби дарсӣ, матнҳо аз хазина, замима.

**Равиши дарс**

1. Лаҳзаи ташкилии дарс (риояи одоби салом, ба ҳисобгирии давомот).

2.Пурсиши вазифаи хонагӣ. Саволҳои омӯзгор:

А) Санҷиши иҷрои машқи 149.

Б) Сифатҳои феълӣ аз лиҳози имло чи гуна навишта мешаванд?

3. Баёни мавзӯи нав.

А) Муаррифии мақсади дарс ба хонандагон.

Б) Баёни мавзӯъ: Вазифаи сифати феълӣ дар ҷумла. Сифати феълӣ, асосан, ба вазифаи муайянкунанда меояд: Онҳо муфлисона зиндагӣ мекарданд. Дар бисоташон либоси **пӯшиданӣ** ва чизи **хӯрданӣ** қариб надоштанд.

Сифати феълӣ ба вазифаи хабар низ меояд. Чунончи: Амир ба муллоҳои калон маслиҳат карда, мардумро **шӯрониданӣ шуд.**

**Супориш:** Иҷрои машқҳои 153, 154

4. Ҷамъбаст ва арзёбӣ: (баргаштан ба мақсадҳои дарс)

5. Вазифаи хонагӣ: машқи 155

## 33. КОР БО МАТНИ ЛАТИФА (дарси 1)

**Салоҳиятҳо:**

-баҳодиҳӣ ба матнҳои шифоҳӣ ва хаттӣ

**Мақсадҳои дарс. Хонандагон бояд**

- бо хазинаи мавод кор кунанд;
- хусусиятҳои матни латифа муайян карда тавонанд;
- матни латифаҳоро аз рӯйи хусусҳояшон гурӯҳбандӣ намоянд.

**Маводи таълим:** китоби дарсӣ, матнҳо аз хазина, замима

**Равиши дарс:**

1. Лаҳзаи ташкилии дарс: (Ба ҷо овардани одоби муошират, бахисобгирии давомот)

2.Пурсиши вазифаи хонагӣ: Аз хонандагон пурсед, ки чанд латифа аз падару модар ё каси дигар навишта гирифтаанд, оё барои нақли латифа омода ҳастанд. Омӯзгор аз 2-3 нафар хонандагон хоҳиш мекунад, ки латифаҳои ҷамъкардаи худро ба ҳамагон муаррифӣ намоянд.

3. Баёни мавзӯи нав.

**Муҳокимаи умумӣ:** аз хонандагон пурсед:

- ✓ Кадом латифаҳо аҷибу хандаовар буданд?
- ✓ Чаро шумо чунин латифаҳоро аҷибу хандаовар меҳисобед?
- ✓ Шумо аз рӯйи кадом хусусиятҳо латифаҳоро чунин арзёбӣ намудед?

**Супориш:** кори инфиродӣ, кор бо хазинаи мавод:

- ✓ Ба хонандагон гӯед, ки бо маводи хазина шинос шаванд (*латифаҳоро бодиққат хонанд*);
- ✓ Аз дохили хазина 2-3 латифаи беҳтаринро интихоб намуда, ба рафиқи ҳампаҳлуяшон нақл намоянд;
- ✓ Дар гурӯҳи дунафара муҳокима намуда, ба саволи «Латифа дорои кадом хусусиятҳост? Латифа аз дигар матнҳо бо кадом хусусияташ фарқ мекунад?» ҷавоб ҷуста, ба дафтарашон нависанд.

**Намуна**: намунаи зер танҳо барои муаллим аст, хонандагон бояд хулосаҳои худашонро бароранд

Латифа дорои кадом хусусиятҳост? Латифа аз дигар матнҳо бо кадом хусусияташ фарқ мекунад?

→ ҳаҷман хурд аст;

→ аҷибу хандаовар аст;

→ бисёр мавзӯъҳои ҳаётии инсонро дар бар мегирад;

→ гиреҳкушоии латифа дар анҷоми он ифода мегардад;

→ он барои хушҳолӣ, иброз ва ҳимояи ақидаҳои мардум ва саъю кӯшиш барои ислоҳ намудани камбудӣ нақл карда мешавад ва ғайра.

**Хулосабарорӣ** аз кори инфиродӣ. Ҷавобҳои хонандагонро интихобан шунавед. Беҳтараш, хоҳиш кунед, ки ҳар кас танҳо як хусусиятро номбар кунад, шумо дар тахтаи синф пай дар пай қайд кунед.

4. Ҷамъбаст ва арзёбӣ: (баргаштан ба мақсадҳои дарс)

5.Вазифаи хонагӣ:

- ✓ На кам аз се латифа ҷамъоварӣ кунед;
- ✓ Аз матни латифаҳои ҷамъовардаатон ду ҷумла нависед, ки сифати аслӣ дошта бошанд;
- ✓ Барои муаррифии латифаҳо омода шавед.

## 33. КОР БО МАТНИ ЛАТИФА (дарси 2)

**Салоҳиятҳо:**

-тағйир додани матнҳои шифоҳӣ.

**Мақсадҳои дарс. Хонандагон бояд**

- «шиноснома»-и матни латифаро таҳия карда тавонанд;
- дар асоси «шиноснома»-и таҳиягардида латифа нақл карда тавонад;
- ба «шиноснома» тағйироту иловаҳо ворид намуда тавонанд.

**Маводи таълим:** китоби дарсӣ, матнҳо аз хазина, замима

**Равиши дарс:**

1. Лаҳзаи ташкилии дарс: (Риояи одоби муошират, баҳисобгирии давомот).

2.Пурсиши вазифаи хонагӣ.

3. Баёни мавзӯи нав.

А) Муаррифии мақсади дарс ба хонандагон

Б) Ангезиши зеҳн: латифа дорои кадом хусусиятҳост?

*Супориш*: Кори гурӯҳӣ. Таҳияи «шиноснома» барои нақл кардани латифа. Супоришҳои дар зер овардашударо хонандагон дар гурӯҳҳои хурд иҷро мекунанд. Тартиб саволҳо ба ҳамаи гурӯҳҳо чунин аст:

- ✓ Дар гурӯҳ 2-3 латифаи аҷибу хандаоварро ба хотир оред ва ба якдигар нақл кунед;
- ✓ Ба саволҳои ҷадвали дар зер омада ҷавоб нависед ва «шиноснома»-и матни латифаро омода намоед;
- ✓ «Шиноснома»-и гурӯҳи худро ба ҳамагон муаррифӣ кунед.

Намунаи нақшаи «Шиносномаи матни латифа» дар Замимаи 2 матни (ҷадвали ) №6 оварда шудааст.

**1)** Муаррифии кори гурӯҳҳо. Мубоҳиса ва муҳокимаи умумӣ.

*Супориш:* Кор дар гурӯҳҳои хурд. Нақл кардани латифа ва тағйиру иловаҳо ба шиносномаи латифа. Тартиби супориш чунин аст:

- ✓ Аз хазина 1-2 латифаи аҷибу хандаоварро мустақилона интихоб намоед;
- ✓ Дар асоси шиноснома латифаҳоро нақл намоед;
- ✓ Ба шиноснома тағйироту иловаҳо ворид намоед;
- ✓ Тағйироту иловаҳои худро ба ҳамагон муаррифӣ намоед.

Муаррифии кори гурӯҳҳо. Мубоҳиса ва муҳокимаи умумӣ.

4. Ҷамъбаст ва арзёбӣ: (баргаштан ба мақсадҳои дарс)

5.Вазифаи хонагӣ:
- На кам аз се латифа ҷамъоварӣ кунед;
- Барои нақли латифа (дар асоси шиноснома) омода шавед.

**Намунаи «шиноснома» (танҳо барои муаллим)**

| **Унсур** | **Номи аломат** (саволҳо) | **Шарҳи аломат** (ҷавобҳо) |
|---|---|---|
| латифа | барои чӣ латифа нақл карда мешавад? | хушҳолӣ, иброз ва ҳимояи ақидаҳои мардум ва саъю кӯшиш барои ислоҳ намудани камбудӣ |
| | ба кӣ нақл карда мешавад? | дӯстон, ҳамсинфон, ҳамкорон, аҳлу оила ва хешу табор |
| | ба кадом воситаҳои забонӣ бояд диққат дод? | оҳанг, зада, аломатҳои китобат, задаи мантиқӣ (хуллас риояи забони адабӣ). |
| | ба кадом воситаҳои ғайризабонӣ бояд диққат дод? | имову ишора, қиёфаю чеҳра |
| | баёни кадом калимаву ибораҳо дар латифа истифода бурдан манъ аст? | дашному ҳақорат |

## 33.КОР БО МАТНИ ЛАТИФА (дарси 3)

**Салоҳиятҳо:**
-дарки матнҳои шифоҳӣ.

**Мақсадҳои дарс. Хонандагон бояд**
- таҳияи қоида барои нақл намудани латифа дар асоси шиносномаро тавонанд;
- супоришро бо мақсади санҷидани қоидаро иҷро карда тавонанд;
- истифода бурдани қоида ва кор бо ғалатҳоро омӯзанд.

**Маводи таълим:** китоби дарсӣ, матнҳо аз хазина, замима

**Равиши дарс:**

1. Лаҳзаи ташкилии дарс: (Ба ҷо овардани одоби муошират, бахисобгирии давомот)

2. Пурсиши вазифаи хонагӣ. Дарсро бо бахотироварӣ аз кор бо жанри латифа оғоз кунед.

3. Баёни мавзӯи нав. Кори инфиродӣ ва гурӯҳӣ. Таҳияи қоида барои нақл кардани латифа.

*Супориш:*
- ✓ Ба хонандагон супориш диҳед, ки шиносномаи матни латифаро дида бароянд;
- ✓ Аз хазина 1-2 латифаро интихоб намуда, ба ҳамдигар нақл кунанд ва бо шиноснома муқоиса намоянд;
- ✓ Дар такя ба шиноснома ва ҷумлаи дар зер омада қоида барои нақли латифаро таҳия намоянд;
- ✓ Қоидаи таҳиякардаашонро ба муаррифӣ омода намоянд ва фикру мулоҳизаҳои дигаронро шунаванд.

**Ҷумла**:
Ҳангоми нақл намудани латифа ман бояд чунин қоидаҳоро риоя намоям:

1. …
2. …
3. …
4. …

✓ Муаррифии қоида ва мубоҳиса.

**1)** Кори инфиродӣ ва гурӯҳӣ. Санҷидани қоида. Барои санҷидани қоидаи таҳияшуда хонандагон бояд супоришҳои зеринро анҷом диҳанд:

• аз хазинаи маводи худ 2-3 латифаи аҷиберо интихоб намоянд;

• дар гурӯҳ муҳокима карда, 1-2 латифаи беҳтаринро ба аҳли синф муаррифӣ кунанд;

• баромади дигаронро бодиққат гӯш карда, ғалатҳои содирнамудаи онҳоро дар ҷадвали зер қайд намоянд;

• ҷадвали ғалатҳоро ба ҳамагон муаррифӣ намоянд.

**Ҷадвали ғалатҳо**

| Баромадкунанда | Ғалатҳо ҳангоми нақли латифа |
|---|---|
| | |

4. Ҷамъбаст ва арзёбӣ: (баргаштан ба мақсадҳои дарс)

5. Вазифаи хонагӣ: Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки дар хона:

– Дар мавзӯи «мактаб, дониш, одобу ахлоқ» на кам аз се латифа ҷамъоварӣ кунанд;

– Бо такя ба қоида 1-2 латифаи беҳтарини ҷамъовардаи худро ба аҳлу оила нақл намоянд;

– Фикру мулоҳизаҳои онҳоро қайд кунанд ва барои муаррифии ақидаҳо омодагӣ бинанд.

**Ҷадвали ғалатҳо**

| Баромадкунанда | Ғалатҳои маъмул дар нақли латифа |
|---|---|
| 1 | овози паст дорад, аломатҳои китобатро риоя намекунад ва ғайра |
| 2 | ҳаҷми латифа калон, хандаовар нест ва ғайра |
| 3 | ном қаҳрамони он қайд карда шуд |
| | ҳақорату дашном шунид шуд |

## 34. ДИКТАНТИ САНҶИШ

Омӯзгор метавонад, озодона матнро интихоб намояд, аммо ҳамгиро намудан бо мавзӯъҳои грамматикӣ муфидтар аст.

**Мақсадҳои дарс:**

– мустаҳкамкунии малака ва маҳорати хонандагон оид ба калимасозии сифат,имлои сифат, вазифаи сифат дар ҷумла;

– ташаккули малакаи интиқоли нутқи шифоҳӣ ба нутқи хаттӣ.

**Маводи таълим**: маҷмӯи матни диктантҳо.

**Равиши дарс:**

1. Лаҳзаи ташкилии дарс (ҳисоботи навбатдор, қайди давомоти хонандагон)
2. Баёни мавзӯи нав. Шиносоӣ бо матни диктант.

- қироати матни интихобгардида ва омода намудани хонандагон ба навиштани диктант.

- қироати матни диктант ва риояи интонатсия дар ифодаи аломатҳои китобатӣ.

3. Ҷамъбасти дарс.

## 35. ФЕЪЛИ ҲОЛ

**Салоҳиятҳо:**

--донистан ва ҷудо кардани ҳиссаҳои мустақили нутқ, хусусиятҳо, категорияҳои грамматикии онҳо, калимасозии ҳиссаҳои мустақили нутқ.

**Мақсадҳои дарс. Хонандагон бояд**

- Мафҳуми феъли ҳол ва шакли махсуси феъл будани онро шарҳ дода тавонанд;
- Вазифаи феъли ҳол муқаррар кардан тавонанд;
- феъли ҳолро аз сифати феълӣ фарқ кардан тавонанд;
- дар нутқи шифоҳию хаттӣ дурусту бамавқеъ феъли ҳолро истифода бурда тавонанд
- дар корҳои хаттӣ беғалат навиштани феъли ҳолро аз худ кунанд.

**Маводи таълим:** китоби дарсӣ, матнҳо аз хазина, замима

**Равиши дарс:**

1. Лаҳзаи ташкилии дарс: (Ба ҷо овардани одоби муошират, баҳисобгирии давомот)

2.Пурсиши вазифаи хонагӣ

А) Сифати феълӣ дар ҷумла ба вазифаи кадом аъзои пайрави ҷумла меояд?

Б) Сифати феълӣ дар ҷумла ба вазифаи кадом сараъзо омада метавонад?

Мустаҳкам кардани мавзӯи гузашта: Навиштани ибора ва ҷумлаҳое, ки як дар онҳо сифатҳои феълӣ ба вазифаи муайянкунанда ё хабар истифода шудаанд.

3. Баёни мавзӯи нав. Ангезиш зеҳн: Чаро феъли ҳол мегӯянд? Фикри хонандагонро шунавед, пурсед, ки он ба фикри хонандагон аз сифати феълӣ чӣ фарқ дошта бошад? Назари хонандагонро шунавед, сипас, ба баёни мавзӯи нав гузаред: Феъли ҳол. Феъли ҳол амалу ҳолатеро мефаҳмонад, ки чун аломати феъли асосӣ воқеъ мешавад. Чунончи: Пирак хандакунон ба гап сар кард. Дар ин ҷумла ду амал ҳаст: яке **хандакунон,** дигаре **сар кард.** Амали якумро, ки асосӣ нест аз ҷиҳати шакл ин гуна тағйир додан мумкин аст: **хандида** ё **хандида-хандида** (Пирак хандида-хандида ба гап сар кард).

Ҳамин тариқ, калимаҳои пӯшида, баста, хандакунон, ки ҳолату вазъияти амали асосиро мефаҳмонад, феъли ҳол мегӯянд.

Иҷрои машқи 163. Ин машқро ҳамроҳи хонандагон омӯзгор якҷоя иҷро мекунад.

**Супориш:** Кор дар гурӯҳҳои хурд.

Гурӯҳи 1. Иҷрои шарти машқи 164.

Гурӯҳи 2. Иҷрои шарти машқи 165.

Гурӯҳи 3. Иҷрои шарти машқи 166.

Пас аз анҷоми кор дар гурӯҳҳои хурд ба хонандагон вақт диҳед, ки корҳои гурӯҳии худро муаррифӣ намоянд.

4. Ҷамъбаст ва арзёбӣ: (баргаштан ба мақсадҳои дарс)

5.Вазифаи хонагӣ: Навиштани ҷумлаҳо бо истифодаи феъли ҳол.

## 36. СОХТ ВА ИМЛОИ ФЕЪЛИ ҲОЛ

**Салоҳиятҳо:**

--донистан ва ҷудо кардани ҳиссаҳои мустақили нутқ, хусусиятҳо, категорияҳои грамматикии онҳо, калимасозии ҳиссаҳои мустақили нутқ.

**Мақсадҳои дарс. Хонандагон бояд**

– сохт ва имлои феъли ҳолро донанд;

– дар нутқи хаттӣ ва шифоҳӣ тарзи навиштани шаклҳои феъли ҳолро тавонанд.

**Маводи таълим:** китоби дарсӣ, матнҳои заминаи китоби дарсӣ.

Равиши дарс:

1. Лаҳзаи ташкилии дарс: (риояи одоби салом баҳисобгирии давомот)

2. Пурсиши вазифаи хонагӣ:

А) Феъли ҳол ба кадом ҳиссаи нутқ наздикӣ дорад?

Б) Феъли ҳол ба сифат тааллуқ дорад ё феъл?

3. Баёни мавзӯи нав. Сохт ва имлои феъли ҳол.

А) Муаррифии мақсади дарс ба хонандагон:

Б) Ангезиши зеҳн: Ба фикри шумо чаро феъли ҳол мегӯянд? Шунидани назари хонандагон. Баёни мазмуни мавзӯъ аз ҷониби муаллим: Ҳар ду шакли феъли ҳол аз асосҳои феъл тавассути пасванд сохта мешавад. Чунончи, шакли якум аз асоси замони гузашта бо пасванди -а: (рафта, хӯрда, дида, пурсида) ва шакли дуюм аз исм, калимаи тақлидӣ ва асоси замони ҳозира бо пасванди -он(завққунон, гапзанон, ғурғуркунон) сохта мешавад.

Шарҳ. Ҷузъи ёвари феъли ҳол калимаҳои кардан (кун), задан(зан), гуфтан (гӯй) ва ғайра мебошад. Агар асоси феъл бо ҳарфи й анҷом ёфта бошад, ба ҷойи он пасванди -ён меояд: гӯй(-гӯён): Додгӯён худро ба оғӯши модараш партофт (Ҷалол Икромӣ).

Имлои феъли ҳол чунин аст:

1) ҳамаи ҷузъҳои он пайваста навишта мешаванд (бозикунон, гулдуросзанон, сурудхонон).

2) дар байни ҷузъи номии такрор дефис гузошта мешавад (чаҳ-чаҳзанон, вой войгӯён, пичир-пичиркунон, ҷиринг-ҷирингкунон, фуш-фушкунон).

3) дар байни феъли ҳоли такрор дефис гузошта мешавад (Дудҳо...тоб хӯрда-тоб хӯрда дар фазои осмони лоҷувардӣ пинҳон мешуданд (Раҳим Ҷалил); Духтаре...давон-давон меояд (Садриддин Айнӣ).

**Супориш:** Иҷрои машқи 166. Матнро бинависед ва феъли ҳоли ба вазифаи ҳоли тарзи амал омадаро шарҳ бидиҳед.

4.Ҷамъбаст ва арзёбӣ (баргаштан ба мақсадҳои дарс)

5.Вазифаи хонагӣ: Иҷрои машқи 167

## 37. ШАКЛҲОИ МУТЛАҚ ВА ДАВОМДОРИ ФЕЪЛИ ҲОЛ

**Салоҳиятҳо:**

--донистан ва ҷудо кардани ҳиссаҳои мустақили нутқ, хусусиятҳо, категорияҳои грамматикии онҳо, калимасозии ҳиссаҳои мустақили нутқ.

**Мақсадҳои дарс.Хонандагон бояд**

- тафовути феъли ҳолро аз феъли асосӣ донад;
- шаклҳои феъли ҳолро аз ҳамдигар фарқ карда тавонад;
- роҳҳои сохта шудани феъли ҳол ва шаклҳои онро донад;
- тарзи дуруст навиштани феъли ҳолро ёд гирад;

– аз матн феъли ҳолро ёфта, шаклҳои онро шарҳ дода тавонад;

**Маводи таълим:** китоби дарсӣ, матнҳо аз хазина, замима

**Равиши дарс:**

1. Лаҳзаи ташкилии дарс: (Ба ҷо овардани одоби муошират, бахисобгирии давомот).
2. Пурсиши вазифаи хонагӣ
3. Баёни мавзӯи нав

А) Муаррифии мақсади дарс ба хонандагон:

Б) Ангезиши зеҳн.

- ✓ Оё Шумо медонед, ки феъли ҳол чанд шакл дорад?
- ✓ Шаклҳои феъли ҳол чӣ ном доранд?
- ✓ Шаклҳои феъли ҳол чӣ тавр сохта мешаванд?

Омӯхтани маводи нав.

**Супориш.** Кор бо китоби дарсӣ. Кори инфиродӣ

Хонандагон мустақилона китоби дарсиро кушода, саҳифаи 122, 123-ро мутолиа мекунанд. Пас аз хондани китоб муаллим бо савол ба хонандагон муроҷиат мекунад:

- ✓ Феъли ҳол чанд шакл дорад?
- ✓ Шаклҳои феъли ҳолро номбар кунед.
- ✓ Шакли мутлақи феъли ҳол чӣ тавр сохта мешавад ва кадом амалро ифода мекунад?
- ✓ Шакли давомдори феъли ҳол бо кадом роҳ сохта мешавад ва кадом амалро ифода мекунад?

**Супориш:** Кори дунафара. Машқи 168-и китобро хонда, шаклҳои феъли ҳолро ёфта, маънидод карда ва дар нақша навиштан.

| Мутлақ | Давомдор |
|---|---|
| | |

**Супориш:** Кор дар гурӯҳҳо. Бачаҳо ба гурӯҳҳо тақсим карда мешаванд.

Ба гурӯҳи 1-ум чунин вазифа пешниҳод карда мешавад: Дар ҷумлаҳои зерин ба ҷойи нуқтаҳо аз даруни қавс феъли ҳоли мувофиқро гузоред ____________________
____________________________________________________________

Ба гурӯҳи 2-юм чунин вазифа пешниҳод карда мешавад: Дар ҷумлаҳои зерин шаклҳои феъли ҳолро муайян намоед ____________________
____________________________________________________________

Натиҷаи кори гурӯҳҳо. Хулосабарорӣ.

4. Ҷамъбаст ва арзёбӣ: (баргаштан ба мақсадҳои дарс)
5. Вазифаи хонагӣ: Тартиб додани ҷумлаҳо бо феълҳои ҳол.

## 38.ЗАМОНҲОИ ФЕЪЛИ ҲОЛ

**Салоҳиятҳо:**

--донистан ва ҷудо кардани ҳиссаҳои мустақили нутқ, хусусиятҳо, категорияҳои грамматикии онҳо, калимасозии ҳиссаҳои мустақили нутқ.

**Мақсадҳои дарс. Хонандагон бояд**

– замонҳои феъли ҳолро аз замонҳои феъл фарқ карда тавонанд;

– шаклҳои феъли ҳолро аз ҳамдигар фарқ карда тавонад;

– роҳҳои сохта шудани замонҳои феъли ҳол ва шаклҳои онро донад;

– тарзи дуруст навиштани замонҳои феъли ҳолро ёд гирад.

**Маводи таълим:** китоби дарсӣ, матнҳо аз хазина, замима

**Равиши дарс:**

1. Лаҳзаи ташкилии дарс: (Риояи одоби муошират, бахисобгирии давомот).

2.Пурсиши вазифаи хонагӣ:

А) Феъли ҳол чанд шакл дорад?

Б). Шакли мутлақ аз шакли давомдори феъли ҳол чӣ фарқ дорад?

3. Баёни мавзӯи нав.

А) Муаррифии мақсадҳои дарс ба хонандагон

Б) Ангезиши зеҳн: Ба фикри шумо чаро феъли ҳол замон дорад? Шунидани назари хонандагон. Баёни мазмуни мавзӯъ аз ҷониби муаллим:

Феъли ҳол ду замон дорад: замони гузашта ва ҳозира. Феъли ҳоли замони гузашта аз асоси замони гузаштаи феъл ба воситаи пасванди -а сохта мешавад ва ҳолатро ҳамчун аломати амали феъли асосӣ ифода мекунад, яъне амали пеш аз хабар воқеъгардидаро мефаҳмонад: абрҳо рӯйи осмони баланд болу пар **боз карда** мегаштанд.

Феъли ҳоли замони ҳозира аз асоси замони ҳозираи феъл тавассути пасванди -он(-ён) сохта мешавад ва чун шакли давомдор амалу ҳолатеро, ки бо феъли асосӣ дар як замон ба вуҷуд омаддаст, баён мекунад. Аз ин рӯ, хабари ҷумла дар замони гузашта, ҳозира ва оянда воқеъ шавад, феъли ҳоли замони ҳозира бо он ҳамзамон мегардад: баррагон аз қафои рама баосзанон медавиданд.

**Супориш:** Иҷрои машқи 171. Матнро хонед ва ба феълҳои ҳоли замони гузашта аҳамият диҳед.

4. Ҷамъбаст ва арзёбӣ: (баргаштан ба мақсадҳои дарс)

5.Вазифаи хонагӣ: Иҷрои машқи 172.

## 39. ВАЗИФАИ ФЕЪЛИ ҲОЛ ДАР ҶУМЛА

**Салоҳиятҳо:**

--донистан ва ҷудо кардани ҳиссаҳои мустақили нутқ, хусусиятҳо, категорияҳои грамматикии онҳо, калимасозии ҳиссаҳои мустақили нутқ.

**Мақсадҳои дарс. Хонандагон бояд**

– вазифаи феъли ҳолро дар ҷумларо донанд;

– дар нутқи хаттӣ ва шифоҳӣ феъли ҳолро аз сифати феълӣ ҷудо карда тавонанд.

**Маводи таълим:** китоби дарсӣ, матнҳои заминаи китоби дарсӣ.

Равиши дарс:

1. Лаҳзаи ташкилии дарс: (риояи одоби салом баҳисобгирии давомот)

2. Пурсиши вазифаи хонагӣ:

А) Феъли ҳол чанд замон дорад?

Б) Шаклҳои феъли ҳол аз чӣ сохта мешавад?

3. Баёни мавзӯи нав. Вазифаи феъли ҳол дар ҷумла.

А) Муаррифии мақсади дарс ба хонандагон:

Б) Ангезиши зеҳн: Ба фикри шумо чаро феъли ҳол замон дорад ? Шунидани назари хонандагон. Баёни мазмуни мавзӯъ аз ҷониби муаллим: Феъли ҳол дар ҷумла ба вазифаи ҳоли тарзи амал меояд: Занак чарху пилтасабадашро онсӯтар гузошта, бо ҳар ду даст ба зонувони лоғари нотавонаш **такякунон** ба истиқболи меҳмон бархост.

**Супориш:** Иҷрои машқи 175. Матнро бинависед ва феъли ҳоли ба вазифаи ҳоли тарзи амал омадаро шарҳ бидиҳед.

4.Ҷамъбаст ва арзёбӣ (баргаштан ба мақсадҳои дарс)

5.Вазифаи хонагӣ: машқи 176

## 40. УМУМИЯТ ВА ФАРҚИ СИФАТИ ФЕЪЛӢ ВА ФЕЪЛИ ҲОЛ

**Салоҳиятҳо:**

--донистан ва ҷудо кардани ҳиссаҳои мустақили нутқ, хусусиятҳо, категорияҳои грамматикии онҳо, калимасозии ҳиссаҳои мустақили нутқ.

**Мақсадҳои дарс**. Хонандагон бояд

- умумият ва фарқи сифати феълӣ ва феъли ҳолро донанд;

-аз матн сифати феълӣ ва феъли ҳолро ҷудо карда тавонанд;

-сифати феълӣ ва феъли ҳолро дар нутқи хаттӣ ва шифоҳӣ истифода карда тавонанд.

**Маводи таълим**: китоби дарсӣ, варақаи таълим, матн

**Равиши дарс**

1. Лаҳзаи ташкилии дарс. (Риояи одоби салом, баҳисобгирии давомот.

2.Пурсиши вазифаи хонагӣ:

А) Феъли ҳол дар ҷумла ба вазифаи чӣ меояд?

Б) Шаклҳои феъли ҳол аз чӣ сохта мешавад?

3.Баёни мавзӯи нав. Умумият ва фарқи феъли ҳол аз сифати феълӣ. Ангезиши зеҳн: Ба фикри шумо чаро сифати феълӣ ва феъли ҳол мегӯянд? Шунидани назари хонандагон. Баёни мазмуни мавзӯъ аз ҷониби муаллим:

1. Аз рӯи маъно ва мавқеи худ сифати феълӣ дар ҷумла ба сифат наздик аст. Мисол: Теғе аз ман бурандатар набвад,

Барқе аз ман ҷаҳандатар набвад.

Чунонки мушоҳида мегардад, сифатҳои феълии **буранда** ва **ҷаҳанда** ба нишонаҳои сифат бештар моиланд, яъне чун сифати аслӣ (теғи бурандатар, барқи чаҳандатар) дараҷаи қиёсиро мефаҳмонад.

2. Сифати феълӣ дар ҷумла чун исм истеъмол меёбад, монанди исм бо пайвандаки ҷамъсоз, пешоянду пасоянд ва бандакҷонишин (-ам, -ат,-аш, -амон,-атон,-ашон) меоянд. Чунончи: Фаридун барои Эраҷ тахти фирӯза ороста, асбоби зиёфату базми шоҳонаро муҳайё сохта, созанда ва сарояндагонро ҳозир карда буд. Малик писарро заҷру маломат кард, ки бо парварандаи хеш даъвои муқовимат кардӣ.Фотима ба роҳи омадагиаш баргашт.

Чӣ хеле ки дида мешавад, калимаҳои созандагон, сарояндагон ба монанди мисолҳои боло нишонаҳои феълии худро суст ё гум карда, хусусияти исмро қабул намудаанд, аз ҷумла ба саволи исм (киҳо?) ҷавоб мегӯянд.

3. Сифати феълӣ дар алоқаи изофӣ (пеш аз исм) меоянд. Масалан: Лашкаркаши ғаюр аз тасодуф на фақат бедаступо нашуд, балки хурсанд шуд, ки, инак, метавонад ҳисобашро бо **кушанда**и бародараш баробар кунад…

**Супориш:** Иҷрои машқи 177.

4.Ҷамъбаст ва арзёбӣ(баргаштан ба мақсадҳои дарс)

5.Вазифаи хонагӣ: Иҷрои машқи 188

## 41. КОР БО МАТНИ ДАРХОСТ (2 соат)

**Салоҳиятҳо:**

- дарк матни хаттӣ, баҳодиҳӣ ба матни хаттӣ.

**Мақсадҳои дарс. Хонандагон бояд**

- робита ва қонуниятҳо байни унсурҳои омӯхташавандаро муайян карда тавонанд;

- шиносномаи дархостро таҳия намоянд;
- дар асоси шиносномаи жанри омӯхташаванда қоида таҳия карда тавонанд,
- бо мақсади санҷидани қоидасупоришҳо иҷро кунанд,
- бо истифодаи аз қоидаи таҳиягардида супориш иҷро кунанд.

**Маводи таълим**: китоби дарсӣ, варақаҳои таълим, матн
**Соати аввал. Равиши дарс**:

1.Лаҳзаи ташкилии дарс.(Риояи одоби салом, баҳисобгирии давомот).

2.Баёни мавзӯи нав. Ангезиши зеҳн (проблемагузорӣ): Омӯзгор ба хонандагон таъкид мекунад, ки имрӯз барои гузаштани дарси забон аз китобхонаи мактаб бастаи маҷаллаҳои «Ахтарон» ва «Истиқбол»-ро барои истифодаи муваққатӣ овардан лозим аст, аммо мудири китобхона мегӯяд, ки барои гирифтани бастаи маҷаллаҳо бояд мо дархост нависем. Мо медонем, ки дархостро чӣ тарз навиштан лозим аст? Биёед, ҳама яктоӣ дархост менависем ва аз мудири китобхона хоҳиш мекунем, ки рӯзномаҳоро ба орият ба мо диҳад. Ҳар кас мустақилона кор мекунад.

**Шарҳ барои омӯзгор**: Хонандагонро саросема намекунем, аммо назорат мекунем, ки ҳама кор кунад, пешакӣ қоидаи махсус барои навиштан намедиҳем, намуна намедиҳем, аз китоб истифода кардан мумкин нест, ҳама бояд китобҳоро пӯшонанд. Аз хонандагон хоҳиш мекунем, ки чӣ хеле ки метавонанд ба мудири китобхона дархост нависанд. Барои ин кор шояд 7-10 дақиқа вақт сарф шавад.

**Муаррифӣ**. Сипас, аз чанд нафар хоҳиш мекунем, ки дархостҳояшонро хонанд ва дигарон таваҷҷуҳ кунанд, норасоӣ ва муваффақияти дархостҳоро гӯянд. Муҳокима намоянд. Соати аввали дарсро дар ин ҷо ҷамъбаст кардан мумкин аст.

**Супориш ба хона:** Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки аз номи падар ё модар, бародарашон дар бораи гирифтани китобҳои дарсӣ аз китобхонаи мактаб дархост биёранд.

**Соати дуюм**.
**Равиши дарс**:

1.Лаҳзаи ташкилии дарс.(Риояи одоби салом, баҳисобгирии давомот).

2.Пурсиши вазифаи хонагӣ.

Шунидани дархостҳои овардаи хонандагон. Беҳтараш дархостҳоро ҷамъ кунед, хонандагонро ба гурӯҳҳои хурд ҷудо карда ба ҳар як гурӯҳ баробар дархостҳоро тақсим кунед. Хонандагон фарқ ва хусусиятҳои онҳоро баррасӣ кунанд, сохти дархост, қисматҳояшро таҳлил кунанд.

**Муаррифии** кори гурӯҳҳо.

Муҳокима ва ҷамъбасти кори гурӯҳҳо.

Кор дар гурӯҳҳои хурд: Таҳияи шиносномаи дархост. Таҳияи қисматҳои ҳатмии дархост ҳамчун ҳуҷҷат. Гурӯҳҳо шартҳои навиштани дархостро бояд муайян кунанд.

Муаррифии кори гурӯҳҳо. Ҷамъбасти омӯзгор оид ба шиноснома (сохтор)-и дархост.

3.Ҷамъбаст ва арзёбӣ.

4.Супориши вазифаи хонагӣ: Ҷамъоварии матни дархост.

## 42. ТАКРОРИ БОБҲОИ СИФАТИ ФЕЪЛӢ ВА ФЕЪЛИ ҲОЛ (КОРИ ЛОИҲАВӢ)

**КОРИ ЛОИҲАВӢ:** Омӯзгор аз китоби дарсӣ саволномаҳои санҷиширо дар оғози дарс баррасӣ ва муҳокима менамояд, тавассути саволҳо дониш, малака ва маҳорати онҳоро месанҷад. Сипас, ба хонандагон кори лоиҳавӣ месупорад. Ин кор характери

гурӯҳӣ дорад. Хонандагон ба 3 гурӯҳи хурд вобаста ба фаслҳои лоиҳа ҷудо карда мешаванд. Кори лоиҳавӣ пас аз мустаҳкамкунии дониши хонандагон аз рӯйи фаслҳои "Сифати феълӣ ва феъли ҳол" сурат мегирад. Мавзӯъ дар асоси муҳокима бо хонандагон интихоб карда мешавад. Дар ин маврид омӯзгор метавонад чунин мавзӯъ пешниҳод намуда, бо хонандагон онро муҳокима намояд ва зермавзӯъҳоро муайян намояд:

Мавзӯъ: "Истифодаи сифати феълӣ ва феълҳои ҳол дар рӯзномаи "Анбоз "

**Зермавзӯъ барои гурӯҳи 1:** " Истифодаи сифатҳои феълӣ дар рӯзнома"

Супориш:

1.Бо шумораҳои соли 2016 рӯзнома аз китобхонаи мактаб шинос шавед;

2.Рӯйхати сифатҳои феълии маъмул дар забони тоҷикиро, ҷамъ оваред.

3.Аз китобхонаи мактаб "Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ"-ро истифода карда, маънои онҳоро шарҳ диҳед.

**Зермавзӯъ барои гурӯҳи 2.** "Замонҳои сифати феълӣ ва феъли ҳол"

1.Бо шумораҳои соли 2016 рӯзнома аз китобхонаи мактаб шинос шавед;

2.Мақолаҳоеро, ки дар онҳо сифатҳои феълӣ ва феълҳои ҳол дар замонҳои гуногун истифода шудаанд пайдо намоед, онҳоро дар варақаҳои алоҳида кӯчонида шарҳ омода созед.

**Зермавзӯъ барои гурӯҳи 3.**: "Феъли ҳол ва замонҳои он"

1.Бо шумораҳои соли 2016 рӯзнома аз китобхонаи мактаб шинос шавед;

2. Феълҳои ҳолро аз таркиби ҷумлаву ибораҳо ҷамъ оваред ва аз истифода бо фарҳангу луғатҳо маънои онҳоро шарҳ диҳед.

Шарҳ барои омӯзгор: хонандагонро роҳнамоӣ намоед, то вазифаҳоро байни худ тақсим кунанд. Барои иҷрои супориш муҳлат диҳед (шояд як, ду моҳ). Пас аз омода шудани кор бо онҳо масъалаи муаррифии корҳоро машварат кунед.

Корро ба тарзи дигар ҳам ташкил намудан мумкин аст, ки ба салоҳияти омӯзгор вобаста аст. Тарзи ташкили корҳои лоиҳавӣ дар замимаи роҳнамо низ оварда шудааст.

## 43.ДИКТАНТИ САНҶИШӢ

Омӯзгор метавонад, озодона матнро интихоб намояд, аммо ҳамгиро намудан бо мавзӯъҳои грамматикӣ муфидтар аст.

**Мақсадҳои таълимӣ:**

– мустаҳкамкунии малака ва маҳорати хонандагон оид ба калимасозии сифат,имлои сифат, вазифаи сифат дар ҷумла;

– ташаккули малакаи интиқоли нутқи шифоҳӣ ба нутқи хаттӣ.

**Маводи таълим**: маҷмӯи матни диктантҳо.

**Равиши дарс:**

1. Лаҳзаи ташкилии дарс (ҳисоботи навбатдор, қайди давомоти хонандагон)

2. Баёни мавзӯи нав. Шиносоӣ бо матни диктант.

- Қироати матни интихобгардида ва омода намудани хонандагон ба навиштани диктант.

- Қироати матни диктант ва риояи интонатсия дар ифодаи аломатҳои китобатӣ.

3. Ҷамъбасти дарс.

## 44. ШУМОРА ҲАМЧУН ҲИССАИ НУТҚ

**Салоҳиятҳо:**

--донистан ва ҷудо кардани ҳиссаҳои мустақили нутқ, хусусиятҳо, категорияҳои грамматикии онҳо, калимасозии ҳиссаҳои мустақили нутқ.

**Мақсадҳои дарс**. Хонандагон бояд

- тарзи навиштани шумораро донанд;
-аз матн шумораҳоро ҷудо карда тавонанд.
- хели шумораҳоро дар нутқи хаттӣ ва шифоҳӣ истифода карда тавонанд.

**Маводи таълим**: китоби дарсӣ, варақаи таълим, матн

**Равиши дарс:**

1.Лаҳзаи ташкилии дарс (Риояи одоби салом, баҳисобгирии давомот)

2.Пурсиши вазифаи хонагӣ:

А) Аз хонандагон пурсед, ки дар бораи шумора чӣ маълумот доранд?

Б) Хонандагон оид ба мавқеи шумора дар калимасозӣ чӣ медонанд?

3.Баёни мавзӯи нав.

А) Муаррифии мақсади дарс ба хонандагон;

Б) Ангезиши зеҳн: Ба фикри шумо чаро сифати феълӣ ва феъли ҳол мегӯянд? Шунидани назари хонандагон. Баёни мазмуни мавзӯъ аз ҷониби муаллим: Шумора ҳиссаи нутқест, ки барои шумаридани ашхос ё чизҳо ба кор меравад: чор кас, панҷ ганҷ, даҳ пиёла. Калимаҳои чор, панҷ, даҳ шумораанд. Саволи шумора чанд? чандто? чӣ қадар? чандум? аст?

**Супориш:** Иҷрои машқи 190.

4.Ҷамъбаст ва арзёбӣ (баргаштан ба мақсадҳои дарс)

5 Вазифаи хонагӣ: Иҷрои машқи 191.

## 44. ХЕЛҲОИ ШУМОРА

**Салоҳиятҳо:**

--донистан ва ҷудо кардани ҳиссаҳои мустақили нутқ, хусусиятҳо, категорияҳои грамматикии онҳо, калимасозии ҳиссаҳои мустақили нутқ.

**Мақсадҳои дарс**. Хонандагон бояд

- навъҳои шумораро донанд;
- аз матн хелҳои шумораҳоро ҷудо карда тавонанд;
- хелҳои шумораҳоро дар нутқи хаттӣ ва шифоҳӣ истифода карда тавонанд.

**Маводи таълим**: китоби дарсӣ, варақаи таълим, матн

**Равиши дарс:**

1. Лаҳзаи ташкилии дарс (Риояи одоби салом, баҳисобгирии давомот).

2. Пурсиши вазифаи хонагӣ:

А) Аз хонандагон пурсед, ки дар бораи шумора чӣ маълумот доранд?.

Б) Хонандагон ба шумораҳо савол гузошта метавонанд?

3.Баёни мавзӯи нав. Хелҳои шумора. Ангезиши зеҳн: Ба фикри шумо чаро шумора ва адад мегӯянд? Шунидани назари хонандагон. Баёни мазмуни мавзӯъ аз ҷониби муаллим: Шумора асосан, ба ду гурӯҳ тақсим мешавад: шумораи микдорӣ ва тартибӣ. Шумораи микдорӣ чиз ё ашёро мефаҳмонад ва се навъ мешавад: аслӣ, тахминӣ ва касрӣ.

**Супориш:** Иҷрои машқи 191.

4.Ҷамъбаст ва арзёбӣ (баргаштан ба мақсадҳои дарс)

5. Вазифаи хонагӣ: Иҷрои машқи 192.

## 46.ШУМОРАИ АСЛӢ

**Салоҳиятҳо:**

--донистан ва ҷудо кардани ҳиссаҳои мустақили нутқ, хусусиятҳо, категорияҳои грамматикии онҳо, калимасозии ҳиссаҳои мустақили нутқ.

**Мақсадҳои дарс**. Хонандагон бояд

- навъҳои шумораро дар матн донанд;
- аз матн хелҳои шумораҳоро ҷудо карда тавонанд;
- хелҳои шумораҳоро дар нутқи хаттӣ ва шифоҳӣ истифода карда тавонанд.

**Маводи таълим**: китоби дарсӣ, варақаи таълим, матн

**Равиши дарс:**

1.Лаҳзаи ташкилии дарс.(Риояи одоби салом, баҳисобгирии давомот).

2.Пурсиши вазифаи хонагӣ:

А) Аз хонандагон пурсед, ки дар бораи навъҳои шумора чӣ маълумот доранд?

Б) Хонандагон ба навъҳои шумораҳо савол гузошта метавонанд?

3.Баёни мавзӯи нав. Шумораи аслӣ. Ангезиши зеҳн: Ба фикри шумо чаро шумораҳоро ба гурӯҳҳо ҷудо мекунанд? Шунидани назари хонандагон. Баёни мазмуни мавзӯъ аз ҷониби муаллим: Шумораи аслӣ миқдори муайяни ашёро мефаҳмонад: як хона, даҳ қуттӣ, сад гӯсфанд…

**Супориш:** Бо шумораҳои аслии аз рафти дарс дар хотиратон монда ибораҳо ва ҷумлаҳо созед.

4. Ҷамъбаст ва арзёбӣ (баргаштан ба мақсадҳои дарс)

5. Вазифаи хонагӣ: Иҷрои машқи 192

## 47.ШУМОРАИ ТАХМИНӢ

**Салоҳиятҳо:**

-донистан ва ҷудо кардани ҳиссаҳои мустақили нутқ, хусусиятҳо, категорияҳои грамматикии онҳо, калимасозии ҳиссаҳои мустақили нутқ.

**Мақсадҳои дарс**. Хонандагон бояд

- шумораҳои тахминиро дар матн донанд;
-аз матн матн шумораҳои тахминиро ҷудо карда тавонанд;
- шумораҳои тахминиро дар нутқи хаттӣ ва шифоҳӣ истифода карда тавонанд.

**Маводи таълим**: китоби дарсӣ, варақаи таълим, матн

**Равиши дарс:**

1. Лаҳзаи ташкилии дарс. (Риояи одоби салом, баҳисобгирии давомот)

2.Пурсиши вазифаи хонагӣ:

А) Аз хонандагон пурсед, ки онҳо дар бораи шумораҳои тахминӣ ягон маълумот доранд?

Б) Хонандагон вобаста ба мавқеи шумораҳои тахминӣ дар ҷумла чӣ гуфта метавонанд?

3.Баёни мавзӯи нав. Шумораи тахминӣ. Ангезиши зеҳн: Ба фикри шумо чаро шумораҳоро ба гурӯҳҳо ҷудо мекунанд? Шунидани назари хонандагон. Баёни мазмуни мавзӯъ аз ҷониби муаллим: Шумораи тахминӣ ашёро ба тариқи тахмин мефаҳмонад: як-ду рӯз, даҳ-дувоздаҳ дона себ , бист- бсту панҷ дараҷа гарм… Шумораи тахминӣ бо такрори шумораи аслӣ ба вуҷуд меояд: Рӯзи дувум ҳафт-ҳашт нафар ҳоҷиҳои оянда якдигарро аз рӯйи ришу фаш ва саллаву ҷома шинохта, ба як хона ҷамъ омада суҳбат мекарданд.

**Супориш:** Бо шумораҳои тахминии аз рафти дарс дар хотиратон монда ибораҳо ва ҷумлаҳо созед.

4. Ҷамъбаст ва арзёбӣ (баргаштан ба мақсадҳои дарс)

5.Вазифаи хонагӣ: Иҷрои машқи 193

## 48. ШУМОРАИ КАСРӢ

**Салоҳиятҳо:**

- -донистан ва ҷудо кардани ҳиссаҳои мустақили нутқ, хусусиятҳо, категорияҳои грамматикии онҳо, калимасозии ҳиссаҳои мустақили нутқ.

**Мақсадҳои дарс**. Хонандагон бояд

- шумораҳои касриро дар матн донанд;
- аз матн шумораҳои касриро ҷудо карда тавонанд;
- шумораҳои касриро дар нутқи хаттӣ ва шифоҳӣ истифода карда тавонанд.

**Маводи таълим**: китоби дарсӣ, варақаи таълим, матн

**Равиши дарс:**

1.Лаҳзаи ташкилии дарс.(Риояи одоби салом, баҳисобгирии давомот).

2.Пурсиши вазифаи хонагӣ:

А) Аз хонандагон пурсед, ки онҳо дар бораи шумораҳои касрӣ ягон маълумот доранд?

Б) Хонандагон оид ба мавқеи шумораҳои касрӣ дар нутқ чӣ гуфта метавонанд?

3.Баёни мавзӯи нав. Шумораи касрӣ. Ангезиши зеҳн: Ба фикри шумо чаро шумораҳоро касрӣ мегӯянд? Шунидани назари хонандагон. Баёни мазмуни мавзӯъ аз ҷониби муаллим: Шумораи касрӣ ҳиссае аз адади пурраро мефаҳмонад, монанди: чоряк, шашяк, даҳяк.

**Супориш:** Бо шумораҳои касрӣ ибораҳо ва ҷумлаҳо созед.

4.Ҷамъбаст ва арзёбӣ (баргаштан ба мақсадҳои дарс)

5. Вазифаи хонагӣ: машқи 194

## 49.ШУМОРАИ ТАРТИБӢ

**Салоҳиятҳо**

--донистан ва ҷудо кардани ҳиссаҳои мустақили нутқ, хусусиятҳо, категорияҳои грамматикии онҳо, калимасозии ҳиссаҳои мустақили нутқ.

**Мақсадҳои дарс**. Хонандагон бояд

- шумораҳои тартибиро донанд;
-аз матн шумораҳои тартибиро ҷудо карда тавонанд;
- шумораҳои тартибиро дар нутқи хаттӣ ва шифоҳӣ истифода карда тавонанд.

**Маводи таълим**: китоби дарсӣ, варақаи таълим, матн

**Равиши дарс:**

1.Лаҳзаи ташкилии дарс (Риояи одоби салом, баҳисобгирии давомот).

2.Пурсиши вазифаи хонагӣ:

А) Аз хонандагон пурсед, ки онҳо дар бораи шумораҳои тартибӣ ягон маълумот доранд?

Б) Хонандагон оид ба мавқеи шумораҳои тартибӣ дар нутқ чӣ гуфта метавонанд?

3. Баёни мавзӯи нав.

А) Муаррифии мақсадҳои дарс

Б) Ангезиши зеҳн. Ба фикри шумо чаро шумораҳоро тартибӣ мегӯянд? Шунидани назари хонандагон. Баёни мазмуни мавзӯъ аз ҷониби муаллим: Шумораи тартибӣ аз шумораи аслӣ ба воситаи пасванди –ум (-юм), -умин (-юмин) сохта мешавад ва тартиби ашёро мефаҳмонад: чорум, нуҳум, ду саду ҳафтоду панҷум. Танҳо шумораҳои ду, се, сӣ бо пасванди -юм (-юмин) навишта мешаванд.

**Супориш:** иҷрои машқи 195

4. Ҷамъбаст ва арзёбӣ (баргаштан ба мақсадҳои дарс)

5.Вазифаи хонагӣ: машқи 196

## 49.ДИКТАНТИ САНҶИШӢ

Омӯзгор метавонад, озодона матнро интихоб намояд, аммо ҳамгиро намудан бо мавзӯъҳои грамматикӣ муфидтар аст.

**Мақсадҳои таълимӣ:**

– мустаҳкамкунии малака ва маҳорати хонандагон оид ба калимасозии сифат,имлои сифат, вазифаи сифат дар ҷумла;

– ташаккули малакаи интиқоли нутқи шифоҳӣ ба нутқи хаттӣ.

**Маводи таълим**: маҷмӯи матни диктантҳо.

**Равиши дарс:**

1. Лаҳзаи ташкилии дарс (ҳисоботи навбатдор, қайди давомоти хонандагон)

2. Баёни мавзӯи нав. Шиносоӣ бо матни диктант.

- қироати матни интихобгардида ва омода намудани хонандагон ба навиштани диктант;

- қироати матни диктант ва риояи интонатсия дар ифодаи аломатҳои китобатӣ.

3. Ҷамъбаст ва арзёбӣ: (баргаштан ба мақсадҳои дарс)

4. Вазифаи хонагӣ: Бо шумораҳои навиштани ҷумлаҳо.

## 51. СОХТИ ШУМОРА

**Салоҳиятҳо:**

--донистан ва ҷудо кардани ҳиссаҳои мустақили нутқ, хусусиятҳо, категорияҳои грамматикии онҳо, калимасозии ҳиссаҳои мустақили нутқ.

**Мақсадҳои дарс**. Хонандагон бояд

- шумораҳоро аз лиҳози сохт донанд;

- аз матн шумораҳоро вобаста ба сохташон ҷудо карда тавонанд;

- шумораҳоро вобаста ба сохташон дар нутқи хаттӣ ва шифоҳӣ истифода карда тавонанд.

**Маводи таълим**: китоби дарсӣ, варақаи таълим, матн

**Равиши дарс:**

1. Лаҳзаи ташкилии дарс.(Риояи одоби салом, баҳисобгирии давомот).

2. Пурсиши вазифаи хонагӣ:

А) Аз хонандагон пурсед, ки онҳо дар бораи сохти шумораҳо чӣ маълумот доранд?

Б) Хонандагон оид ба сохти шумораҳо дар нутқ чӣ гуфта метавонанд?

3.Баёни мавзӯи нав.

А) Муаррифии мақсади дарс.

Б) Ангезиши зеҳн: Ба фикри шумо, чаро шумораҳои сохта мегӯянд? Шунидани назари хонандагон. Баёни мазмуни мавзӯъ аз ҷониби муаллим: Шумораҳо аз ҷиҳати сохт чор хел мешаванд: сода, сохта, мураккаб, таркибӣ.

-Шумораи сода аз як реша иборат аст: як, ду, се, шаст.

-Шумораи сохта бо иловаи пасванди –ум (-юм), -умин (-юмин) ба реша ё адади сода ҳосол мешавад: якум, бистумин.

-Шумораи мураккаб аз ду реша сохта мешавад ва ададҳои аз ёздаҳ то нуздаҳ, аз дусад то нуҳсад мураккаб мебошад: дувоздаҳ, чордаҳ, панҷсад.

-Шумораи касрӣ низ мураккабанд: сеяк, чоряк.
-Шумораи таркибӣ аз ададҳои гуногун ба воситаи пайвандаки -у(ю) сохта мешавад: бисту як, ду ҳазору ёздаҳум, яксаду сию панҷ.
**Супориш:** Иҷрои машқи 197.
4.Ҷамъбаст ва арзёбӣ (баргаштан ба мақсадҳои дарс)
5.Вазифаи хонагӣ: Иҷрои машқи 198

## 52. ИМЛОИ ШУМОРА

**Салоҳиятҳо:**
--донистан ва ҷудо кардани ҳиссаҳои мустақили нутқ, хусусиятҳо, категорияҳои грамматикии онҳо, калимасозии ҳиссаҳои мустақили нутқ.
**Мақсадҳои дарс**. Хонандагон бояд
- имлои шумораҳоро донанд;
-аз матн навъҳои гуногуни шумораҳои ҷудо карда тавонанд;
- тарзи дурусти навишти шумораҳои дар нутқи хаттӣ ва шифоҳӣ тавонанд
**Маводи таълим**: китоби дарсӣ, варақаи таълим, матн
**Равиши дарс:**
1.Лаҳзаи ташкилии дарс. (Риояи одоби салом, баҳисобгирии давомот).
2.Пурсиши вазифаи хонагӣ:
А) Аз хонандагон пурсед, ки онҳо дар бораи имлои шумора ягон маълумот доранд? Б) Хонандагон оид ба имлои шумора чӣ гуфта метавонанд?
3.Баёни мавзӯи нав.
А) Муаррифии мақсади дарс;
Б) Ангезиши зеҳн: Ба фикри шумо тарзи дурустнависӣ аст? Шунидани назари хонандагон. Баёни мавзӯъ аз ҷониби муаллим: Баъзе шумораҳо ду шакл навишта мешаванд: дуюм- дувум, сеюм-севум, чор-чаҳор, дусад-дувист.
Шумораи касрӣ бо пешванди аз ин гуна навишта мешавад: аз се як, аз чор се…Дар байни шумораҳои тахминӣ ва шумораи бо рақам навишта нумеративи -то (-тА) ва пасванди –ум (-юм) нимтире гузошта мешавад: даҳ-понздаҳ, 5-то (5-тА), 2-юм, 19-ум. Шумораи тартибӣ бо рақамҳои румӣ низ меояд. Дар ин маврид павсанди -ум навишта намешавад, вале дар вақти хондан ба рақами румӣ пасванди -ум, -умин ҳамроҳ мешавад. Масалан: анҷумани IV-ро анҷумани чорум мехонанд.
**Супориш:** Иҷрои машқи 199.
4.Ҷамъбаст ва арзёбӣ (баргаштан ба мақсадҳои дарс)
5.Вазифаи хонагӣ: машқи 201.

## 53. ШУМОРА ВА ЧИЗИ ШУМУРДАШАВАНДА

**Салоҳиятҳо:**
--донистан ва ҷудо кардани ҳиссаҳои мустақили нутқ, хусусиятҳо, категорияҳои грамматикии онҳо, калимасозии ҳиссаҳои мустақили нутқ.
**Мақсадҳои дарс. Хонандагон бояд**
- тарзи талаффуз ва навиштан нумеративро донанд;
-аз матн нумеративҳоро ҷудо карда тавонанд;
-нумеративро дар нутқи хаттӣ ва шифоҳӣ истифода карда тавонанд.
**Маводи таълим**: китоби дарсӣ, варақаи таълим, матн
**Равиши дарс:**
1.Лаҳзаи ташкилии дарс. (Риояи одоби салом, баҳисобгирии давомот).
2. Пурсиши вазифаи хонагӣ:

А) Аз хонандагон пурсед, ки онҳо дар бораи нумеративҳо ягон маълумот доранд? Б) Б) Хонандагон оид ба чизҳои шумурдашаванда чӣ гуфта метавонанд?

3.Баёни мавзӯи нав. Шумора ва чизи шумурдашаванда. Ангезиши зеҳн: Ба фикри шумо нумератив чиро ифода мекунад? Шунидани назари хонандагон. Баёни мавзӯъ аз ҷониби муаллим: Чиз ё ашёи шумордашаванда аслан пас аз адад меояд: ду кас, ҳафт пайкар.

Барои таъйину таъкиди миқдори ашё миёни шумора ва чизи шумурдашаванда калимаҳое, ба мисли дона, нафар, ҷилд, даста меоянд, ки онҳоро нумератив меноманд: нуҳ дона китоб, панҷ нафар талаба, ду дар хона, як даста гул.

Нумератив вобаста ба исм, яъне чизи шумурдашаванда, гуногун мешавад. Масалан, нумеративи мансуб ба исми шахс калимаи нафар ва исми ғайришахс калимаҳои дона, сар, халта, ҷуфи, ҳисса, қабза, бех… мебошанд.

**Супориш:** иҷрои машқи 205

4. Ҷамъбаст ва арзёбӣ (баргаштан ба мақсадҳои дарс)

5. Вазифаи хонагӣ: Иҷрои машқи 206

## 54. МУВОФИҚАТИ ШУМОРА БО ИСМ ВА ФЕЪЛ

**Салоҳиятҳо:**

--донистан ва ҷудо кардани ҳиссаҳои мустақили нутқ, хусусиятҳо, категорияҳои грамматикии онҳо, калимасозии ҳиссаҳои мустақили нутқ.

**Мақсадҳои дарс. Хонандагон бояд**

- тарзи талаффузи шумора ва навиштан феълро донанд;

-аз матн шумора исм ва феълҳор ҷудо карда тавонанд;

- шумора, исм ва феълро дар нутқи хаттӣ ва шифоҳӣ истифода карда тавонанд.

**Маводи таълим**: китоби дарсӣ, варақаи таълим, матн

**Равиши дарс:**

1. Лаҳзаи ташкилии дарс. (Риояи одоби салом, баҳисобгирии давомот).

2.Пурсиши вазифаи хонагӣ:

А) Аз хонандагон пурсед, ки онҳо дар бораи нумеративҳо ягон маълумот доранд?

Б) Хонандагон оид ба чизҳои шумурдашаванда чӣ гуфта метавонанд?

3. Баёни мавзӯи нав.

А) Муаррифии мақсади дарс ба хонандагон;

Б) Ангезиши зеҳн: Ба фикри шумо нумератив чиро ифода мекунад? Шунидани назари хонандагон. Баёни мавзӯъ аз ҷониби муаллим: Чун шумора миқдорро мефаҳмонад, дар забони тоҷикӣ чизи шумурдашаванда, яъне исм бо пасванди ҷамъсоз намеояд: ду пиёла, панҷ достон… Чизи шумурдашаванда ғайришахс бошад, бештар шумора ба сурати ҷамъ меояд: даҳҳо гулчанбар, садҳо тонна ангишт (Чун истисно гоҳе исм низ ба шакли ҷамъ меояд, монанди: ҳазорҳо коргарон).

Қоидаи мувофиқати мубтадо ва хабари бо шумора ифодаёфта чунин аст: шумора ба вазифаи мубтадо биёяд, хабар бештар дар шакли ҷамъ воқеъ мегардад:

Ду нафар деҳқон роҳи хирманро пеш гирифтанд.

**Супориш**: иҷрои машқи 210.

4.Ҷамъбаст ва арзёбӣ (баргаштан ба мақсадҳои дарс)

5.Вазифаи хонагӣ: машқи 212

## 55.ВАЗИФАИ ШУМОРА ДАР ҶУМЛА

**Салоҳиятҳо:**

--донистан ва ҷудо кардани ҳиссаҳои мустақили нутқ, хусусиятҳо, категорияҳои грамматикии онҳо, калимасозии ҳиссаҳои мустақили нутқ.

**Мақсадҳои дарс. Хонандагон бояд**

- вазифаи шумора дар ҷумларо донанд;

-аз матн шумораро ҷудо карда тавонанд;

-шумарарo дар нутқи хаттӣ ва шифоҳӣ истифода карда тавонанд.

**Маводи таълим**: китоби дарсӣ, варақаи таълим, матн

**Равиши дарс:**

1.Лаҳзаи ташкилии дарс (риояи одоби салом, баҳисобгирии давомот).

2.Пурсиши вазифаи хонагӣ:

А) Аз хонандагон пурсед, ки онҳо дар бораи вазифаи шумора чӣ маълумот доранд?

Б) Хонандагон оид ба вазифаи шумора дар ҷумла чӣ гуфта метавонанд?

3. Баёни мавзӯи нав.

А) Муаррифии мақсади дарс ба хонандагон.

Б) Ангезиши зеҳн: Ба фикри шумо шумора чиро ифода мекунад? Шунидани назари хонандагон. Баёни мавзӯъ аз ҷониби муаллим: Шумора ба вазифаи мубтадо, хабар, муайякунанда, пуркунанда гоҳе мустақим ва гоҳе ҳамроҳ бо нумератив, пешванду пасванд, бандаки аст, феълҳои будан ва шудан меояд.

1. Ба вазифаи мубтадо: *Чор* рақами ҷуфт аст. Чил қамоли ҷавонист
2. Ба вазифаи хабар: То хона баргаштам, соат ҳашт шуд.
3. Ба вазифаи муайянкунанда: *Даҳ нафар* шогирди муаллими мо дар донишгоҳ таҳсил мекунад.
4. Ба вазифаи пуркунанда: Рӯдакӣ *нуҳро* пур накарда буд, ки шеър мегуфт.

**Супориш**: иҷрои машқи 213

4.Ҷамъбаст ва арзёбӣ (баргаштан ба мақсадхои дарс).

5.Вазифаи хонагӣ: Иҷрои машқи 214

## 56. КОР БО МАТНИ НОМА

**Салоҳиятҳо**

-истифодаи интонатсия барои ифодаи аломатҳои китобат дар охири ҷумла.

-интихоби якҷоя ва ҷудо навиштани калимаю ибораҳое, ки аз якчанд реша ва гурӯҳи калимаҳо ташкил ёфтаанд (интихоб байни калимаҳои мураккаб ва таркибӣ).

**Мақсадҳои таълимӣ:**

- баррасӣ кардани қоидаҳои таҳияи матни нома;
- тағйир додани қоидаҳои таҳияи матни нома;
- таҳрири матни нома;
- ислоҳ кардани хатоҳои грамматикӣ;
- таҳияи нома.

**Равиши дарс:**

1. Лаҳзаи ташкилии дарс (Риояи одоби салом, баҳисобгирии давомот).

2.Пурсиши вазифаи хонагӣ.

А) Нома дар зидагӣ чи нақш дорад?

Б) Нома ҳуҷҷати расмӣ шуд метавонад?

3. Баёни мавзӯи нав

А) Муаррифии мақсади дарс ба хонандагон

Б) Ангезиши зеҳн: Ба хотирории машғулиятҳои гузашта оид ба эҷоди нома аз рӯи шиноснома, муайян кардани сифат ва аломати номаҳои якдигар, муҳокимаи вазифаи хонагӣ «Ном ба дӯст».

**Супориш**: Кор дар гурӯҳҳо. Хонандагон инфиродӣ ба навиштани нома машғул мешаванд.

Гурӯҳи 1. Номаи бемор ба табиб, бо мақсади арзи сипос ва эҳтиром.

Гурӯҳи 2. Номаи роҳбари маҳфили варзишӣ ба директори мактаб бо мақсади аз дарсҳо озод намудани варзишгари ҷавон.

Гурӯҳи 3. Нома ба Бобои барфӣ. Бо мақсади дархости тӯҳфаи солинавӣ.

Гурӯҳи 4. Навиштани муроҷиатнома ба ҳамсолон ё номаи набера ба бобо.

**Супориш:** Кор дар дохили гурӯҳ.

Хондани номаҳои якдигар, санҷиши мушаххасоти номаҳо ва муайян кардани онҳо:

- сохтор
- гиранда
- воситаҳои забонӣ
- тартиб

**Супориш:** Супоришҳои ҷамъбастӣ оид ба дарсҳои кор бо матни нома. Ёдовар шудани навъҳои нома

Такмил, пурра кардани шиноснома, мушаххасот, қоида барои навъи номаи нав, ки бо он кор накардаанд (номаи расмӣ, мукотибаҳои адибон, бузургон...).

4. Ҷамъбаст ва арзёбӣ (баргаштан ба мақсадҳои дарс)

5.Вазифаи хонагӣ. Навиштани номаи фарзанд ба падар ё модар.

## 57. ҶОНИШИН

**Салоҳиятҳо:**

--донистан ва ҷудо кардани ҳиссаҳои мустақили нутқ, хусусиятҳо, категорияҳои грамматикии онҳо, калимасозии ҳиссаҳои мустақили нутқ.

**Мақсадҳои дарс. Хонандагон бояд**

- тарзи талаффуз ва навиштан ҷонишинҳоро донанд;
-аз матн ҷонишинҳоро ҷудо карда тавонанд;
- ҷонишинро дар нутқи хаттӣ ва шифоҳӣ истифода карда тавонанд.

**Маводи таълим**: китоби дарсӣ, варақаи таълим, матн

**Равиши дарс:**

1. Лаҳзаи ташкилии дарс (Риояи одоби салом, ҳисобгирии давомот).

2.Пурсиши вазифаи хонагӣ:

А) Аз хонандагон пурсед, ки дар хусуси вазифаи шумора чӣ маълумот доранд?

Б) Хонандагон оид ба вазифаи шумора чӣ гуфта метавонанд?

3. Баёни мавзӯи нав.

А) Муарифии мақсади дарс ба хонандагон

Б) Ангезиши зеҳн. Ба фикри шумо, ҷонишин чиро ифода мекунад? Шунидани назари хонандагон. Баёни мавзӯъ аз ҷониби муаллим: Ҷонишин ҳиссаи нутқест, ки ба ҷойи исм, сифат ва шумора меояд. Чунончи, ба ҷойи исм: Мавлоно Ҷалолиддин танҳо бо тахаллуси «Балхӣ» эҷод накардааст. Ӯ бо лақаби «Рӯмӣ» низ шуҳрат дорад.

Ба ҷойи сифат: Меҳрдод ҷавони ҳунарманд аст. Ба пешаи рассомӣ, кандакорӣ, гулрезӣ, машғул аст. Вай ин ҳунарҳоро дар омӯзишгоҳ ёд гирифтааст.

**Супориш:** иҷрои машқи 222

4. Ҷамъбаст ва арзёбӣ (баргаштан ба мақсадҳои дарс)

5. Вазифаи хонагӣ: Иҷрои машқи 223

## 58.ҶОНИШИНИ ШАХСӢ (дарси 1)

**Салоҳиятҳо:**

--донистан ва ҷудо кардани ҳиссаҳои мустақили нутқ, хусусиятҳо, категорияҳои грамматикии онҳо, калимасозии ҳиссаҳои мустақили нутқ.

**Мақсадҳои таълимӣ. Хонандагон бояд**

- тарзи талаффуз ва навиштани ҷонишинҳои шахсиро донанд;

-аз матн ҷонишинҳои шахсиро ҷудо карда тавонанд;

- дар нутқи хаттӣ ва шифоҳӣ ҷонишинҳои шахсиро истифода карда тавонанд.

**Маводи таълим**: китоби дарсӣ, варақаи таълим, матн

**Равиши дарс:**

1.Лаҳзаи ташкилии дарс. (Риояи одоби салом, ҳисобгирии давомот).

2.Пурсиши вазифаи хонагӣ:

А) Пурсед, ки хонандагон чӣ маълумот дар бораи ҷонишинҳо доранд?

Б) Онҳо оид ба ҷонишинҳо чӣ гуфта метавонанд?

3.Баёни мавзӯи нав.

А) Муаррифии мақсади дарс ба хонандагон;

Б) Ангезиши зеҳн: Ба фикри шумо ҷонишини щахсӣ чиро ифода мекунад? Шунидани назари хонандагон. Баёни мавзӯъ аз ҷониби муаллим: Калимаҳои *ман, ту, ӯ (вай) мо, шумо, ва онҳо (-онон)*-ро нисбат ба шахс, инсон истифода мебаранд. Аз ин рӯ онҳоро ҷонишинҳои шахсӣ мегӯянд.

**Супориш:** иҷрои машқи 225

4.Ҷамъбаст ва арзёбӣ: (баргаштан ба мақсадҳои дарс)

5.Вазифаи хонагӣ: машқи 227

## 58.ҶОНИШИНИ ШАХСӢ (дарси 2)

**Салоҳиятҳо:**

-донистан ва ҷудо кардани ҳиссаҳои мустақили нутқ, хусусиятҳо, категорияҳои грамматикии онҳо, калимасозии ҳиссаҳои мустақили нутқ.

**Мақсадҳои таълимӣ. Хонандагон бояд**

- тарзи талаффуз ва навиштани ҷонишинҳои шахсиро донанд;

-аз матн ҷонишинҳои шахсиро ҷудо карда тавонанд;

- дар нутқи хаттӣ ва шифоҳӣ ҷонишинҳои шахсиро истифода карда тавонанд.

**Маводи таълим**: китоби дарсӣ, варақаи таълим, матн

**Равиши дарс:**

1.Лаҳзаи ташкилии дарс. (Риояи одоби салом, ҳисобгирии давомот).

2.Пурсиши вазифаи хонагӣ:

А) Пурсед, ки онҳо ҷонишинҳоро дар муколамаи ҳаррӯза истифода мебаранд?

Б) Чӣ маълумоте дар хусуси ҷонишинҳои шахсӣ гуфта метавонанд?

3.Баёни мавзӯи нав.

А) Муаррифии мақсади дарс ба хонандагон;

Б) Ангезиши зеҳн.Ба фикри шумо, ҷонишини шахсӣ барои ифода чӣ дар нутқ истифода мешавад? Шунидани назари хонандагон. Баёни мавзӯъ аз ҷониби муаллим: Калимаҳои *ман, ту, ӯ (вай) мо, шумо, ва онҳо (-онон)*-ро нисбат ба шахс, инсон истифода мебаранд. Аз ин рӯ онҳоро ҷонишинҳои шахсӣ мегӯянд.

**Супориш:** иҷрои машқи 228

4.Ҷамъбаст ва арзёбӣ: (баргаштан ба мақсадҳои дарс)

5.Вазифаи хонагӣ: машқи 231

## 59.ҶОНИШИНИ САВОЛӢ (дарси 1)

**Салоҳиятҳо:**

- донистан, ҷудо кардани ва шинохтани ҳиссаҳои мустақили нутқ, хусусиятҳо, категорияҳои грамматикии онҳо, калимасозии ҳиссаҳои мустақили нутқ.

**Мақсадҳои дарс. Хонандагон бояд**

- тарзи талаффуз ва навиштани ҷонишини саволиро донанд;

-аз матн ҷонишини саволиро ҷудо карда тавонанд;

- ҷонишини саволиро дар нутқи хаттӣ ва шифоҳӣ истифода карда тавонанд.

**Маводи таълим**: китоби дарсӣ, варақаи таълим, матн

**Равиши дарс:**

1.Лаҳзаи ташкилии дарс. (Риояи одоби салом, ҳисобгирии давомот).

2.Пурсиши вазифаи хонагӣ:

А) Аз хонандагон пурсед, ки онҳо дар бораи ҷонишини шахсӣ чӣ маълумот доранд?

Б) Ҷонишинҳои шахсӣ аз дигар хели ҷонишинҳо чӣ фарқ доранд?

3.Баёни мавзӯи нав.

А) Муаррифии мақсади дарс ба хонандагон;

Б) Ангезиши зеҳн. Ба фикри шумо, ҷонишини суолӣ чиро ифода мекунад? Шунидани назари хонандагон. Баёни мавзӯъ аз ҷониби муаллим: Ҷонишини суолӣ барои пурсиш истифода мешавад. Масалан, барои пурсиши инсон калимаи Кӣ? (Киҳо?) ва барои пурсиши ғайриинсон калимаи Чӣ (Чиҳо?) истифода мешавад

**Супориш**: Иҷрои машқи 231

4.Ҷамъбаст ва арзёбӣ: (баргаштан ба мақсадҳои дарс)

5.Вазифаи хонагӣ: иҷрои машқи 233

## 59.ҶОНИШИНИ САВОЛӢ (дарси 2)

**Салоҳиятҳо:**

-донистан ва ҷудо кардани ҳиссаҳои мустақили нутқ, хусусиятҳо, категорияҳои грамматикии онҳо, калимасозии ҳиссаҳои мустақили нутқ.

**Мақсадҳои дарс. Хонандагон бояд**

- тарзи талаффуз ва навиштани ҷонишини саволиро донанд;

-аз матн ҷонишини саволиро ҷудо карда тавонанд;

- ҷонишини саволиро дар нутқи хаттӣ ва шифоҳӣ истифода карда тавонанд.

**Маводи таълим**: китоби дарсӣ, варақаи таълим, матн

**Равиши дарс:**

1.Лаҳзаи ташкилии дарс.(риояи одоби салом, ҳисобгирии давомот).

2.Пурсиши вазифаи хонагӣ:

А)Пурсед, ки хонандагон дар бораи ҷонишини суолӣ чиро дар хотир гирифтаанд?

Б) Ҷонишинҳои суолӣ аз дигар хели ҷонишинҳо чӣ фарқ доранд?

3.Баёни мавзӯи нав.

А) Муаррифии мақсади дарс ба хонандагон;

Б) Ангезиши зеҳн: Ба фикри шумо, ҷонишини суолӣ чиро ифода мекунад? Шунидани назари хонандагон. Баёни мавзӯъ аз ҷониби муаллим: Ҷонишини суолӣ барои пурсиш истифода мешавад. Масалан, барои пурсиши инсон калимаи Кӣ? (Киҳо?) ва барои пурсиши ғайриинсон калимаи Чӣ (Чиҳо?) истифода мешавад.

**Супориш**: Иҷрои машқи 234

4.Ҷамъбаст ва арзёбӣ: (баргаштан ба мақсадҳои дарс)

5.Вазифаи хонагӣ: иҷрои машқи 235

## 60.ҶОНИШИНИ ИШОРАТӢ

**Салоҳиятҳо:**

-донистан ва ҷудо кардани ҳиссаҳои мустақили нутқ, хусусиятҳо, категорияҳои грамматикии онҳо, калимасозии ҳиссаҳои мустақили нутқ.

**Мақсадҳои дарс. Хонандагон бояд**

- тарзи талаффуз ва навиштани ҷонишини ишоратиро донанд;

-аз матн ҷонишини ишоратиро ҷудо карда тавонанд;

- ҷонишини ишоратиро дар нутқи хаттӣ ва шифоҳӣ истифода карда тавонанд.

**Маводи таълим**: китоби дарсӣ, варақаи таълим, матн

**Равиши дарс:**

1. Лаҳзаи ташкилии дарс. (Риояи одоби салом, баҳисобгирии давомот).

2.Пурсиши вазифаи хонагӣ:

А) Аз хонандагон пурсед, ки онҳо дар бораи ҷонишинҳои шахсӣ чӣ чиз дар хотирашон боқӣ мондааст?

Б) Хонандагон оид ба хелҳои ҷонишин чӣ гуфта метавонанд?

3.Баёни мавзӯи нав.

А) Муаррифии мақсади дарс ба хонандагон.

Б) Ангезиши зеҳн: Ба фикри шумо ҷонишини ишоратӣ чиро ифода мекунад? Шунидани назари хонандагон. Баёни мавзӯъ аз ҷониби муаллим: Ҷонишини ишоратӣ калимаеро мегӯянд, ки ба предмет ва чигунагии онҳо ишорат мекунад: ин пироҳан, он дастгоҳ, ҳамин хона, он хона, чунин писар, чунон ҷасур

**Супориш**: иҷрои машқи 236

5. Ҷамъбаст ва арзёбӣ: (баргаштан ба мақсадҳои дарс)

6. Вазифаи хонагӣ: машқи 238

## 61. ҶОНИШИНИ ТАЪЙИНӢ

**Салоҳиятҳо:**

-донистан ва ҷудо кардани ҳиссаҳои мустақили нутқ, хусусиятҳо, категорияҳои грамматикии онҳо, калимасозии ҳиссаҳои мустақили нутқ.

**Мақсадҳои дарс. Хонандагон бояд**

- тарзи талаффуз ва навиштани ҷонишини таъйиниро донанд;

-аз матн ҷонишини таъиниро ҷудо карда тавонанд;

-ҷонишини таъйиниро дар нутқи хаттӣ ва шифоҳӣ истифода карда тавонанд.

**Маводи таълим**: китоби дарсӣ, варақаи таълим, матн

**Равиши дарс:**

1. Лаҳзаи ташкилии дарс.(Риояи одоби салом, ҳисобгирии давомот).

2. Пурсиши вазифаи хонагӣ:

А) Аз хонандагон пурсед, ки онҳо оид ба ҷонишини ишоратӣ маълумоте дар хотир доранд?

Б) Хонандагон оид ба ҷонишини ишоратӣ чӣ гуфта метавонанд?

3. Баёни мавзӯи нав.

А) Муарифии мақсади дарс ба хонандагон.

Б) Ангезиши зеҳн. Ба фикри шумо, ҷонишини таъйинӣ чиро ифода мекунад? Шунидани назари хонандагон. Баёни мавзӯъ аз ҷониби муаллим: Ҷонишини таъйинӣ ашё ва ба таври умум аломати онҳоро таъйин менамояд. Мафҳуми таъйини ашё аслан

ба воситаи калимаҳои *ҳама, ҳар, тамоми, ҷумла* баён мешавад. Масалан: Зинда мондан аз тамоми сарвати дунё зиёдтар аст.

**Супориш**: Иҷрои машқи 239

4.Ҷамъбаст ва арзёбӣ: (баргаштан ба мақсадҳои дарс)

5.Вазифаи хонагӣ: Иҷрои машқи 240

## 62.КОР БО МАТНИ НОМА (дарси 1)

**Салоҳиятҳо:**

- истифодаи интонатсия барои ифодаи аломатҳои китобат дар охири ҷумла.
- интихоби якҷоя ва ҷудо навиштани калимаю ибораҳое, ки аз якчанд реша ва гурӯҳи калимаҳо ташкил ёфтаанд (интихоб байни калимаҳои мураккаб ва таркибӣ).

**Мақсадҳои дарс. Хонандагон бояд**

– нутқи хаттии худро ташаккул диҳанд;

– ба матн аз нуқтаи назари мақсад ва дараҷаи ноилшавӣ ба он баҳо дода тавонанд.

**Маводи таълим:** китоби дарсӣ, матнҳо аз хазина, замима.

**Равиши дарс:**

1. Лаҳзаи ташкилии дарс. (Риояи одоби салом, ҳисобгирии давомот).

2. Пурсиши вазифаи хонагӣ:

А) Ҷонишини таъйинӣ чиро ифода мекунад?

Б) Аз дигар хели ҷонишинҳо ҷонишини таъйинӣ бо чӣ хусусияташ фарқ дорад?

3. Баёни мавзӯи нав.

А) Муаррифии мақсадҳои дарс ба хонандагон.

Б) Кори инфиродӣ. Умумият ва фарқияти мактубҳоро муайян кардан.

Ба хонандагон аз хазина намунаи мактубҳои гуногун, ки бо муаллиф, қабулкунанда, мақсаду тарзи навишт фарқ мекунанд, пешниҳод карда мешавад. Хонандагон мактубҳоро ба таври инфиродӣ хонда, фикру мулоҳизаҳои худро дар дафтарашон қайд мекунанд.

**Супориши 2**. **Кори дунафара.** Хонандагон кори худро бо ҳамсинфи дар паҳлу нишаста муқоиса карда, умумияту фарқи мактубҳоро якҷоя ёфта, қайд мекунанд.

| Умумият | Фарқ |
|---|---|
| | |
| | |
| | |
| | |

**Супориши 3. Кор дар гурӯҳҳо**. Ҷустуҷӯйи иловагӣ дар хазина, дарёфти фарқияти нав.

Хонандагон боз 3-5 мактуби дигареро мегиранд, ки фарқи онҳо аз рӯйи ягон ҷиҳат аёнтаранд. Фарқи навро дар мактубҳои гирифташуда меёбанд ва аз рӯйи самтҳои зерин ба қайд мегиранд:

- муроҷиат
- хайрухуш
- муқаддима
- хулоса
- интихоби калимаву ибораҳо
- интихоби…

**Супориши 4**. Гурӯҳҳо кори худро муаррифӣ мекунанд. Аз ҳар гурӯҳ як нафар хонанда назди тахтаи синф омада, кори худро пешниҳод мекунад.

Омӯзгор самтҳои муайянгардидаро дар тахтаи синф менависад.

Омӯзгор нишон медиҳад, ки фарқиятро дар кадом ҷиҳат дидан мехоҳад. Мисол, мактубро бо се тарз оғоз намудан мумкин аст:

- Тарзи 1. Барои чунин мактубҳо:
- Тарзи 2. Барои чунин мактубҳо:
- Тарзи 3. Барои чунин мактубҳо:

4. Ҷамъбаст ва арзёбӣ: (баргаштан ба мақсадҳои дарс)

5.Вазифаи хонагӣ: Ҷамъоварӣ кардани мактубҳои гуногун барои хазина.

## 62. КОР БО МАТНИ НОМА (дарси 2)

**Салоҳиятҳо:**

- истифодаи интонатсия барои ифодаи аломатҳои китобат дар охири ҷумла;
- интихоби якҷоя ва ҷудо навиштани калимаю ибораҳое, ки аз якчанд реша ва гурӯҳи калимаҳо ташкил ёфтаанд (интихоб байни калимаҳои мураккаб ва таркибӣ).

**Мақсадҳои дарс. Хонанда бояд:**

– фарқи номаҳоро муайян намоянд;
– мушкилоти худро дар навиштани нома пай баранд.

**Равиши дарс:**

1. Лаҳзаи ташкилии дарс. (Риояи одоби салом, баҳисобгирии давомот).

2.Пурсиши вазифаи хонагӣ: Ба хотир овардани машғулияти гузашта оид ба муайян кардани фарқи мактубҳо. Хонандагон фикру мулоҳизаи худро аз рӯйи вазифаи хонагии тайёркардаашон дар бораи муайян кардани фарқи мактубҳо иброз медоранд. Яъне мактубҳоро бо се тарз оғоз намудан мумкин аст:

- тарзи 1. Барои чунин мактубҳо:
- тарзи 2. Барои чунин мактубҳо:
- тарзи 3. Барои чунин мактубҳо:

Муаллим фикрҳои хонандагонро дар бораи самтҳои муайянгардидаи мактуб ҷамъбаст мекунад.

**Супориш.** Кори дунафара. Муқоисаи номаҳои дар хазинабуда, ки омӯзгор пешниҳод кардааст.

Хонандагон дар ҷуфтҳо фарқи номаҳоро хаттӣ муайян мекунанд ва номгӯйи тахминии мушаххасоти номаҳоро тартиб медиҳанд:

- муаллиф
- қабулкунанда
- мақсад
- сохтор
- тартиб
- воситаҳои забонӣ

**Супориш.** Кор дар гурӯҳҳо. Баровардани қонуниятҳо ва муайян кардани қоидаҳо.

- муроҷиат
- муқаддима
- мақсад
- хулоса
- хайру хуш.

Омӯзгор ҷавобҳоро ҷамъоварӣ мекунад.

4. Ҷамъбаст ва арзёбӣ: (баргаштан ба мақсадҳои дарс)

5.Вазифаи хонагӣ. Ҷамъоварии мактубҳо, муайян кардани умумият ва фарқи онҳо дар самтҳои гуногун.

## 63 ДИКТАНТИ САНҶИШ

Омӯзгор метавонад, озодона матнро интихоб намояд, аммо ҳамгиро намудан бо мавзӯъҳои грамматикӣ муфидтар аст.

**Мақсадҳои таълимӣ:**

– мустаҳкамкунии малака ва маҳорати хонандагон оид ба калимасозии сифат,имлои сифат, вазифаи сифат дар ҷумла.

– ташаккули малакаи интиқоли нутқи шифоҳӣ ба нутқи хаттӣ.

**Маводи таълим**: маҷмӯи матни диктантҳо.

**Равиши дарс:**

1.Лаҳзаи ташкилии дарс (ҳисоботи навбатдор, қайди давомоти хонандагон)

2. Баёни мавзӯи нав. Шиносоӣ бо матни диктант.

- Қироати матни интихобгардида ва омода намудани хонандагон ба навиштани диктант.

- Қироати матни диктант ва риояи интонатсия дар ифодаи аломатҳои китобатӣ.

3. Ҷамъбаст ва арзёбӣ: (баргаштан ба мақсадҳои дарс)

4. Вазифаи хонагӣ: Бо ҷонишинҳо навиштани ҷумлаҳо.

## 64.ҶОНИШИНИ НОМУАЙЯНӢ

**Салоҳиятҳо:**

-донистан ва ҷудо кардани ҳиссаҳои мустақили нутқ, хусусиятҳо, категорияҳои грамматикии онҳо, калимасозии ҳиссаҳои мустақили нутқ.

**Мақсадҳои дарс. Хонандагон бояд**

- тарзи талаффуз ва навиштани ҷонишини номуайяниро донанд;

-аз матн ҷонишини номуайяниро ҷудо карда тавонанд;

-ҷонишини номуайяниро дар нутқи хаттӣ ва шифоҳӣ истифода карда тавонанд.

**Маводи таълим**: китоби дарсӣ, варақаи таълим, матн

**Равиши дарс:**

1. Лаҳзаи ташкилии дарс. (Риояи одоби салом, ҳисобгирии давомот).

2. Пурсиши вазифаи хонагӣ:

А) Аз хонандагон пурсед, ки онҳо дар бораи ҷонишин таъйинӣ чиро дар хотир доранд?

Б) Хонандагон оид ба хелҳои ҷонишин чӣ гуфта метавонанд?

3. Баёни мавзӯи нав.

А) Муаррифии мақсадҳои дарс ба хонандагон

Б) Ангезиши зеҳн. Ба андешаи шумо, ҷонишини номуайянӣ чиро ифода мекунад? Шунидани назари хонандагон. Баёни мавзӯъ аз ҷониби муаллим: Ҷонишини номуайянӣ калимаеро мегӯянд, ки ашё ва аломати онҳоро ба таври умум ва тахмин ишора мекунад. Мафҳуми номуайянӣ тавассути калимаҳои *баъзе, ягон, фалон, кадом, чанд, якчанд, касе, чизе* ифода мегардад.

**Супориш:** иҷрои машқи 242.

4.Ҷамъбаст ва арзёбӣ: (баргаштан ба мақсадҳои дарс).

5.Вазифаи хонагӣ: машқи 243.

## 65.ҶОНИШИНИ МАНФӢ

**Салоҳиятҳо:**

-донистан ва ҷудо кардани ҳиссаҳои мустақили нутқ, хусусиятҳо, категорияҳои грамматикии онҳо, калимасозии ҳиссаҳои мустақили нутқ.

**Мақсадҳои дарс. Хонандагон бояд**

- тарзи талаффуз ва навиштан ҷонишини манфиро донанд;

-аз матн ҷонишини манфиро ҷудо карда тавонанд;

-ҷонишинро дар нутқи хаттӣ ва шифоҳӣ истифода карда тавонанд.

**Маводи таълим**: китоби дарсӣ, варақаи таълим, матн

**Равиши дарс:**

1.Лаҳзаи ташкилии дарс. (Риояи одоби салом, баҳисобгирии давомот).

2. Пурсиши вазифаи хонагӣ:

А) Аз хонандагон пурсед, ки онҳо дар бораи ҷонишини номуайянӣ чиро дар хотир доранд?

Б) Хонандагон оид ба ҷонишинҳои номуаяйнӣ чӣ маълумот дода метавонанд?

3. Баёни мавзӯи нав.

А) Муаррифии мақсади дарс ба хонандагон.

Б) Ангезиши зеҳн: Ба фикри шумо, ҷонишини манфӣ чиро ифода мекунад? Шунидани назари хонандагон. Баёни мавзӯъ аз ҷониби муаллим: Ҷонишини манфӣ калимаеро мегӯянд, ки маънои инкорро баён менамояд, яъне вуҷуд надоштани ашё ва аломати онро нишон медиҳад. Мафҳуми ҷонишини манфӣ, аслан, бо калимаи *ҳеч (ҳеҷ)* ифода меёбад.

**Супориш:** иҷрои машқи 244

4. Ҷамъбаст ва арзёбӣ: (баргаштан ба мақсадҳои дарс)

5.Вазифаи хонагӣ: машқи 246

## 66.ҶОНИШИНИ НАФСӢ (ТАЪКИДӢ)

**Салоҳиятҳо:**

-донистан ва ҷудо кардани ҳиссаҳои мустақили нутқ, хусусиятҳо, категорияҳои грамматикии онҳо, калимасозии ҳиссаҳои мустақили нутқ.

**Мақсадҳои дарс. Хонандагон бояд**

- тарзи талаффуз ва навиштани ҷонишини нафсӣ (таъкидӣ)-ро донанд;

- аз матн ҷонишини нафсӣ (таъкидӣ)-ро ҷудо карда тавонанд;

-ҷонишини нафсӣ (таъкидӣ)-ро дар нутқи хаттӣ ва шифоҳӣ истифода карда тавонанд.

**Маводи таълим**: китоби дарсӣ, варақаи таълим, матн

**Равиши дарс:**

1.Лаҳзаи ташкилии дарс. (Риояи одоби салом, ҳисобгирии давомот).

2.Пурсиши вазифаи хонагӣ:

А) Аз хонандагон пурсед, ки онҳо дар хусуси ҷонишини манфӣ чиро дар хотир гирифтаанд?

Б) Хонандагон оид ба ҷонишини манфӣ чӣ гуфта метавонанд?

3. Баёни мавзӯи нав.

А) Муаррифии мақсади дарс ба хонандагон.

Б) Ангезиши зеҳн. Ба андешаи шумо, ҷонишини нафсӣ (таъкидӣ) чиро ифода мекунад? Шумо таъкид гуфта чиро мефаҳмед? Шунидани назари хонандагон. Баёни мавзӯъ аз ҷониби муаллим: Ҷонишини нафсӣ (таъкидӣ) ба шахсе ишора мекунад, ки

иҷрокунандаи амал мебошад. Калимаи *худ* ва синонимҳои он *(хеш, хештан)* ҷонишини нафсӣ (таъкидӣ) ба шумор меравад.

**Супориш:** иҷрои машқи 248.

4.Ҷамъбаст ва арзёбӣ: (баргаштан ба мақсадҳои дарс)

5.Вазифаи хонагӣ: Иҷрои машқи 250.

## 67. БАНДАКҶОНИШИНҲО (БАНДАКҲОИ СОҲИБӢ) (дарси 1)

**Салоҳиятҳо:**

-донистан ва ҷудо кардани ҳиссаҳои мустақили нутқ, хусусиятҳо, категорияҳои грамматикии онҳо, калимасозии ҳиссаҳои мустақили нутқ.

**Мақсадҳои дарс. Хонандагон бояд**

- тарзи талаффуз ва навиштани бандакҷонишинҳоро донанд;

-аз матн бандакҷонишинҳоро ҷудо карда тавонанд;

-бандакҷонишинҳоро дар нутқи хаттӣ ва шифоҳӣ истифода карда тавонанд.

**Маводи таълим**: китоби дарсӣ, варақаи таълим, матн

**Равиши дарс:**

1.Лаҳзаи ташкилии дарс. (Риояи одоби салом, ҳисобгирии давомот).

2 Пурсиши вазифаи хонагӣ:

А) Хонандагон дар бораи ҷонишини нафсӣ (таъкидӣ) чиро дар хотир доранд?

Б) Хонандагон оид ба ҷонишини нафсӣ (таъкидӣ) чӣ гуфта метавонанд?

3.Баёни мавзӯи нав.

А) Муаррифии мақсади дарс ба хонандагон;

Б) Ангезиши зеҳн. Ба фикри шумо, бандакҷонишинҳо (бандакҳои соҳибӣ) чиро ифода мекунад? Шунидани назари хонандагон. Баёни мавзӯъ аз ҷониби муаллим: Соҳибият ба воситаи ҷонишини аз они (они) бандакҳои *-ам, ат, -аш, -амон, -атон,-ашон,* изофат ва исм ифода меёбад.

**Супориш:** иҷрои машқи 251

4. Ҷамъбаст ва арзёбӣ: (баргаштан ба мақсадҳои дарс)

5.Вазифаи хонагӣ: Иҷрои машқи 253

## 67.БАНДАКҶОНИШИНҲО (БАНДАКҲОИ СОҲИБӢ) (дарси 2)

**Салоҳиятҳо:**

-донистан ва ҷудо кардани ҳиссаҳои мустақили нутқ, хусусиятҳо, категорияҳои грамматикии онҳо, калимасозии ҳиссаҳои мустақили нутқ.

**Мақсадҳои дарс. Хонандагон бояд**

- тарзи талаффуз ва навиштан бандакҷонишинҳоро донанд;

-дар матн бандакҷонишинҳоро ҷудо карда тавонанд;

-бандакҷонишинҳоро дар нутқи хаттӣ ва шифоҳӣ истифода карда тавонанд.

**Маводи таълим**: китоби дарсӣ, варақаи таълим, матн

**Равиши дарс:**

1.Лаҳзаи ташкилии дарс. (Риояи одоби салом, ҳисобгирии давомот).

2 Пурсиши вазифаи хонагӣ:

А) Аз хонандагон пурсед, ки онҳо дар бораи бандакҷонишинҳо чиро ба хотир гифитаанд?

Б) Хонандагон оид ба бандакҷонишинҳо чӣ гуфта метавонанд?

3.Баёни мавзӯи нав.

А) Муаррифии мақсади дарс ба хонандагон;

Б) Ангезиши зеҳн. Ба андешаи шумо, бандакҷонишинҳо (бандакҳои соҳибӣ) дар кадом мавриди нутқ истифода мешаванд? Шунидани назари хонандагон. Баёни мавзӯъ аз ҷониби муаллим: Соҳибият ба воситаи ҷонишини аз они (они) бандакҳои *-ам, ат, -аш, -амон, -атон,-ашон,* изофат ва исм ифода меёбад.

**Супориш:** иҷрои машқи 254

4. Ҷамъбаст ва арзёбӣ: (баргаштан ба мақсадҳои дарс)

5.Вазифаи хонагӣ: Иҷрои машқи 255

## 68. СОХТИ ҶОНИШИН (дарси 1)

**Салоҳиятҳо:**

-донистан ва ҷудо кардани ҳиссаҳои мустақили нутқ, хусусиятҳо, категорияҳои грамматикии онҳо, калимасозии ҳиссаҳои мустақили нутқ.

**Мақсадҳои дарс. Хонандагон бояд**

- ҷонишинҳоро аз ҷиҳати сохт фарқ карда тавонанд;

-аз матн ҷонишинҳоро ҷудо карда тавонанд;

-ҷонишинҳоро дар нутқи хаттӣ ва шифоҳӣ истифода карда тавонанд.

**Маводи таълим**: китоби дарсӣ, варақаи таълим, матн

**Равиши дарс:**

1 Лаҳзаи ташкилии дарс (Одоби саломро ба ҷой овардан, ҳисобгирии давомот).

2.Пурсиши вазифаи хонагӣ:

А) Хонадагонро пурсед, ки дар бораи бандакҷонишинҳо чиро дар хотир доранд?

Б) Хонандагон оид ба бандакҷонишинҳо чӣ гуфта метавонанд?

3.Баёни мавзӯи нав.

А) Муаррифии мақсадҳои дарс ба хонандагон;

Б) Ангезиши зеҳн. Ба фикри шумо, ҷонишинҳо аз ҷиҳати сохт чанд хел мешаванд? Шунидани назари хонандагон. Баёни мавзӯъ аз ҷониби муаллим: Ҷонишинҳо аз ҷиҳати сохт чор хел мешаванд: сода, сохта, мураккаб, таркибӣ

**Супориш:** иҷрои машқи 256

4. Ҷамъбаст ва арзёбӣ: (баргаштан ба мақсадҳои дарс).

5.Вазифаи хонагӣ: машқи 257

## 68.СОХТИ ҶОНИШИН (дарси 2)

**Салоҳиятҳо:**

-донистан ва ҷудо кардани ҳиссаҳои мустақили нутқ, хусусиятҳо, категорияҳои грамматикии онҳо, калимасозии ҳиссаҳои мустақили нутқ.

**Мақсадҳои дарс. Хонандагон бояд**

- ҷонишинҳоро аз ҷиҳати сохт фарқ карда тавонанд;

-аз матн ҷонишинҳоро ҷудо карда тавонанд;

-ҷонишинҳоро дар нутқи хаттӣ ва шифоҳӣ истифода карда тавонанд.

**Маводи таълим**: китоби дарсӣ, варақаи таълим, матн

**Равиши дарс:**

1 Лаҳзаи ташкилии дарс (Одоби саломро ба ҷой овардан, ҳисобгирии давомот).

2.Пурсиши вазифаи хонагӣ:

А) Аз хонандагон пурсед, ки онҳо дар бораи сохти ҷонишинҳо чиро дар хотир доранд?

Б) Хонандагон оид ба сохти ҷонишинҳо чӣ назар доранд?

3.Баёни мавзӯи нав.

А) Муаррифии мақсадҳои дарс ба хонандагон;

Б) Ангезиши зеҳн. Ба фикри шумо, ҷонишинҳо аз ҷиҳати сохт чанд хел мешаванд? Шунидани назари хонандагон. Баёни мавзӯъ аз ҷониби муаллим: Ҷонишинҳо аз ҷиҳати сохт чор хел мешаванд: сода, сохта, мураккаб, таркибӣ:

**Супориш:** навиштани ҷумлаҳо бо ҷонишинҳо

4. Ҷамъбаст ва арзёбӣ: (баргаштан ба мақсадҳои дарс).

5.Вазифаи хонагӣ: Аз рӯзнома ва маҷаллаҳо ҷумлаҳоеро нависед, ки дар онҳо ҷонишинҳо истифода шудаанд? Ҷонишинҳои истифодашударо аз рӯйи сохт ба гурӯҳҳо ҷудо намоед.

## 69. ВАЗИФАИ ҶОНИШИН ДАР ҶУМЛА

**Салоҳиятҳо:**

-донистан ва ҷудо кардани ҳиссаҳои мустақили нутқ, хусусиятҳо, категорияҳои грамматикии онҳо, калимасозии ҳиссаҳои мустақили нутқ.

**Мақсадҳои дарс. Хонандагон бояд**

- вазифаи ҷонишинро дар ҷумла донанд;

-аз матн ба кадом вазифа (аъзои ҷумла) омаданм ҷонишинҳоро гуфта тавонанд;

-ҷонишинро дар нутқи хаттӣ ва шифоҳӣ истифода карда тавонанд.

**Маводи таълим**: китоби дарсӣ, варақаи таълим, матн

**Равиши дарс:**

1. Лаҳзаи ташкилии дарс. (Риояи одоби салом,ҳисобгирии давомот).

2. Пурсиши вазифаи хонагӣ:

А) Аз хонандагон пурсед, ки онҳо дар бораи сохти ҷонишинҳо чӣ маълумот доранд?

Б) Хонандагон оид ба сохти ҷонишинҳо чӣ гуфта метавонанд?

3.Баёни мавзӯи нав.

А) Муаррифии мақсадҳои дарс ба хонандагон;

Б) Ангезиши зеҳн. Ба фикри шумо, вазифаи ҷонишин дар ҷумла чист? Шунидани назари хонандагон. Баёни мавзӯъ аз ҷониби муаллим: Ҷонишин дар ҷумла ба вазифаи мубтадо, муайянкунанда, пуркунанда, ҳол ва хабар меоянд.

**Супориш:** иҷрои машқи 258

4. Ҷамъбаст ва арзёбӣ: (баргаштан ба мақсадҳои дарс)

5.Вазифаи хонагӣ: Иҷрои машқи 259

## 70. КОР БО МАТНИ АРИЗА
### (марҳилаи тағйирдиҳӣ ва таҳия) (дарси 1)

**Салоҳиятҳо**:

- тағйир додани (таҳрири) матни шифоҳӣ ва хаттӣ

**Мақсадҳои дарс. Хонандагон бояд**

- таҳияи қоида дар асоси «шиноснома»-ро аз худ кунанд;
- супоришҳоро бо мақсади санҷидани қоида иҷро намоянд;
- дар асоси таҳлили ғалатҳо ва тағйир додани матн ариза таҳия карда тавонанд;

**Маводи таълим:** китоби дарсӣ, варақаҳои таълим, матн

**Равиши дарс**:

1. Лаҳзаи ташкилии дарс. (Риояи одоби салом, баҳисобгирии давомот).
2. Пурсиши вазифаи хонагӣ:

А) Ба хотир овардани машғулияти гузашта оид ба таҳияи матни ариза дар мавзӯҳои гуногун.

Б) Ҳамчун намунаи дар тахтаи синф як аризаро овезон намуда «шиноснома» ва қоидаҳои асосии таҳияи аризаро муҳокима намудан.

3. Баёни мавзӯи нав.

А) Муаррифии мақсадҳои дарс;

Б) Ангезиши зеҳн. Чаро одамон ариза менависанд? Муҳокимаронии умумӣ.

**Кори дунафара**. Намунаи ариза

**Супориши № 1:** омода намудани ариза

**Кор дар гурӯҳҳои хурд.**

**Супориши №2**: Муаррифии матни ариза гурӯҳҳо ва баҳодиҳӣ ба аризаҳо аз рӯи «шиноснома».

- Таҳрир кардани матни ариза дар асоси қоида.
- Интихоби намунаи беҳтарини қоида:
  - Муроҷиат, ном;
  - Ба кадом сабаб;
  - Хоҳиш;
  - Хотима;
  - Ариза аз ҷониби кӣ навишта шудааст?

4. Ҷамъбаст ва арзёбӣ: (баргаштан ба мақсадҳои дарс)
5. Вазифаи хонагӣ. Таҳияи ариза вобаста ба мақсад.

## 70.КОР БО МАТНИ АРИЗА
### (марҳилаи тағйирдиҳӣ ва таҳия) (дарси 2)

**Салоҳиятҳо:**
- таҳияи матнҳои хаттӣ ва шифоҳӣ

**Мақсадҳои дарс. Хонандагон бояд**

- супоришҳоро бо истифодаи қоидаи таҳиягардида иҷро намоянд;
- бо истифода бурдани қоида ғалатҳоро ислоҳ кунанд;
- ғалатҳоро таҳлил намуда тағйир додани матни аризаро омӯзанд,

**Маводи таълим:** китоби дарсӣ, варақаҳои таълим, матн
**Равиши дарс**:

1. Лаҳзаи ташкилии дарс.(Риояи одоби салом, баҳисобгирии давомот)
2. Пурсиши вазифаи хонагӣ:

А) Ариза аз рӯйи мазмун ба кадом навъ ҷудо мешаванд?

Б) Дар матни ариза кадом аломатҳои китобатӣ истифода мешаванд?

3. Баёни мавзӯи нав.

А) Муаррифии мақсадҳои дарс ба хонандагон;

Б) Ангезиши зеҳн. Ариза дар куҷо истифода мешавад?

**Супориши №1**. Дар асоси «шиноснома»-и навъи додашуда қадамҳои пайдарпайро барои навиштани чунин ариза таҳия намоед.

**Супориши 2**. Дар гурӯҳи дунафара. Натиҷаҳои кори худро бо гурӯҳҳои дунафараи дигар, ки оид ба ҳамин навъи ариза кор мекунанд, муқоиса намоед;

**Супориши 3.**

А) Муаррифии матни аризаи гурӯҳҳо ва баҳодиҳӣ ба аризаҳо аз рӯи «шиноснома».

Б) Таҳрир кардани матни ариза дар асоси қоида.

В) Интихоби намунаи беҳтарин қоида:

1. Ном;
2. Ҳадафи ариза;
3. Мазмуни ариза;
4. Шахсияти аризадиҳанда;

4. Ҷамъбаст ва арзёбӣ: (баргаштан ба мақсадҳои дарс)

5. Вазифаи хонагӣ. Таҳияи матни ариза аз рӯйи қоидаҳои мазкур.

## 71. КОР БО МАТНИ ДАРХОСТ (марҳилаи таҳия)

**Салоҳиятҳо:**

- таҳияи матнҳои хаттӣ ва шифоҳӣ

**Мақсадҳои дарс. Хонандагон бояд**

- ➢ иҷрои супориш бо истифодаи қоидаи таҳиягардида;
- ➢ кор бо ҷамъоварии ғалат ва истифода бурдани қоида;
- ➢ кор оид ба таҳлили ғалатҳо ва тағйир додани қоидаҳо,
- ➢ иҷрои супориш бо истифодаи қоидаи таҳиягардида;

**Маводи таълим:** китоби дарсӣ, варақаҳои таълим, матн.

**Равиши дарс**:

1. Лаҳзаи ташкилии дарс. (Риояи одоби салом, баҳисобгирии давомот).

2. Пурсиши вазифаи хонагӣ.

3. Баёни мавзӯи нав.

А) Муаррифии мақсадҳои дарс;

Б) Ангезиши зеҳн. Одамон барои чӣ дархост менависанд?

**Супориши 1**.

Дар асоси «шиноснома»-и навъи додашуда қадамҳои пайдарпайро барои навиштани чунин дархост таҳия намоед.

**Супориши 2.** Дар гурӯҳи дунафара. Натиҷаҳои кори худро бо гурӯҳҳои дунафараи дигар, ки оид ба ҳамин навъ дархост кор мекунанд, муқоиса намоед;

**Супориши 3.**

А) Муаррифии матни дархости гурӯҳҳо ва баҳодиҳӣ ба дархостҳо аз рӯи «шиноснома».

Б) Таҳрир кардани матни дархост дар асоси қоида.

В) Интихоби намунаи беҳтарин қоида:

1. Номи дархосткунанда;
2. Макони навишта шудани дархост;
3. Мазмуни дархост;
4. Шахсе, ки дархост ба номи ӯ навишта шудааст;

4. Ҷамъбаст ва арзёбӣ: (баргаштан ба мақсадҳои дарс)

5. Вазифаи хонагӣ. Таҳияи матни дархост аз рӯйи қоидаҳои мазкур.

## 72. ТАКРОРИ МАВЗӮИ ҶОНИШИНҲО

**Салоҳиятҳо:**

-донистан ва ҷудо кардани ҳиссаҳои мустақили нутқ, хусусиятҳо, категорияҳои грамматикии онҳо, калимасозии ҳиссаҳои мустақили нутқ.

**Мақсадҳои дарс. Хонандагон бояд**

- тарзи талаффуз ва навиштан ҷонишинҳоро донанд;

-аз матн ҷонишинҳоро ҷудо карда тавонанд;

- ҷонишинро дар нутқи хаттӣ ва шифоҳӣ истифода карда тавонанд.

**Маводи таълим**: китоби дарсӣ, варақаи таълим, матн

**Равиши дарс:**

1. Лаҳзаи ташкилии дарс.(Риояи одоби салом, баҳисобгирии давомот).
2. Пурсиши вазифаи хонагӣ:

А) Соҳибият чи тавр ифода меёбад?

Б) Имлои ҷонишин чӣ гуна аст?

3. Баёни мавзӯи нав.

А) Муаррифии мақсади дарс ба хонандагон.

Б) Ангезиши зеҳн: Вазифаи синтаксии ҷонишинро маънидод кунед. Шунидани назари хонандагон. Баёни мавзӯъ аз ҷониби муаллим.

**Супориш:** иҷрои машқи 261

4. Ҷамъбаст ва арзёбӣ: (баргаштан ба мақсадҳои дарс)
5. Вазифаи хонагӣ: Иҷрои машқи 262

## 73. ДИКТАНТИ САНҶИШ

Омӯзгор метавонад, озодона матнро интихоб намояд, аммо ҳамгиро намудан бо мавзӯъҳои грамматикӣ муфидтар аст.

**Мақсадҳои таълимӣ:**

– мустаҳкамкунии малака ва маҳорати хонандагон оид ба ҷонишин,имлои ҷонишин, вазифаи ҷонишин дар ҷумла.

– ташаккули малакаи интиқоли нутқи шифоҳӣ ба нутқи хаттӣ.

**Маводи таълим**: маҷмӯи матни диктантҳо.

**Равиши дарс:**

1.Лаҳзаи ташкилии дарс (ҳисоботи навбатдор, қайди давомоти хонандагон)

2. Баёни мавзӯи нав. Шиносоӣ бо матни диктант.

- қироати матни интихобгардида ва омода намудани хонандагон ба навиштани диктант.

- қироати матни диктант ва риояи интонатсия дар ифодаи аломатҳои китобатӣ.

3. Ҷамъбаст ва арзёбӣ: (баргаштан ба мақсадҳои дарс)

4. Вазифаи хонагӣ: Бо ҷонишинҳо навиштани ҷумлаҳо.

## 74.ТАКРОРИ СОЛОНА (дарси 1)

**Салоҳиятҳо:**

-донистан ва ҷудо кардани ҳиссаҳои мустақили нутқ, хусусиятҳо, категорияҳои грамматикии онҳо, калимасозии ҳиссаҳои мустақили нутқ.

**Мақсадҳои дарс. Хонандагон бояд**

- тарзи талаффуз ва навиштан сифат ва ҷонишинро донанд;

-аз матн сифат ва ҷонишинро ҷудо карда тавонанд;

- сифат ва ҷонишинро дар нутқи хаттӣ ва шифоҳӣ истифода карда тавонанд.

**Маводи таълим**: китоби дарсӣ, варақаи таълим, матн

**Равиши дарс:**

1. Лаҳзаи ташкилии дарс.(Риояи одоби салом, баҳисобгирии давомот).

2. Пурсиши вазифаи хонагӣ:

А) Аз хонандагон пурсед, ки онҳо дар бораи сифат ва ҷонишин чиро дар хотир доранд?

Б) Хонандагон оид ба сифат ва ҷонишин, вазифаҳои онҳо дар ҷумла чӣ гуфта метавонанд?

3. Баёни мавзӯи нав.

А) Муаррифии мақсади дарс ба хонандагон.

Б) Ангезиши зеҳн: Ба фикри шумо ҳиссаҳои номии нутқ чиро ифода мекунад? Шунидани назари хонандагон. Баёни мавзӯъ аз ҷониби муаллим.

**Супориш:** иҷрои машқи 263

4. Ҷамъбаст ва арзёбӣ: (баргаштан ба мақсадҳои дарс)

5. Вазифаи хонагӣ: машқи 264.

## 74.ТАКРОРИ СОЛОНА (дарси 2)

**Салоҳиятҳо:**

-донистан ва ҷудо кардани ҳиссаҳои мустақили нутқ, хусусиятҳо, категорияҳои грамматикии онҳо, калимасозии ҳиссаҳои мустақили нутқ.

**Мақсадҳои дарс. Хонандагон бояд**

- тарзи талаффуз ва навиштан сифати феълӣ ва феъли ҳолро донанд;

-аз матн сифати феълӣ ва феъли ҳолро ҷудо карда тавонанд;

- сифати феълӣ ва феъли ҳолро дар нутқи хаттӣ ва шифоҳӣ истифода карда тавонанд.

**Маводи таълим**: китоби дарсӣ, варақаи таълим, матн

**Равиши дарс:**

1. Лаҳзаи ташкилии дарс. (Риояи одоби салом, ҳисобгирии давомот).

2. Пурсиши вазифаи хонагӣ:

А) Аз хонандагон пурсед, ки онҳо дар бораи сифати феълӣ ва феъли ҳол чиро дар хотир доранд?

Б) Хонандагон оид ба сифати феълӣ ва феъли ҳол, вазифаҳои онҳо дар ҷумла чӣ гуфта метавонанд?

3. Баёни мавзӯи нав.

А) Муаррифии мақсади дарс ба хонандагон.

Б) Ангезиши зеҳн: Ба фикри шумо барои чӣ сифати феълро ба сифат ва феъли ҳолро ба феъл мансуб медонанд? Шунидани назари хонандагон. Баёни мавзӯъ аз ҷониби муаллим.

**Супориш:** иҷрои машқи 265

4. Ҷамъбаст ва арзёбӣ: (баргаштан ба мақсадҳои дарс)

5. Вазифаи хонагӣ: машқи 267.

## 74.ТАКРОРИ СОЛОНА (дарси 3)

**Салоҳиятҳо:**

-донистан ва ҷудо кардани ҳиссаҳои мустақили нутқ, хусусиятҳо, категорияҳои грамматикии онҳо, калимасозии ҳиссаҳои мустақили нутқ.

**Мақсадҳои дарс. Хонандагон бояд**

- тарзи талаффуз ва навиштан шумора ва бандакҷонишинҳоро донанд;

-аз матн шумора ва бандакҷонишинҳоро ҷудо карда тавонанд;

- шумора ва бандакҷонишинро дар нутқи хаттӣ ва шифоҳӣ истифода карда тавонанд.

**Маводи таълим**: китоби дарсӣ, варақаи таълим, матн

**Равиши дарс:**

1. Лаҳзаи ташкилии дарс.(Риояи одоби салом, ҳисобгирии давомот).

2. Пурсиши вазифаи хонагӣ:

А) Аз хонандагон пурсед, ки онҳо дар бораи ҳиссаҳои номии нутқ чиро дар хотир доранд?

Б) Хонандагон ҳиссаҳои мустақили нутқ ва вазифаҳои онҳо дар ҷумла чӣ гуфта метавонанд?

3. Баёни мавзӯи нав.

А) Муаррифии мақсади дарс ба хонандагон.

Б) Ангезиши зеҳн. Ба фаҳмиши шумо, шумора аз нумератив фарқ дорад? Шунидани назари хонандагон. Баёни мавзӯъ аз ҷониби муаллим.

**Супориш:** иҷрои машқи 268

4. Ҷамъбаст ва арзёбӣ: (баргаштан ба мақсадҳои дарс)

5. Вазифаи хонагӣ: машқи 270.

# РОҲНАМОИ
# ФАННИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ
# СИНФИ 6-УМ

**барои омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ**


| | |
|---|---|
| Муҳаррир | Ю. Шерматов |
| Мусаҳҳеҳ | М. Саидова |
| Муҳаррири техникӣ | Н. С. Зайниддинов |
| Тарроҳ | М. Ҳакимова |

Ба чоп 06.07.2017 иҷозат дода шуд. Коғази офсет.
Чопи офсет. Андоза 60х84 1/8. Ҷузъи чопӣ 9,0
Адади нашр 4000 нусха.
Супориши № 135/2017

Муассисаи нашриявии «Маориф»-и
Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734024, ш. Душанбе, кӯчаи Аҳмади Дониш, 50.
Тел: 222-14-66,
E-mail: najmiddin64@mail.ru

Дар матбааи ҶДММ «Эр-Граф»
бо супориши №202 аз 26.08.2017 чоп шудааст.